Замимаи 1.

Натиҷаи гузаронидани арзёбии раванди рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он дар асоси маълумоти ҷамъбастӣ оид ба рушди иҷтимоию иқтисодии онҳо дар соли 2020 вобаста ба ташаккул ва татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи рушди маҳал.

## 1. Санадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Нишондоди иҷрои ваколати раиси вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он бо нишондиҳандаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ**

### 1.1. Таъмини расмиёти ҳуқуқии санадҳо

Давоми соли 2020 ба мақомоти иҷроияи маҳаллии давлатии вилояти Хатлон 30885 адад ҳуҷҷат ворид гардидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 4299 адад зиёд мебошад.

Дар ин давра, ба унвонии мақомот 43 адад Амру Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 101 адад қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 16 адад қарорҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 14 адад қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардида, 30 адад қарори дахлдори раиси вилоят қабул гардида, ба 15 адад қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот ирсол гардидааст.

Ҳамзамон аз ҷониби вилоят 121359 ҳуҷҷат ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазорату идораҳои ҷумҳурӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо, ташкилоту муассисаҳои вилоятӣ, бахшу шуъба ва раёсатҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят фиристонида шуданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 36513 адад зиёд мебошад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки маълумотҳои пешниҳоднамудаи вилояти Хатлон гуногун буда, маълумоти дақиқ пешниҳод карда нашудааст. Маълумотҳои пешниҳоднамудаи матнии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он ба таври бояду шояд пешниҳод гардида, аз маълумотҳои ҷадвалӣ ба куллӣ фарқ мекунанд.

Тибқи нақшаи кори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва нақшаи кори шуъбаи умумӣ ва махсуси дастгоҳи раиси вилоят масъалаи вазъи коргузорӣ ва гардиши ҳуҷҷатҳо мувофиқи талаботи Дастурамали коргузорӣ дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон санҷиш ва расонидани ёрии амалию методӣ дар раёсати хадамоти меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ дар вилояти Хатлон, раёсати маорифи вилоят, идораи хӯроквории, раёсати Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ, филиали муассисаи ҷумҳуриявии зотпарварӣ, хушзоткунӣ, бордоркунии сунъӣ ва хариду фурӯши чорвои зотӣ дар минтақаи Бохтар, кумитаи идораи давлатии замини вилоят, раёсати тандурустӣ, муассисаи давлатии идораи хоҷагии

роҳҳои автомобилгарди минтақаи Бохтар, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Шаҳритуз, Муъминобод, Кӯшониён ва Абдураҳмони Ҷомӣ гузаронида шуд. Дар ҳамкорӣ бо шуъба ва бахшҳо дар шаҳру ноҳияҳо семинарҳои омӯзишӣ оид ба корбарию коргузорӣ тибқи Дастурамали коргузорӣ дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят гузаронида шудаанд.

Дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят дар соҳаҳои иҷтимоӣ 15 адад Шӯро, комиссияҳои ҷамъиятӣ, доимӣ, барои нигоҳдории ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, дар соҳаҳои маориф, тандурустӣ, занон, ҳуқуқи кӯдакон, ҷавонону варзиш, рушди туризм, ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, пешгирӣ ва суистеъмоли маводи нашъаовар ва такмили ёрии наркологӣ ва татбиқи қонунҳои забони давлатӣ, танзими анъана ва ҷашну маросимҳо фаъолият доранд.

Ҳисоботи пешниҳоднамудаи шаҳрҳои Кӯлоб, Норак, ноҳияҳои А.Ҷомӣ, Вахш, Восеъ, Дӯстӣ, Панҷ, Темурмалик, М.А.Ҳамадонӣ, Н.Хусрав, Ш.Шоҳин, Шаҳритуз ва Данғара ба талаботи супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 марти соли 2019, № 3111 (24.2) ҷавобгӯ набуда, дар ҳисоботи пешниҳоднамудаи ноҳияи Данғара доир ба масъалаи мазкур маълумот пешниҳод нашудааст.

Аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ховалинг бошад, ҷамъбасти фаъолияти соли 2019 пешниҳод карда шудааст.

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.04.2020, №244 «Дар бораи ворид намудани тағйир ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.07.2017, № 358» дар Дастурамали намунавии коргузорӣ дар мақомоти давлатӣ, муассиса, корхона ва дигар ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуруфи (шрифти) «Times New Roman Tj» ба ҳуруфи «Times New Roman» бо истифодаи алифбои тоҷикӣ иваз карда шудааст, ки дар ҳисоботҳои пешниҳоднамудаи шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон ин меъёр ба инобат гирифта нашудааст.

Гарчанде, дар ҳисоботи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Хуросон қайд гардидааст, ки қарорҳои раиси ноҳия, ахбороту маълумотномаҳо ва умуман тамоми ҳуҷҷатгузории Дастгоҳи раиси ноҳия, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия ва ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳия пурра бо забони тоҷикӣ бурда шуда, чопи ҳуҷҷатҳо ба андозаи 14 ва 16-и ҳуруфи «Times New Roman» ба табъ мерасанд, аммо ҳисоботи мазкур ҳуруфи (шрифти) «Times New Roman Tj» омода ва пешниҳод гардидааст.

Бо назардошти риоя нагаштани супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 марти соли 2020, №363(24.2) дар мақомотҳои иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон, пурра ба талабот ҷавобгӯ набудани он пешниҳод менамоем, ки дар вилояти Хатлон бо масъулини соҳа семинари омӯзишӣ гузаронида шуда, ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои дарҷгардида чораҳои саривақтӣ андешида шаванд.

Ҷиҳати иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17.01.2020 с., №АП-1325 “Дар бораи Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои

вазифаҳое, ки дар паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2019 с., “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии ҷумҳурӣ” зикр гардидаанд қарори раиси вилояти Хатлон ва дар ин замина, қарорҳои раисони шаҳру ноҳияҳои вилоят бо нақша - чорабиниҳо ба тавсиб расидааст, ки расмиёти ҳуқуқии иҷрои супоришҳои Нақша - чорабинии Амр бо муайян намудани тадбирҳо ва вазифаҳои воҳидҳои сохторӣ, ташкилотҳо таъмин карда шудааст.

**2. Маълумот оид ба ҷараёни иҷрои тадбирҳои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ бо роҳи таъмини волоияти қонун:**

**2.1. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ»:**

**2.1.1. Раванди амалишавии Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он**

Бо қарори Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон аз 23 декабри соли 2015, №105 Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон барои солҳои 2016-2020 тасдиқ гардидааст, ки 279 лоиҳа ба маблағи 10951,8 миллион сомониро дар бар мегирад. Аз давраи амалишавии барнома иҷрои 81 лоиҳа ба маблағи 10951,8 миллион сомонӣ таъмин гардидааст, ки 96,6 фоизро ташкил дода, дар 48 лоиҳаҳои дигар корҳо идома доранд.

Ба ҳолати 1 январи соли 2021 дар 25 шаҳру ноҳияҳои вилоят Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ мавриди амал қарор дошта, 21 барнома дар сатҳи маҳал бо қарорҳои Маҷлиси вакилони халқи шаҳру ноҳияҳо тасдиқ гардида буданд.

Ҳамчунин барномаҳои 4 шаҳру ноҳияҳо, аз ҷумла Кӯлоб, Норак, Хуросон ва Қубодиён бо қарорҳои дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст.

Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Кӯлоб барои солҳои 2020-2025 таҳия гардида, 221 лоиҳа ба маблағи 6,9 миллиард сомонӣ пешбинӣ шуда, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июни соли 2020, №389 қабул шуд.

Дар таъмини самаранокии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ доир ба амалишавии барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он нишондиҳандаи баланд дар азхудкунии маблағҳои ба нақша гирифта шуда дар шаҳру ноҳияҳои Ёвон (2016-2020) 305,8%, Муъминобод (2016-2020) 78,8%, Бохтар (2016-2020) 78,0%, Шаҳритуз (2016-2020) 76,4%, Фархор (2016-2020) 75,9%, Норак (2016-2020) 74,8%, Вахш (2016-2020) 78,0%, Ҷ. Балхӣ (2016-2020) 67,0%, М.С.А. Ҳамадонӣ (2016-2020) 68,6%, Дӯстӣ (2016-2020) 54,4%, Қубодиён (2016-2020) 50,0% ва Ҷайҳун (2016-2020) 51,0% ба назар расида, дар сатҳи муайян барои пешрафти иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат намудааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Қубодиён (2016-2020) 50,0%, Балҷувон (2016-2020) 44,1%, Шамсиддин Шоҳин (2016-2020) 48,0%, Левакант (2016-2020) 41,0%, Хуросон (2016-2020) 39,6%, Восеъ

(2016-2020) 36,4%, А.Ҷомӣ (2016-2020) 24,6%, Кушониён (2016-2020) 28,8% ва Панҷ (2019-2020) 29,0% буда, барои истифодаи захираҳои табиӣ, моддӣ ва молиявии ин шаҳру ноҳияҳо тақвият додани фаъолиятро дар самти азхудкунии маблағҳо тақозо менамояд.

Тибқи маълумотҳои шаҳру ноҳияҳои вилоят аз тарафи Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаҳои Барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои Бохтар, Левакант, Норак, Хуросон, Ёвон, Темурмалик, Вахш, Данғара, Восеъ, Балҷувон, Муъминобод, Фархор, Ш. Шоҳин, А.Ҷомӣ, Носири Хусрав, Кӯшониён, Ҷ. Балхӣ, Қубодиён, Ҷайҳун, Панҷ, Шаҳритуз, Кӯшониён, М.С.АҲамадонӣ ва Дӯсти барои солҳои 2021-2025 дастгирӣ ёфта, Маҷлисҳои вакилони халқи вилоят ва шаҳру ноҳияҳо дар охирҳои моҳи декабри соли 2020 тасдиқ гардидааст.

Пешниҳод**:** Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои онро лозим аст, ки дар ҳамкорӣ бо Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шарикони рушд барои баланд бардоштани дараҷаи амалигардонии лоиҳаҳо, аз ҷумла лоиҳаҳое, ки иҷрои он аз ҷониби мақомоти марказии дар Барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии нав қабулшуда пешбинӣ гардида, ба роҳ мондани фаъолияти гуруҳи корӣ оид ба мониторинг ва арзёбии барномаҳо, барои истифодаи натиҷаи фаъолияти онҳо дар татбиқи сиёсати соҳавии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ мусоидат намоянд.

**2.1.2. Ҳолати ҳамкорӣ ва дастгирии мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин ҳаҷми кӯмак молиявӣ ва иқтисодӣ аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ ба мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот барои амалӣ намудани вазифаҳои онҳо бо дарҷи номгӯи вазифаҳои маблағгузоришаванда.**

Дар соли 2020 дар самти ҳамкорӣ ва дастгирии мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин ҳаҷми кӯмаки молиявӣ ва иқтисодӣ аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ ба мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот барои амалӣ намудани вазифаҳои маблағгузоришуда аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Балҷувон 245 ҳазор сомонӣ ба мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ маблағ равона гардидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 64,0 ҳазор сомонӣ зиёд буда, ба самаранокии фаъолияти ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳоти ин шаҳру ноҳияҳо мусоидат намудааст.

Мутаассифона оид ба дастгирии мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин кумаки молиявӣ ва иқтисодӣ аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ ба мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот барои амалӣ намудани вазифаҳояшон дар соли 2020 маблағгузорӣ нашудааст.

Пешниҳод: Ба истисноии ноҳияи Балҷувон мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии дигар шаҳру ноҳияҳоро зарур аст, ки ҷиҳати дастгирии

мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, расонидани кӯмакҳои молиявӣ аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ барои амалӣ намудани вазифаҳои онҳо чораҳои амалӣ андешида, вобаста ба масъалаи зикргардида маълумотҳои мушаххас ва дақиқ пешниҳод намоянд.

**2.1.3. Натиҷаи баррасӣ ва ҷараёни ҳалли муроҷиатҳои шаҳрвандон ба МИМҲД, инчунин аз ДИПҶТ ирсол гардида (банди 59 паём).**

Шумораи умумии муроҷиатҳои шаҳрвандон дар дувоздаҳ моҳи соли 2020 дар вилоят 2165 ададро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 35 адад зиёд гардидааст.

Дар маҷмуъ ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилоят дар ин давра 60538 муроҷиатҳои хаттӣ ворид гардидааст.

Шумораи баланди муроҷиатҳои шаҳрвандон дар шаҳру ноҳияҳои Ёвон 5289 адад ба қайд гирифта шуда, нисбати ҳамин давраи соли гузашта 128 адад зиёд гардидааст, ки ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Темурмалик +593 (1854 адад), Ҷайҳун +530 (2456 адад), Ҳамадонӣ +441 (1977 адад), Норак +303 (1511 адад), Балҷувон +178 (1335 адад), Муъминобод +294 (2226 адад) , Хуросон +53 (1108 адад) ваФархор +731 (4709 адад)-ро ташкил додааст, ки зиёд гардидани мушкилотҳои иҷтимоию иқтисодии аҳолии ин шаҳру ноҳияҳоро инъикос менамояд.

Ҳамзамон, муроҷиатҳои умумии шаҳрвандон дар шаҳру ноҳияҳои Вахш -1098 ( 2801 адад), Кӯлоб -980 (2790 адад), Қубодиён -1372 (4800 адад), Панҷ -467 (2074 адад), Н. Хусрав -341 (1307 адад), Данғара -241 (559 адад), Дустӣ -287 (3076 адад), Восеъ -201 (1801 адад), ва Леваканд -330(781адад) нисбати соли гузашта кам гардидааст, ки аз сари вақт баррасӣ гардидани муроҷиатҳо, ҳал намудани мушкилотҳо дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо ва дуруст ба роҳ мондани фаъолият дар ин самт шаҳодат медиҳад.

**Ҳолати воқеии таҳлили таркибии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар шаҳру ноҳияҳо**

Таҳлилҳо муайян намуд, ки муроҷиати бисёри шаҳрвандон оид ба гирифтани қитъаи замини наздиҳавлигӣ рост омада, ин нишондод дар соли 2020 дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 15422 ададро ташкил намуда, нисбат ба ҳамин давраи соли 2019 635 адад зиёд гардидааст.

Шумораи баланди муроҷиатҳои шаҳрвандон дар ноҳияи Ҷайҳун 959 адад вобаста ба гирифтани қитъаи замин ба қайд гирифта шуда, нисбати ҳамин давраи соли гузашта 553 адад зиёд гардидааст ва чунин ҳолат дар шаҳр ва ноҳияҳои Темурмалик + 341 (816 адад), Ёвон +126 (677 адад), Ҳамадонӣ +372 (790 адад), Шаҳритуз +154 (766 адад), Хуросон +116(528 адад), Ш.Шоҳин +315 (765 адад), Муъминобод +181(1160 адад), Фархор+280 (1173 адад), Ховалинг +26 (506 адад) Ёвон +126 (677 адад) ва Балҷувон +21 (563 адад) ба назар расида, барои беҳтар намудани таъминоти аҳолии ин шаҳру ноҳияҳо бо манзили зист, андешидани

чораҳои иловагиро тақозо менамояд.

Ҳамзамон, вазъи муроҷиатҳои шаҳрвандон дар шаҳр ва ноҳияҳои Восеъ -126 (422 адад), Кӯлоб -181 (5231 адад), Дӯстӣ -37(1179 адад), Н. Хусрав -281 (688 адад), Кушониён -153 (945 адад), А. Ҷомӣ -590 (890 адад)-ро ташкил додааст, ки аз беҳтар гардидани таъминоти аҳолии ин шаҳру ноҳияҳо бо манзили зист шаҳодат медиҳанд.

Дар давраи ҳисоботӣ шумораи муроҷиати шаҳрвандон, ки аз Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вилоят ворид гардидааст 1423 ададро ташкил додааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2019, 32 адад зиёд гардидааст.

Шумораи муроҷиатҳо аз Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳр ва ноҳияҳои Кушониён -32 (137 адад), Вахш -11 (56 адад), Норак -12 (12 адад), Ш. Шоҳин -10 (22 адад), Муъминобод -14 (50 адад), Восеъ -8 (67 адад) Балҷувон -10 (15 адад), Қубодиён -4 (31 адад), Норак -12 (12 адад), Бохтар -3 (82 адад), Ҳамадони – 10 (54 адад), А. Ҷомӣ – 6 (36 адад) ва Балҷувон -1 (4 адад) кам гардидааст, ки самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр ва ноҳияҳо дар ҳалли саривақтии масъалаҳо дар сатҳи зарурӣ таъмин карда шудааст.

Дар шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб +56 (265 адад), Ҷ. Балхӣ +5 (7 адад), Дӯстӣ +12(21адад), Ховалинг +9 (18 адад), Ҷайҳун +4 (29 адад), Хуросон +11 (41 адад), Данғара +6 (39 адад), Шаҳритуз +4 (75 адад), Ховалинг +2 (11 адад) ва Леваканд+1 (17 адад) Носири Хусрав, +3 (18 адад), Ёвон +13(117 адад),Лекваканд +4 (23 адад) ва Фархор +7 (59 адад) нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта зиёд гардидааст, ки андешидани тадбирҳои иловагиро оид ба ҳалли саривақтии муроҷиатҳои шаҳрвандонро талаб менамояд.

### 2.2. (2.2.1) Риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”

### 2.2.1. Натиҷаи фаъолияти комиссияҳо ва чорабиниҳои амалишуда дар асоси протоколи Маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.05.2016 с, №7 банди 4 (оид ба масъалаи номгузории анъанавӣ дар тамоми шаҳру ноҳияҳо)

Фаъолияти комиссияҳо оид ба татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он тибқи тартиби муқарраргардида дар асоси Низомномаи он ба роҳ монда шудааст.

Бояд қайд намуд, ки дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр ва ноҳияҳои вилоят, пешниҳоди маҷлиси вакилони халқи шаҳр ва ноҳияҳо ҷиҳати ба меъёрҳои муосир номгузорӣ намудани объектҳои ҷуғрофие, ки хилофи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” мебошанд ба қайд гирифта нашудааст.

Бо мақсади тарғиби забони давлатӣ ва поку беолоиш нигоҳ доштани он нақшаи муштарак таҳия гардида, дар ҳамкорӣ бо васоити ахбори омма дар тарғиби пойдории забони давлатӣ мавриди корбарӣ қарор дода шудааст.

Натиҷаи корҳои анҷомдодашудаи комиссияи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он оид ба татбиқи Қонуни мазкур барои баланд бардоштани рамзи муҳими давлатдории тоҷикон мусоидат намудааст.

Мутобиқи маълумоти Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июни соли 2020, №1-5/662 аз ҷониби мутахассисони Кумита ба 644 (аз ҷумла вилояти Хатлон 135 адад) номи мавзеъҳои ҷуғрофии ғайримеъёрии ҳудуди шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, аз ҷумла, номи чарогоҳҳо, дараҳо, кулҳо, дарёҳо, обанборҳо, чашмаҳо ва ағбаҳо тавзеҳнома навишта шуда, ба Кумитаи идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуданд.

## 2.3. (2.3.1) Риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд”

### 2.3.1. Натиҷаи фаъолияти комиссияҳо ва чорабиниҳои амалишуда, тамоюли ҷинояткорӣ байни ноболиғон (банди 81 паём).

Ҷиҳати иҷрои фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 феврали соли 2017, №835 «Дар бораи тадбирҳои иловагӣ оид ба иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва таъсиси комиссияҳои ҷамъиятӣ оид ба амалигардонии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» қарори Раиси вилоят аз 28 феврали соли 2017, №54 ва нақшаи чорабиниҳо ба тавсиб расида, дар асоси он дар ҳудуди шаҳр ва ноҳияҳои вилоят 2886 адад комиссияҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла 289 адад дар сатҳи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, 1187 дар мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ ва 1410 адад дар сатҳи мақомоти худидоракунии муассисаҳои таълимӣ оид ба амалигардонии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» таъсис дода шудаанд, ки дар асоси қарор, низомномаи намунавӣ ва нақша-чорабиниҳо фаъолият намуда истодаанд.

Аз ҷониби комиссияҳои мазкур дар шаҳру ноҳияҳои вилоят зиёда 5387 маротиба сӯҳбату вохӯриҳо дар ташкилоту муассисаҳо, муассисаҳои таълимӣ ва маҳалли зисти шаҳрвандон ва 1256 амалиёти муштараки мақсадноки профилактикӣ дар кӯчаю бозорҳо, марказҳои бозиҳои компютерии шаҳру ноҳияҳои вилоят гузаронида шудааст.

Дар баробари корҳои ба анҷом расонидашуда дар фаъолияти комиссия ва мақомоти ба таъмини ҳифзи ҳуқуқи кӯдак дахлдори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии баъзе аз шаҳру ноҳияҳо камбудиҳо низ ҷой доранд. Гарчанде сатҳи ҷиноятсодиркунӣ дар байни ноболиғон дар соли 2020 дар вилоят 14 ҳолат кам гардида бошад ҳам, вале болоравии сатҳи ҳолатҳои ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷиноятсодиркунӣ аз ҷониби ноболиғон, аз ҷумла ҷиноятсодиркунӣ аз тарафи ноболиғон дар шаҳру ноҳияҳои Левакант (+1),

Носири Хусрав (+2), Хуросон (+4), Қубодиён (+2), Ҷ. Балхӣ (+7), Норак (+4), Панҷ (+1), А. Ҷомӣ (+4), Балҷувон (+2), Данғара (+4), Муъминобод (+12), Фархор (+7), ба худкушӣ даст задани ноболиғон дар шаҳру ноҳияҳои Левакант (+3), Вахш (+2), Носири Хусрав (+2), Кӯшониён (+2), Хуросон (+1), Қубодиён (+1), Шаҳритуз (+2), Кӯлоб (+2), Темурмалик (+2), Фархор (+2), ҷой доштани ҳолатҳои монеъ шудан ба гирифтани таҳсилоти асосӣ дар шаҳру ноҳияҳои Левакант 2(3), Вахш 5(9), Носири Хусрав 2(2), Кӯшониён 10(13), Хуросон 2(4), Дӯстӣ 2(2), Ҷ. Балхӣ 3(3),Ҷайҳун 1(2), Панҷ 3(4), Шаҳритуз 1(1), Кӯлоб 1(4), Муъминобод 1(1), Фархор 2(2) ва Ховалинг 2(2), таълимоти ғайриқонунии динӣ дар шаҳру ноҳияҳои Бохтар 3 ҳолат ( бо фарогирии 9 нафар), Вахш 1(2), Дӯстӣ 1(9), Қубодиён 1(3), Ҷ.Балхӣ 2(6), Норак 2(5) ва А. Ҷомӣ 2(6) аз фаъолияти суст ва нокифояи комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдак ва мақомоти дахлдори ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои зикргардида дар самти таъмини иҷрои вазифа ва уҳдадориҳои базиммадоштаашон шаҳодат медиҳад.

## 2.4. (2.4.1) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим”

Айни замон, дар вилоят 26 комиссияҳои доимии вилоятӣ, шаҳриву ноҳиявӣ, 155 комиссияҳо и доимии ҷамоатҳои шаҳраку деҳот, 1753 адад комиссияҳои ҷамъиятӣ оид ба танзими анъана ва ҷашну маросим аз ҷумла 87 адад комиссияҳои ҷамъиятӣ оид ба танзими анъана ва ҷашну маросими ташкилоту муассисаҳои вилоятию минтақавӣ , инчунин, 1666 адад чунин комиссияҳои ҷамъиятӣ дар шаҳру ноҳияҳо амал карда истодааст.

Дар давраи ҳисоботӣ дар ҳудуди шаҳр ва ноҳияҳои вилоят 41756 адад маърака баргузор гардидааст, ки аз ин шумора 37908 ададашро туйҳои домодию арӯсӣ ташкил додааст.

Дар ин давра дар вилоят 154 ҳолати қонуншиканиҳо ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта -14 ҳолат кам мебошад.

Қонуншиканиҳои бақайдгирифташуда дар шаҳр ва ноҳияҳои Восеъ +8 (8 ҳолат), А.Ҷомӣ +23 (34 ҳолат), Балхи +2 (12 ҳолат), Леваканд +1 (6 ҳолат) ва Ш.Шоҳин +2 (4 ҳолат) ба амал омадааст, ки пурзӯр намудани тарғиботу ташвиқот аз ҷониби коммисияҳои ин шаҳру ноҳияҳо вобаста ба масъалаи мазкур ба миён омадааст.

Ҳамин нишондиҳандаҳо дар шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб -6 (5 ҳолат), Хуросон -1 (16 ҳолат), Дӯстӣ -6 (3 ҳолат), Ҳамадонӣ -3 (8 ҳолат), Ёвон -2 (7 ҳолат), Фархор -4 (5 ҳолат), Данғара -2 (9 ҳолат), қонуншиканиҳо кам ба қайд гирифта шудаанд, ки самаранокии фаъолияти коммисияҳои ин шаҳру ноҳияҳо таъмин карда шудааст.

Хароҷоти аз ҳама баланд барои баргузории як маърака ба ҳисоби миёна дар шаҳр ва ноҳияҳои Хуросон 5620 сомонӣ, Ёвон 4501 сомонӣ, Темурмалик 4021 сомонӣ, А. Ҷомӣ 4320 сомонӣ, Кӯлоб 4097 сомонӣ ва Бохтар 4275, сомонӣ ба мушоҳида мерасад.

Ин нишондиҳанда дар шаҳр ва ноҳияҳои Дустӣ 2386 сомонӣ, Шаҳритуз 2482 сомонӣ, Норак 2307 сомонӣ, Ш Шоҳин 2155 сомонӣ, Норак 2307 сомонӣ ва Балҷувон 2318 сомониро ташкил додааст.

Сабабҳои тафовути хароҷоти як маърака байни шаҳру ноҳияҳо омӯзиши худро аз ҷониби мақоми ваколатдори соҳа талаб намуда, диққати комиссияҳои шаҳру ноҳияҳо ба ҳисобу китоби хароҷоти як маърака талаб карда шаванд.

**2.5. (2.5.1. 2.5.2.) Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10.07.2017 с., №344 «Дар бораи Қоидаҳои ягона барои сомонаҳои расмии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар Шабакаи интернет»:**

Дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ҳудуди вилоят 2693 адад компютер мавҷуд буда, аз он 1652 адади он коршоям, шумораи компютерҳои корношоям 1041 адад ё 39,0%-ро ташкил додааст, инчунин 1312 принтер истифода бурда шуда истодааст. Шумораи нуқтаҳои дастрасӣ дар вилоят ба шабакаи Интернет 252 ададро ташкил додааст.

Нишондиҳандаи корношоямии компютерҳо дар шаҳру ноҳияҳои Муъминобод 20 адад (корношоям) 48%, Норак 14 адад 24% , А.Ҷомӣ 10 адад 21% , Бохтар 10 адад 20% , Ховалинг 5 адад 17%, Темурмалик 8 адад 16% , Ш.Шоҳин 8 адад 11% , Панҷ 5 адад 11% , Н.Хусрав 4 адад 11% ва Данғара 8 дад 11% ро ташкил дода, ба самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо таъсири манфӣ расонидааст.

Айни замон дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон 2 сомонаи расмӣ, шаҳру ноҳияҳо ва ташкилоту муассисаҳо зиёда аз 45 сомонаҳои расмӣ кушода шуда, фаъолият доранд.

Дар ноҳияи Ёвон 12 адад нуқтаҳои дастрасӣ ба интернет ва 1 сомонаи мақомот фаъолият менамояд, ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Қубодиён 10 нуқта/1 сомона, Кӯшониён 9 нуқта/1 сомона, Левакант 5 нуқта/1 сомона, Ш.Шоҳин 8 нуқта 1 сомона, Ҳамадонӣ 4 нуқта/1 сомона, Дӯстӣ 7 нуқта/1 сомона, Данғара 2 нуқта/1 сомона, Бохтар 7 нуқта/1 сомона, Восеъ 19 нуқта/1 сомона, Ховалинг 2 нуқта/ 1сомона, Кӯлоб 9 нуқта /1 сомона, Ҳамадонӣ 4 нуқта /1 сомона, Вахш 3 нуқта ва 1 сомона, Фархор 2 нуқта/1 сомона, Н. Хусрав 1 нуқта ва 1 сомона, Муъминобод 2 нуқта/1 сомона ва А.Ҷомӣ 1 нуқта/1 сомона мавҷуд буда, барои зиёд намудани нуқтаҳои пайвастшавӣ ба интернет беҳтар намудани фаъолиятро тақозо менамояд.

Нуқтаҳои дастрасӣ ба интернет ва сомонаҳои мақомотҳо нисбат ба аввали соли 2020 бетағйир боқӣ мондааст.

Натиҷаи таҳлил муайян намуд, ки рафти иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июли соли 2017, №344 «Дар бораи Қоидаҳои ягона барои сомонаҳои расмии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар шабакаи “Интернет” дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон хусусан дар

мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳоти он дар сатҳи нокифоя буда, пурзӯр намудани корҳо дар ин самт зарур мебошад.

### 2. Маълумот оид ба ҷараёни иҷрои тадбирҳои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ бо роҳи таъмини волоияти қонун:

**2.6.** **(2.6.1, 2.6.2)** **Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ»:**

Давоми соли 2020 ҷиҳати иҷрои талаботи моддаи 18-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва тибқи муқаррароти банди 11-и Низомнома дар бораи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон 49 маротиба озмун гузаронида шудааст.

Аз ҷумла, дастгоҳи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон 2 маротиба, шаҳрҳои Кӯлоб 4 маротиба, Бохтар 1 маротиба, ноҳияҳои Ш.Шоҳин 13 маротиба, Восеъ 5 маротиба, Фархор 5 маротиба, Ёвон 4 маротиба, Қубодиён 4 маротиба, Темурмалик 4 маротиба, М.А.Ҳамадонии 3 маротиба, Вахш 2 маротиба ва Муъминобод 2 маротиба озмуни мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ гузаронида шудааст, ки барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ мусоидат намуда, амалигардонии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» таъмин карда шуда, 161 нафар мутахассисони болаёқат ва соҳибихтисос тариқи шаффофият мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатиро ишғол намуда, фаъолияти кории худро пеш бурда истодаанд. Ҳамзамон, дар шаҳри Кулоб 6 нафар (нимсола 16) ва дар ноҳияи Ш.Шоҳин 12 (нимсолаи аввал 18 нафар) тариқи интихобӣ ба мансабҳои дахлдор интихоб гардида, 2 нафар дар ноҳияи Вахш бо назардошти ба синни ниҳоӣ расидан ба нафақа гусел карда шуданд.

Вобаста ба масъалаҳои дарҷгардида дар ҳисоботҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳрҳои Левакант, Норак, ноҳияҳои А.Ҷомӣ, Балҷувон, Данғара, Дӯстӣ, Кушониён, Н.Хусрав, Панҷ, Хуросон, Ҷайҳун, Ҷ.Балхӣ ва Шаҳритуз маълумот дода нашудааст. Камбудии мазкур давоми соли 2020 (ҳар семоҳа) низ дарҷ гардида буд, аммо мутаассифона то инҷониб ислоҳ нашудааст.

Дар ҳисоботи пешниҳоднамудаи вилояти Хатлон барои ишғоли 15 мансаб 2 маротиба озмун эълон гардида бошад ҳам, аммо аз натиҷааш маълумот пешниҳод нашудааст.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Бохтар давоми соли 2020 ҳамагӣ 1 маротиба нимсолаи якум озмун гузаронида, 6 нафар ба мансаб таъин гардидаанд, аммо дар ҷамъбасти сол бошад, дарҷ гардидааст, ки 8 нафар таъин гардидаанд.

Аз ҳисоботи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ёвон бармеояд, ки давоми сол 4 маротиба озмун баргузор гардида, 23 ба мансаб таъин гардидаанд, ҳол он, ки дар семоҳаи сеюм 3 маротиба озмун баргузор гардида, 23 нафар ба мансаб таъин гардида буданд. Ё худ гарчанде

дар ноҳияҳои Қубодиён 4 маротиба, Муъминобод 2 маротиба, Темурмалик 4 маротиба, М.А.Ҳамадонӣ 3 маротиба озмун баргузор гардида бошад ҳам, шумораи ба мансаб таъингардида нишон дода нашудааст. Камбудии мазкур аз аввали соли 2020 то инҷониб ҳалли худро наёфтааст.

Ҳисоботи пешниҳоднамудаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Ховалинг оид ба фаъолияти соли 2019 –ро дарбар мегирад.

Гарчанде дар шаҳри Кулоб 4 маротиба озмун гузаронида шуда, 25 нафар ба мансаб таъин гардида бошанд ҳам, тариқи интихобӣ 6 нафар дар мансабҳои интихобӣ фаъолият доранд, ҳол он, ки дар ҳисоботи нимсола 16 нафар тариқи интихобӣ ба мансаб таъин гардидааст.

Ҳамзамон, дар ноҳияи Вахш дар давраи ҳисоботӣ мутобиқи моддаи 41 ду нафар хизматчии давлатӣ ба нафақа гусел карда шудаанд. Дар ҳисоботҳои дигар шаҳру ноҳияҳо маълумот пешниҳод карда нашудааст.

Бо мақсади иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиб ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ» давоми соли 2020 дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон 53 нафар ва ноҳияи Ёвон 28 (дар семоҳаи дуюм ва сеюм 48 дарҷ гардида буд) нафар ба аттестатсия фаро гирифта шуда, доир ба натиҷаи баргузории аттестатсия маълумот дода нашудааст. Ҳамзамон дар давраи ҳисоботӣ дар ноҳияи Фархор низ аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ баргузор гардида, нисбати он маълумот дода нашудааст.

Инчунин дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ 18 нафар ба аттестатсия фаро гирифта шуда, ба мансаб мувофиқ дониста шудаанд.

Бо мақсади тақвияти раванди интихоби кадрҳои соҳаи хизмати давлатӣ бо роҳи арзёбии сифатҳои касбӣ ва қобилияти кории довталабон бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 феврали соли 2020, №1458 ба фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 марти соли 2016, №647 ба Низомнома дар бораи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст.

Аз ҳисоботи пешниҳоднамудаи ноҳияи Панҷ бармеояд, ки вобаста ба баргузории озмунҳо то ҳол аз Низомномаи пешин, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20.05.2009, №659 тасдиқ шудааст, истифода бурда мешавад. Ҳол он, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 марти соли 2016, №647 «Низомнома дар бораи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ» тасдиқ карда шуда, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 майи соли 2009, №659 «Дар бораи тасдиқи Низомномаи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ» аз эътибор соқит дониста шудааст. Камбудии мазкур низ тӯли 2 сол пешниҳод гашта истодааст, аммо аз ҷониби мақомоти дарҷгардида чораандешӣ нашудааст.

Давоми соли 2020 дар ноҳияи Қубодиён 5 нафар, ноҳияи Хуросон 1 нафар ва ноҳияи Шаҳритуз 8 нафар хизматчиёни давлатӣ ба курсҳои такмили ихтисос фаро гирифта шудаанд. Мутаассифона дар ҳисоботҳои дигар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон вобаста ба бозомузӣ ва курсҳои

такмили ихтисос фаро гирифта шудани хизматчиёни давлатӣ маълумот пешниҳод нагардидааст.

Тибқи санадҳои ба имзо расонидашуда дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон машғулиятҳо ва хонишҳои идоравӣ гузаронида мешаванд, ки ҷиҳати баланд бардоштани савияи дониши хизматчиёни давлатӣ нигаронида шудааст. Маълумоти мазкур дар ҳисоботи мақомотҳои иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон, шаҳри Леваканд, ноҳияҳои Восеъ, Кушониён, Қубодиён, Ш.Шоҳин ва Шаҳритуз дарҷ гардидаасту халос.

Дар асоси ҳисоботҳои пешниҳодгардида ба ҳолати 01.01.2021 ноҳияи Вахш 28 мансаби холӣ (13 мансаби он аз ҳисоби ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот), ноҳияи Шаҳритуз 22 мансаб (17 ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот) мебошанд. Дар ҳисоботҳои боқимонда шаҳру ноҳияҳо доир ба масъалаи мазкур маълумот пешниҳод нашудааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бештари ҳисоботҳои шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон тибқи шакли пешин омода гардида, маълумотҳои зарурӣ дақиқ пешниҳод карда нашудаанд.

Ҷиҳати хубтару беҳтар ба роҳ мондани коргузорӣ дар вилояти Хатлон пешниҳод карда мешавад, ки бо иштироки намояндагони масъули шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон семинари омӯзишӣ ташкил карда шуда, тартиби пешниҳоди ҳисоботҳо фаҳмонида шуда, таҷрибаи вилояти Суғд дар вилояти Хатлон ба роҳ монда шавад, яъне масъули вилоят тамоми ҳисоботҳои шаҳру ноҳияҳоро аз назар гузаронида, дар якҷоягӣ ба Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд.

Дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он комиссия оид ба одоби хизматчиёни давлатӣ таъсис дода шуда, фаъолияти кори комиссияи номбурда дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2015, №591 «Дар бораи Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба роҳ монда шуда, ҳар семоҳа тибқи тартиби муқарраргардида ҷаласаҳои хешро баргузор менамоянд.

**3. Маълумот оид ба иҷрои даромад ва хароҷоти буҷет,**

**3.1. Таҳлили иҷрои қисми даромад ва хароҷоти буҷет, афзоиш, коҳиш нисбат ба давраи ҳисоботии соли гузашта, 3.2. Чораҷӯӣ ҷиҳати сифатнок таъмин намудани қисми даромади буҷети давлатӣ, 3.3. Мавҷудияти бақия аз рӯи намуди андозҳои пардохтнашуда ва корҳои анҷомдодашуда дар самти коҳиш додани бақияҳо, 3.4. Мавҷудияти қарзи музди меҳнат, 3.5. Тамоюли афзоиш ё камшавии музди миёнаи меҳнат, 3.6. Чораҳои андешидашуда ҷиҳати дарёфти манбаҳои нави андозбандӣ, 3.7. Мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳа ва пешниҳод барои ҳалли онҳо.**

**3.1. Таҳлили иҷрои қисми даромад ва хароҷоти буҷет, афзоиш, коҳиш нисбат ба давраи ҳисоботии соли гузашта.**

Дар соли 2020 иҷрои нақшаи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ бо назардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ ба андозаи 101,7% таъмин гардида, ба ҷойи 1 миллиарду 508,5 миллион сомонии пешбинишуда, ба буҷет 1 миллиарду 533,6 миллион сомонӣ ворид карда шуд, ки ин нисбат ба нишондиҳандаҳои нақшавӣ 25,1 млн сомонӣ ва нисбат ба маблағҳои дар соли 2019 воқеан ҷамъоваригардида ба андозаи 68,5 млн. сомонӣ, ё худ 4,7% бештар мебошад.

Саҳми ноҳияҳои Данғара+16,3 млн. сомонӣ (111,2 %), Ёвон +7,1 млн. сомонӣ (102,9 %), Темурмалик +5,1 млн. сомонӣ (134,0 %), Балҷувон +2,5 млн.сомонӣ (126,0 %), Ҷ. Балхӣ +4,6 млн. сомонӣ (108,0%), Ховалинг +2,7 млн. сомонӣ (111,2 %), Ҳамадонӣ +2,7 млн. сомонӣ (111,2 %), Муъминобод +1,2 млн. сомонӣ (107,0 %), Дустӣ +2,1 млн. сомонӣ (105,3 %), Кӯлоб +1,8 (102,0 %) ва Ш.Шоҳин +1,4 млн. сомонӣ (114%) дар зиёд ворид гардидани маблағ ба қисми даромади буҷети вилоят назаррас буда, барои рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳо шароити иқтисодӣ фароҳам оварда шудааст.

Дар ин давра аз ҳисоби иҷро нагардидани нақшаи даромади буҷети давлатӣ дар шаҳру ноҳияҳои Бохтар – 13,6 млн. сомонӣ (91,8%), Хуросон – 1,2 млн. сомонӣ (95,7 %), А.Ҷомӣ – 3,3 млн. сомонӣ (91,7%), Панҷ –3,6 млн. сомонӣ (90,1 %) ва Левакант – 7,3 млн. сомонӣ (85,0%) кам маблағ ворид гардидааст, ки ба рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳои мазкур таъсири манфӣ расонида, пурзӯр намудани фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо бо нозироти андоз зарур мебошад. Дар маҷмӯъ аз ҳисоби ин шаҳру ноҳияҳо ба буҷети вилоят 29,1 млн. сомонӣ андозҳо ворид карда нашудааст.

Қисми хароҷоти буҷети маҳаллии вилоят дар соли 2020 тибқи нақша 1 млрд. 908,0 млн. сомониро ташкил дода, ба андозаи 1 млрд 867,5 млн. сомонӣ ё 98 фоизи таъйинот ба иҷро расонида шуда, барои хароҷот равона карда шудааст. Дар ин давра нисбати нақшаи пешбинишуда ба маблағи 41 млн. сомонӣ кам хароҷот гардидааст.

## 3.2. Чораҷӯӣ ҷиҳати сифатнок таъмин намудани қисми даромади буҷети давлатӣ

Дар давраи ҳисоботӣ дар вилоят иҷроиши нақшаи 2 намуди андозҳо, аз ҷумла, андози иҷтимоӣ аз ҳисоби корхонаҳои ғайрибуҷетӣ – 96% ва андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард 70% таъмин гардидааст, ки дар натиҷа аз ин ҳисоб ба буҷет 30,0 млн. сомонӣ ворид нашудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ аз уҳдаи иҷрои нақшаи андозҳо (бе назардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ) нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои Бохтар 92%, Кушониён 97%, Вахш 95%, Хуросон 93%, А. Ҷомӣ 90%, Панҷ 87% ва Левакант 85% баромада натавонистанд, ки дар натиҷа аз ин ҳисоб ба даромади буҷет 29,2 млн. сомони ворид нагардидааст.

Инчунин, дар ин давра 5 шаҳру ноҳияҳо иҷрои нақшаи андози иҷтимоӣ аз ҳисоби корхонаҳои ғайрибуҷетиро таъмин накарданд. Аз ҷумла, Бохтар 92%, Ёвон 76%, Левакант 87%, Данғара 90% ва Норак 97, ки дар

маҷмуъ аз ҳисоби шаҳру ноҳияҳои зикршуда ба даромади буҷети Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа 16,3 млн. сомонӣ ворид нагардидааст.

Нақшаи андози иҷтимоӣ аз ҳисоби ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ бошад дар давраи ҳисоботӣ ба андозаи 96% таъмин гардида, ба ҷои 346,5 млн. сомонии пешбинишуда, ба буҷети Агентии суғуртаи иҷтимои ва нафақа 333,3 млн. сомони ворид карда шудааст, ки нисбат ба нақшаи пешбинишуда 13,2 млн сомонӣ кам ва нисбат ба маблағи ҷамъоваригардидаи соли гузашта 40,9 млн. сомонӣ ё худ 14,0% зиёд мебошад. Дар маҷмуъ дар давраи ҳисоботӣ 17 шаҳру ноҳияҳои вилоят аз уҳдаи иҷрои нақшаи андози иҷтимоии буҷетӣ баромада натавонистанд, аз ҷумла нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои Бохтар – 99%, Кушониён – 96%, Вахш – 79%, Хуросон – 76%, Дустӣ – 98%, Қубодиён – 98%, А. Ҷомӣ 97, Ҷайҳун – 90%, Панҷ - 98%, Шаҳритуз – 83%, Левакант 95%, Кӯлоб – 95%, Муъминобод - 94%, Восеъ - 76%, Фархор – 93, Ш. Шоҳин – 93% ва Норак – 98%, ки аз ин ҳисоб ба буҷет ба маблағи 19,7 млн. сомонӣ ворид нашудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби як қатор шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон, пардохти сифатнокии андозҳо таъмин нагардидааст. Масъалан:

Бохтар иҷрои 2 намуди андозҳо, аз он ҷумла андоз аз фоида 61%, андоз иҷтимоӣ аз ҳисоби корхонаҳои ғайрибуҷетӣ 92%;

А. Ҷомӣ 4 намуди андозҳо, аз он ҷумла андоз аз фоида 76%, андози иҷтимоӣ аз корхонаҳои буҷетӣ 79,5% андози истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард 34,8% ва низоми махсуси андозбандӣ барои субъектҳои соҳибкорӣ 83,6%;

Вахш 5 намуди андозҳо, аз он ҷумла андози иҷтимоӣ аз ҳисоби корхонаҳои буҷетӣ 90%, андози истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард 51%, низоми махсуси андозбандӣ барои субъектҳои соҳибкорӣ 38%, андоз аз истифодабарандагони воситаҳои нақлиёт 63%, ва пардохтҳои ҳатмӣ 51%;

Панҷ 4 намуди андозҳо, аз он ҷумла андоз аз даромад 81%, андоз аз фоида 80%, андози истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард 78,0% ва низоми махсуси андозбандӣ барои субъектҳои соҳибкорӣ 88;

Левакант 5 намуди андозҳо, аз он ҷумла андоз аз даромад 67%, андози иҷтимоӣ ғайрибуҷетӣ 88%, андози истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард 76,0%, андоз аз истифодабарандагони воситаҳои нақлиёт 43% ва андоз аз истфодабарандагони молу мулки ғайриманқул 51% таъмин нагардидааст, ки дар ташаккули босифати беҷет таъсири манфии худро мерасонад ва бояд масъулин ҷиҳати ҳалли масъалаи мазкур тадбирҳои ҷиддӣ андешанд.

Яке аз сабабу омилҳои мусоидаткунанда, ки боиси сифатан таъмин нагардидани нақшаи намудҳои андоз дар фаъолияти шаҳру ноҳияҳои вилоят гардидааст, аз як тараф дар сатҳи дахлдор дуруст ба роҳ намондани маъмурикунонии андозҳо бошад, дуруст ба роҳ мондани ҳисобу пардохти андозҳо аз дигар тараф дуруст ба инобат нагирифтани манбаъҳои воқеии андозбандӣ дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳо ба ҳисоб меравад.

### 3.3. Мавҷудияти бақия аз рӯи намуди андозҳои пардохтнашуда ва корҳои анҷомдодашуда дар самти коҳиш додани бақияҳо

Аз рӯи маълумоти пешакӣ бақияи қарзи андозҳо дар сатҳи вилоят ба ҳолати 1 январи соли 2021 дар маҷмӯъ маблағи 189,9 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба аввали соли ҷорӣ ба маблағи 21,0 млн. сомонӣ зиёд гардидааст.

Дар сатҳи 15 шаҳру ноҳияҳо дар алоҳидагӣ бақияи қарзи андозҳо дар ҳаҷми 6,1 млн. сомонӣ кам гардида бошад ҳам, мутаассифона дар 10 шаҳру ноҳия ба маблағи 27,1 млн. сомонӣ афзоиш ёфтааст.

Дар соли 2020, чораҳои андешидаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон дар якҷоягӣ бо нозироти андоз имкон додааст, ки дар шаҳри Кӯлоб маблағи бақияи қарзи андоз нисбат ба 1-уми январи соли 2020, ба маблағи -1,8 млн. сомонӣ кам карда шуда, ба ҳолати 01.10.2020 с., (бақияи қарзи андоз 17,5 млн. сомонӣ мавҷуд мебошад) ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Қубодиён -0,8 млн. сомонӣ (5,2 млн. сомонӣ), Ёвон -0,7 млн сомонӣ (6,6 млн. сомонӣ), Кушониён -0,4 млн сомонӣ (19,1 млн. сомонӣ), Левакант -0,4 млн. сомонӣ (2,7 млн. сомонӣ), Данғара -0,3 млн. сомонӣ (8,2 млн. сомонӣ) Ховалинг -0,3млн сомонӣ (3,4 млн. сомонӣ), Ҳамадонӣ -0,36 млн. сомонӣ (6,5 млн. сомонӣ) ва Ш.Шоҳин -0,2 млн сомонӣ (3,1 млн. сомонӣ), ташкил додааст.

Маблағҳои бақияпулиҳои андоз ба шаҳру ноҳияҳои Бохтар 4,0 млн. сомонӣ, Вахш 4,8 млн. сомонӣ, Хуросон 3,1 млн. сомонӣ, А.Ҷомӣ 2,4 млн. сомонӣ, Ҷайҳун 2,3 млн. сомонӣ, Шаҳрутус 4,0 млн. сомонӣ, Восеъ 5,8 млн. сомонӣ, Фархор 364,2 ҳазор, Н.Хусрав 56,2 ҳазор ва Балҷувон 48,5 ҳазор сомонӣ нисбат ба аввали сол зиёд гардидааст, ки самаранокии фаъолият беҳбудиро тақозо менамояд.

Бо мақсади кам кардани бақияи қарзи андозҳо ва шумораи андозсупорандагони қарздор дар давоми соли 2020 нисбати 4454 андозсупорандагони қарздор, 4572 адад қарорҳо дар бораи маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо ба маблағи умумии 153,1 млн. сомонӣ қабул карда шуда, аз ин ҳисоб ба буҷет 126,3 млн. сомонӣ ворид карда шудааст, ки 88,2 фоизи маблағи қарорҳои қабулгардидаро ташкил медиҳад. Аз шумораи умумии қарорҳо, иҷроиши 4588 адад ба маблағи 107,2 млн. сомонӣ пурра таъмин гардидааст, ки 84,2 фоизи шумораи умумии қарорҳоро ташкил медиҳад.

### 3.4. Мавҷудияти қарзи музди меҳнат

Қарзи музди меҳнати ташкилотҳои ғайрибуҷетӣ ба 1 январи соли 2021, 13,7 млн.сомониро ташкил дода, нисбати ҳамин давраи соли 2019 ба маблағи 8,8 млн. сомонӣ зиёд гардидааст.

Иҷро нагардидани нақшаҳои воридоти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ (96,0 %) аз он шаҳодат медиҳад, ки дар ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ қарзҳои музди меҳнат вуҷуд дорад, мутаассифона дар ҳисоботҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо маълумот оид ба қарздорӣ аз музди меҳнат нишон дода нашудааст.

Зиёдшавии қарзи музди меҳнат дар ташкилотҳои ғайрибуҷетӣ асосан дар шаҳру ноҳияҳои Ёвон +3,2 млн. сомонӣ, Леваканд +0,9 млн. сомонӣ, Норак +1,6 млн. сомонӣ, ва Муъминобод +2,3 млн. сомонӣ ба назар расида, андешидани чораҳои таъхирнопазирро ба миён овардааст.

Нишондиҳандаи камшавии қарзи музди меҳнат дар ноҳияи Фархор - 133 ҳаз.сомонӣ, Ҷ.Балхӣ -38,6 ҳаз.сомонӣ ва Хуросон -37,0 ҳаз.сомонӣ, мушоҳида гардида, аз самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳр шаҳодат медиҳад.

Зиёдшавии қарздорӣ аз пардохти музди меҳнат дар намуди фаъолияти бахши воқеӣ дар соҳаи саноати коркард ба қайд гирифта шудааст.

Зиёдшавии қарздорӣ аз пардохти музди меҳнат асосан дар соҳаи хизматҳои коммуналӣ ба қайд гирифта шудааст. Бештари қарзи музди меҳнат ба ҶСК "Тоҷик Азот" ва ҶСК "Нуриҳои Осиё" дар шаҳри Левакант, ҶСШК "Тоҷикхимпром" ва "Талко Кемикал" дар ноҳияи Ёвон таалуқ дорад.

### 3.5. Тамоюли афзоиш ё камшавии музди миёнаи меҳнат

Дар давраи ҳисоботӣ музди миёнаи меҳнат дар вилоят 1055 сомониро ташкил намудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 59 сомонӣ ё ин ки 6,0% зиёд мебошад.

Ин нишондиҳанда дар соҳаҳои саноати истихроҷ – 1991,9 сомонӣ, саноати коркард – 1499 сомонӣ, сохтмон – 1549,6 ва коммуналӣ – 1048,8 сомониро ташкил додааст.

Зиёдшавии музди миёнаи меҳнат дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои таъмин гардида, ба сатҳи зиндагии мардум таъсири мусбӣ расонидааст.

Нишондиҳандаи баланди музди миёнаи меҳнат дар шаҳру ноҳияҳои Норак (1848 сомонӣ), Данғара (1561 сомонӣ), Ховалинг (1363 сомонӣ), Бохтар (1414 сомонӣ), Ёвон (1264 сомонӣ) ва Кӯлоб (1090 сомонӣ) ба назар мерасанд.

### 3.6. Чораҳои андешидашуда ҷиҳати дарёфти манбаҳои нави андозбандӣ

Бо мақсади дарёфти манбаъҳои иловагии андозбандӣ дар доираи ҳуқуқу ваколатҳои базиммадошта аз ҷониби мақомоти андози вилояти Хатлон як қатор корҳои назоратӣ амалӣ карда шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби кормандони мақомоти андози вилоят нисбати 680 адад шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ санҷиши риояи қонунгузории андоз гузаронида шуда, дар натиҷа ба маблағи умумии 27,5 млн. сомонӣ кам ҳисоб кардани маблағи андозҳо ошкор гардидааст, аз он 18,2 млн. сомонӣ ба буҷет ворид карда шудааст, ки 71,4 фоизи маблағи умумии ошкоршударо ташкил додааст. Дар маҷмуъ бо назардошти бақияпулиҳо дар соли 2020 маблағи 25,0 млн. сомонӣ ба даромади буҷет ворид карда шудааст.

Дар давоми соли 2020 дар фаъолияти 3631 адад андозсупорандагон назорати камералӣ гузаронида шуда, дар натиҷа эҳтимолияти кам ҳисоб намудани андозҳо ба маблағи умумии 71,7 млн. сомонӣ ошкор карда шудааст, ки аз он ба Раёсати андоз 53 адад ба маблағи 5,4 млн. сомонӣ, нозиротҳои андоз - 3578 адад ба маблағи 66,3 млн. сомонӣ рост омадааст.

Аз маблағҳои умумии дар натиҷаи назорати камералӣ ошкоркардашуда, 43,3 млн. сомониро андозсупорандагон эътироф намуда, вобаста ба он эъломияҳои иловагӣ (камералӣ)-и андозҳо пешниҳод намудаанд, ки 12,3 млн. сомонӣ аз ҳисоби ҳақдории андозсупорандагон пушонида шуда, нисбати 14,2 млн. сомонӣ ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда пешниҳод намуда, 18,9 млн. сомонӣ маблағи андозҳо ба буҷет пардохт гардидааст.

Дар соли ҷорӣ дар вилоят ҳамагӣ 9037 адад андозсупорандагон, аз он ҷумла 225 адад шахсони ҳуқуқӣ, 3 адад филиал ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ, 903 нафар соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда, 3470 нафар хоҷагиҳои деҳқонии фермерии бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ ва 4664 нафар соҳибкорони инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда бақайд гирифта шудааст.

Бо мақсади манбаҳои иловагии қисми даромади буҷет гуруҳҳои корӣ ҷиҳати дарёфти сарчашмаҳои нави андозбандӣ, аз ҷумла азнавбақайдгирии молу амвол, заминҳои наздиҳавлигӣ, воситаҳои нақлиёт, гузаронидани баҳисобгирии даромади соҳибкорон дар марказҳои савдо ва хизматрасонӣ, нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ, доруворӣ ташкил карда шудааст.

Дар соли 2020 дар шаҳру ноҳияҳои вилоят бо иштироки андозсупорандагон 205 адад семинар–машварат ва вохӯриҳо баргузор карда шудааст.

Бо мақсади истифодаи самараноки маблағҳои буҷетӣ, пешгирӣ ва худдорӣ кардан аз хароҷотҳои дуюмдараҷа, аз ҷумла сафарҳои нолозим ва хусусияти сайёҳидошта, ба роҳ мондани фаъолият тавассути риояи интизоми молиявӣ ва реҷаи сарфакорӣ тадбирҳои зарурӣ андешида, хароҷоти маблағҳои буҷети маҳаллӣ асосан ба соҳаҳои иҷтимоӣ (маориф, тандурустӣ, фарҳанг ва ҳифзи иҷтимоӣ) ва моддаҳои ҳимояшаванда равона карда шудааст.

### 3.7. Мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳа ва пешниҳод барои ҳалли он.

Мушкилотҳои асосӣ дар соҳаи мақомоти молияи вилоят ҷойдошта, вобаста ба қисми даромади буҷет ин дар мадди аввал сифатнок иҷро нагардидани буҷетҳои маҳаллии шаҳру ноҳияҳои вилоят ва афзоиши бемайлони маблағҳои бақияпулиҳои андозӣ ба ҳисоб меравokанд.

Манбаи асосии иловагии ғанӣ гардонидани қисми даромади буҷет ин барҳам додани бақияпулиҳои андоз ва роҳ надодан ба пайдоиши бақияпулиҳои андозии нав ба ҳисоб меравад.

Пешниҳод: Мақомоти андози вилояти Хатлон дар якҷоягӣ бо нозироти андози шаҳру ноҳияҳо барои таъмини нақшаҳои пешбинишуда ва сифатнокии даромади буҷети вилоят, кам намудани бақияпулиҳои андоз,

баланд бардоштани иҷрои қарори маҷбуран ситонидани андозҳо, огоҳиномаҳо фаъолиятро пурзӯр намоянд.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон дар ҳамкорӣ бо Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иттифоқҳои касабаи соҳавӣ барои бартараф намудани қарзи музди меҳнат дар шаҳр ва ноҳияҳои Левакант, Норак, Кӯлоб, Ёвон, Бохтар ва Муъминобод чораҳои зарурӣ андешанд.

## 4. Маълумот оид ба таъмини беҳбудии фазои сармоягузорӣ, рушди бахши хусусӣ ва мусоидат ба рушди соҳибкорӣ (бандҳои 2, 21 паём):

**4.1. Шумораи соҳибкорони хурду миёна, тамоюли инкишоф ё қатъ гардидани фаъолияти онҳо, каму зиёдшавии онҳо аз рӯи соҳаҳо, аз ҷумла занон ва ҷавонони соҳибкор, ҳиссаи соҳибкорон дар ҳаҷми маҷмӯи махсулоти шаҳру ноҳия, 4.2. Истифодаи воситаҳои дастгириву ҳавасмандгардонии соҳибкорон бо мақсади ҷалби сармояи мустақим аз ҷумла сармояи хориҷӣ барои ташкили корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсолӣ (банди 10 паём, ҚҲҶТ аз 03.02.2020 с., №64 банди 7, сархати 1), 4.3. Ташкил ва гузаронидани курсҳои омӯзишӣ бо мақсади баланд бардоштани сатҳи касбият, малакаи соҳибкорон ва сифати омода гардидани лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва нақшаҳои тиҷоратӣ, такмили низоми дастргирии соҳибкориву сармоягузорӣ (бандҳои 2, 21 паём), 4.4. Ҳамкорӣ бо Муассисаи давлатии «Фонди дастгирии соҳибкорӣ»-и назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти лоиҳаҳои пешниҳодгардида ва мавриди амал қарор додашуда, 4.5. Дастрасии соҳибкорон ба қарзҳои бонкӣ ва ҳаҷми маблағҳои ҷудогардида мувофиқи бонкҳо, 4.6. Рафти ҷалби сармоя ва ташкили инфрасохтор барои фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ, истеҳсоли маҳсулоти саноатии рақобатпазир ва ба содирот нигаронидашуда (ВМКБ, в.Суғд, в.Хатлон), (ҚҲҶТ аз 03.02.2020 с., №64 банди 1, сархати 5), 4.7. Мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳа ва пешниҳод барои ҳалли онҳо.**

### 4.1. Шумораи соҳибкорони хурду миёна, тамоюли инкишоф ё қатъ гардидани фаъолияти онҳо, каму зиёдшавии онҳо аз рӯи соҳаҳо, аз ҷумла занон ва ҷавонони соҳибкор, ҳиссаи соҳибкорон дар ҳаҷми маҷмӯи махсулоти шаҳру ноҳия

Дар соли 2020 дар вилоят шумораи соҳибкорони хурду миёна 105210 нафарро ташкил намудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли соли гузашта +3255 нафар ё ин ки 3,2% афзоиш ёфтааст.

Дар микёси вилоят шумораи соҳибкорони инфиродие, ки аз руи патент фаъолият мебаранд 26740 нафар, шумораи соҳибкороне, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият мебаранд 6691 нафарро ташкил додааст.

Шумораи хочагихои дехконии 62796 адад ва шумораи шахсони ҳуқуқӣ 8983 нафарро ташкил медиҳад.

Нишондиҳандаи баланди тамоюли зиёдшавии шумораи соҳибкорон нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳру ноҳияҳои Восеъ +434 (6220 нафар), Кӯлоб +372 нафар (5733 нафар), Шаҳритуз +320 нафар (4696 нафар), Бохтар +290 нафар (6125 нафар), Панҷ +241 нафар (6581 нафар), Ҷайҳун +206 нафар (4966 нафар), Фархор +193 нафар (6676 нафар), Ҳамадонӣ +185 нафар (5806 нафар), Данғара +179 нафар (4102 нафар), Муъминобод +176 нафар (5452 нафар), Ш.Шоҳин +162 нафар (2845 нафар), Ҷ.Балхӣ +158 нафар (5253 нафар), Хуросон +143 (1430 нафар) ва Қубодиён +124 нафар (3881 нафар) ба назар расида, рафти таъмини беҳбудии фазои соҳибкориро дар ин шаҳру ноҳияҳо инъикос менамояд.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки бо фароҳам овардани шароити муносиби соҳибкорӣ дар вилоят шумораи соҳибкорон зиёд шуда бошад ҳам, мутаассифона дар баъзе аз шаҳру ноҳияҳо шумораи соҳибкороне, ки дар асоси патенту шаҳодатнома фаъолият мебаранд, кам гардидааст.

Тибқи маълумотҳои шаҳру ноҳияҳо шумораи соҳибкорон дар соли 2020 дар ноҳияи А. Ҷомӣ – 593 адад (4667 нафар) ва шаҳри Норак -64 нафар (1460 нафар) кам гардидааст.

### 4.2. Истифодаи воситаҳои дастгириву ҳавасмандгардонии соҳибкорон бо мақсади ҷалби сармояи мустақим аз ҷумла сармояи хориҷӣ барои ташкили корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсолӣ (банди 10 паём, ҚҲҶТ аз 03.02.2020 с., №64 банди 7, сархати 1),

Дар соли 2020 дар иқтисодиёти вилоят 38 лоиҳаҳо мавриди амал қарор дошта, маблағи азхудкардаи онҳо 448,9 млн. доллари амрикоиро ташкил дода, бештари маблағҳои лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ ба соҳаҳои маориф 4 лоиҳа ба маблағи 20,5 млн. доллар, кишоварзӣ 3 лоиҳа ба маблағи **20,5** млн. доллар, экология ва ҳолатҳои фавкулода 2 лоиҳа ба маблағи 10,2 млн. доллар, иригатсия (об) 3 лоиҳа ба маблағи 29,8 млн. доллар, хоҷагии манзилию комуналӣ 7 лоиҳа ба маблағи 20,1 млн. доллар, нақлиёт 6 лоиҳа ба маблағи 156,5 млн. доллар, тандурустӣ 6 лоиҳа ба маблағи 23,1 млн. доллар, энергетика 5 лоиҳа ба маблағи 168,2 млн. доллар рост меояд.

Дар асоси ҳисоботҳои Раёсати агентии омори вилояти Хатлон ба қаламрави вилоят 13249,8 ҳазор доллари ИМА сармояи хориҷӣ ворид гардидааст, ки 6850,6 ҳазор доллари ИМА-ро сармояи мустақим ва 6399,2 ҳазор доллари ИМА-ро дигар сармоягузориҳо ташкил медиҳад.

Дар маҷмуъ ба қаламрави вилоят 1652,4 млн. доллари ИМА сармояи хориҷӣ ворид гардидааст, ки 1454,4 млн. доллари онро сармояи мустақими хориҷи ташкил медиҳад ки ба шаҳру ноҳияҳои Шаҳритуз 140,0 млн. доллари ИМА, Левакант 112,7 млн. доллари ИМА, Бохтар 65,6 ҳазор доллари ИМА, Панҷ 57,0 млн. доллари ИМА, Норак 43,7 млн. доллари ИМА, А.Ҷомӣ 40,2

млн. доллари ИМА, Восеъ 34,5 млн. доллари ИМА, Данғара 33,7 млн. доллари ИМА, Қубодиён 28,3 млн. доллари ИМА, Ёвон 25,3 млн. доллари ИМА, Кӯлоб 22,8 млн. доллари ИМА, Ш. Шоҳин 10,6 млн. доллари ИМА Носири Хусрав 9,7 млн. доллари ИМА, Ҳамадонӣ 8,7 млн. доллари ИМА, Фархор 8,2 млн. доллари ИМА, Кӯшониён 1,2 млн. доллари ИМА, ва дигар сармоягузориҳои хориҷӣ ташкил медиҳад.

Айни замон ба вилоят аз 31 давлати хориҷӣ сармоя ворид гардидааст, ки бештари маблағҳо ба давлатҳои Россия 37,8 %, Чин 30,7%, Эрон 16,9% ва Аморати Муттаҳидаи Араб 5,0% рост меояд.

Айни ҳол дар ноҳияи Темурмалик 8 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ, аз ҷумла “Рушди чорводорӣ ва чарогоҳҳо”, ”Таъмини устувории ҳавзаи дарёи Панҷ ба тағйирёбии иқлим”, “Дастрасӣ ба маблағгузории сабз ва маблағҳои рушди деҳот”, “Сохтмон ва муҷаҳҳазгардонии мактабҳо, марҳилаи 4”, “Барномаи мутобиқгардонӣ ва кам кардани оқибатҳои тағйирёбии иқлим дар ҳавзаи баҳри Арал” ва “Тиҷоратикунонии соҳаи кишоварзӣ”, “Вусъат бахшидани ҳамкории минтақавии иқтисодии Осиёи Марказӣ (коридори 3 ва 5)”, “Таҳкими низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ” амалӣ шуда истодааст, ки маблағи умумии дар доираи онҳо азхудшуда 3 миллион доллари америкоиро ташкил медиҳад (нисбати 9 моҳаи соли 2020 бетағйир).

Лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ, дар ноҳия Абдураҳмони Ҷомӣ бо назардошти солҳои пешин 7 лоиҳа амалӣ шуда истодааст, маблағи истифодашуда 3,8 миллион доллари амрикоиро ташкил медиҳад.

Ба ҳолати имрӯза дар ноҳияи Балҷувон 7 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи 4 миллиону 200 ҳазор доллари америкоӣ амалӣ шуда истодааст. Маблағи умумии азхудшуда 3 миллиону 600 ҳазор доллари амрикоӣ ва ё 85 фоизи маблағи умумии лоиҳаҳоро ташкил медиҳад.

Дар ноҳияи Восеъ 15 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ амалӣ гардида истодааст, ки маблағи умумии дар доираи онҳо дар ноҳия азхудшуда 35,4 млн. доллари ИМА-ро ташкил медиҳад.

Тибқи маълумотҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлтии ноҳияи Данғара 12 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ амалӣ шуда истодааст, ки маблағи истифодашуда 33,7 миллион доллари америкоиро ташкил медиҳад.

Дар давраи ҳисоботӣ дар ноҳияи Фархор 9 адад лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ амалӣ шуда истода, маблағи истифодашуда 8,2 миллион доллари америкоиро ташкил медиҳад.

Дар ноҳияи Муъминобод 7 лоиҳаи сармоягузории давлати фаъолият дорад, ки маблағи азхуд карда шуда 530 ҳазор доллари ИМА-ро ташкил менамояд.

Айни замон дар ноҳияи Панҷ 5 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ амалӣ шуда истодааст, ки маблағи умумии азхудшудаи онҳо 5,7 миллион доллари ИМА-ро ташкил медиҳад.

Мутобиқи маълумотҳои Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирии шарикони рушд ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 1 сентябри соли 2020 дар

ҷумҳурӣ 68 адад лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ мавриди татбиқ қарор дошта, маблағи умумии онҳо 37,6 млрд. сомонӣ (3,64 млрд. доллари ИМА)-ро ташкил медиҳад.
Лоиҳаҳои амалкунанда соҳаҳои энергетика, нақлиёт, маориф, хоҷагии манзилию коммуналӣ, обёрӣ, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, экология ва ҳолатҳои фавкулодда, кишоварзӣ ва дигар соҳаҳо (гумрук, молия ва сайёҳӣ)-ро дар бар гирифта, маблағи дар доираи онҳо азхудшуда 1,64 млрд. сомониро ташкил медиҳад. Аз ҷумла: дар вилояти Хатлон дар доираи 34 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ 378,1 млн. доллар доллар аз худ карда шудааст.

**4.3. Ташкил ва гузаронидани курсҳои омӯзишӣ бо мақсади баланд бардоштани сатҳи касбият, малакаи соҳибкорон ва сифати омода гардидани лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва нақшаҳои тиҷоратӣ, такмили низоми дастргирии соҳибкориву сармоягузорӣ (бандҳои 2, 21 паём),**

Дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2018, №624 дар бораи таъсис додани муассисаи давлатии "Ташаккул ва рушди соҳибкории Тоҷикистон" дар шаҳрҳои Бохтар ва Кӯлоб шуъба ва бахши Муассисаи давлатии ташакул ва рушди соҳибкории Тоҷикистон" таъсис дода шуд, айни ҳол биноҳои онҳо таъмир шуда истодааст.

Айни замон Муассисаи давлатии "Ташаккул ва рушди соҳибкории Тоҷикистон" дар шаҳрҳои Бохтар ва Кӯлоб курсҳои омӯзишии фаъолияти соҳибкориро гузаронида истодаанд (нисбати 6 моҳаи соли ҷорӣ бетағйир).

Вобаста ба иҷрои бандҳои дахлдори Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ», баҳри рушди соҳибкорӣ моҳи январи соли 2019 Ассотсиатсияи соҳибкорони шаҳри Бохтар таъсис дода шудааст (нисбати 6 моҳаи соли ҷорӣ бетағйир).

Дар ноҳяи Ёвон Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалӣ намудани 300 рӯзи ислоҳот ҷиҳати дастгирии соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва бо мақсади аз байн бурдани монеаэҷодкунии сохторҳои дахлдори назоратӣ - давлатӣ, ҳангоми мувофиқаи ҳуҷҷатҳои шаҳрсозӣ, пешгирии ҳолатҳои коррупсионӣ, беҳтар намудани ҳамоҳангии фаъолияти сохторҳо ва сифати мониторинги фаъолияти сохторҳо як утоқи корӣ ба бахши меъморӣ ва шаҳрсозии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия таъсис дода, барои пешбурди фаъолияти "Равзанаи ягона дар соҳаи шаҳрсозӣ" шароит фароҳам оварда шудааст (нисбати 6 моҳаи соли ҷорӣ бетағйир).

**4.4. Ҳамкорӣ бо Муассисаи давлатии «Фонди дастгирии соҳибкорӣ»-и назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти лоиҳаҳои пешниҳодгардида ва мавриди амал қарор додашуда.**

Дар давраи ҳисоботӣ аз тарафи соҳибкорони вилоят 48 адад лоиҳаи сармоягузорӣ ва дархостҳои лоиҳавӣ ба маблағи 77793,0 ҳазор сомонӣ омода

аз он 24 лоиҳа ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 24 лоиҳа ба Муассисаи давлатии “Фонди дастгирии соҳибкорӣ”-и назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид.

Аз ин ҳисоб 4 адади он, лоиҳаи Кооперативи тиҷоратии “Қаҳор” – и ноҳияи Восеъ барои “Таҷдиди коргоҳи истеҳсоли дару тирезаҳои пластикӣ, мебел ва панҷараҳои оҳанин” ба маблағи 600,0 ҳазор сомонӣ, ҶДММ “Мармарӣ” ноҳияи Ёвон “Барои бунёди фабрикаи парандапарварӣ дар ноҳияи Данғара” ба маблағи 20000,0 ҳазор сомонӣ, ҶДММ “Мелиаратор”-и шаҳри Кӯлоб “Барои бунёди корхонаи истеҳсоли сангу шағал” ба маблағи 700,0 ҳазор сомонӣ ва ҶДММ “Ҳазориспанд”-и ноҳияи Шамсидин Шоҳин “Барои коркарди гиёҳҳои шифобахш” ба маблағи 50,0 ҳазор сомонӣ дастгирӣ ёфта, дигар лоиҳа дар омӯзиш қарор доранд (маълумот нисбат ба 9 моҳа бетағйир).

Ҳамзамон аз ҷониби соҳибкорзанони вилоят 44 лоиҳа барои дарёфти гранти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 830,0 ҳазор сомонӣ 61 лоиҳа барои дарёфти гранти раиси вилояти Хатлон ба маблағи 707,0 ҳазор сомонӣ пешниҳод гардид.

Дар ин давра дар ноҳияи Вахш аз тарафи соҳибкорон 2 адад лоиҳаҳои босифат барои гирифтани маблағҳои гранти Президентӣ дар самти кишоварзӣ барои бунёди гармхона пешниҳод гардид.

Бахши сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Восеъ дар асоси қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» бо ҷалби соҳибкорони ноҳия ҷиҳати таъсиси корхонаҳои истеҳсолӣ бо назардошти ворид намудани технологияҳои муосир ва истифодаи ашёи хоми маҳаллӣ ба Муассисаи давлатии «Фонди дастгирии соҳибкорон» 1 лоиҳа пешниҳод намудааст (нисбат ба 9 моҳа бетағйир).

Соли ҷорӣ дар ноҳияи Ёвон 1 адад лоиҳаи сармоягузорӣ доир ба ташкили фабрикаи паррандапарварӣ ва истеҳсоли гӯшти мурғ таҳия шуда, барои дарёфти сарчашмаи сармоягузорӣ ба муасисаи давлатии «Фонди дастгирии соҳибкорӣ»-и назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид, ки маблағи умумии он 18 млн. сомониро ташкил медиҳад

Дар шаҳри Леваканд баҳри дастгирӣ ва рушд додани ташаббусҳои созандаи соҳибкорзанон дар самти таҳияи лоиҳаҳо оид ба бунёди гармхона ва коргоҳҳои дузандагӣ, зардӯзӣ, ҷомадӯзӣ, сабадбофӣ тавассути ҷалби грантҳои Президенти мамлакат ва раиси вилояти Хатлон мусоидат намуда, лоиҳаҳои 5 нафар ба Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол шуда, 3 лоиҳаҳои дигар таҳия шуда, ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон пешниҳод карда шуданд (дар маҷмуъ 8 лоиҳа). Бояд қайд кард, ки 1 лоиҳаи сабатбофӣ ба маблағи 10 ҳазор ва 1 лоиҳа зардузӣ ба маблағи 8 ҳазор тавасути гранти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгири ёфтанд.

### 4.5. Дастрасии соҳибкорон ба қарзҳои бонкӣ ва ҳаҷми маблағҳои ҷудогардида мувофиқи бонкҳо

Дар соли 2020 аз ҷониби бонкҳои вилоят ба соҳаҳои иқтисодӣ 1614,0 млн. сомонӣ қарзҳои бонкӣ равона намуданд, ки нисбати соли 2019-ум 217,8 млн сомонӣ зиёд мебошад (115,6%). Аз ҷумла, ба соҳаҳои кишоварзӣ 496,7 млн. сомонӣ (30,8%), саноат, сохтмон ва нақлиёт 473,3 млн. сомонӣ (29,3%), савдо 369,6 млн. сомонӣ (22,9%), рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ 13,7 млн. (0,8%) ва дигар соҳаҳо 260,7 млн. сомонӣ (16,2%) равона карда шудааст.

Дар ин давра дар миқёси вилоят бонкҳо ба соҳибкорон ба маблағи 512,7 млн сомонӣ қарз дода шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 46,1 млн сомонӣ зиёд мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ нишондиҳандаи баланди дастрасии соҳибкорон ба қарзҳои бонкӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳру ноҳияҳои Ҷайҳун аз ҷониби ташкилотҳои қарздиҳӣ ва бонкҳо +45,3 млн. сомонӣ (163,8 млн. сомонӣ ҳамагӣ қарз дода шуда, шумораи соҳибкорон 5353 нафар), Фархор +19 млн. сомонӣ (73,9 млн. сомонӣ 7740 нафар), Ҷ.Балхӣ +16,9 млн. сомонӣ (47,0 млн. сомонӣ 4327 нафар), Восеъ +13,5 млн. сомонӣ (65,1 млн. сомонӣ, 0 нафар), Кӯлоб +13,2 (32,7 млн. сомонӣ 1459 нафар), Ёвон +11,9 млн. сомонӣ (44,1 млн. сомонӣ 3978 нафар), А.Ҷомий +9,8 млн. сомонӣ (68,6 млн. сомонӣ 2840 нафар), Кӯшониён +8,4 млн. сомонӣ (36,9 млн. сомонӣ 1859 нафар), Ҳамадонӣ +7,8 млн. сомонӣ (23,4 млн. сомонӣ 2043 нафар), Бохтар +7,7 млн. сомонӣ (107,2 млн. сомонӣ, 4865 нафар), Вахш +7,1 млн. сомонӣ (41,1 млн. сомонӣ 3711 нафар), Ховалинг +5 млн. сомонӣ (15,0 млн.сомонӣ 1181 нафар) Дустӣ +4,2 млн. сомонӣ (28,9 млн. сомонӣ 3571 нафар), Панҷ +3,9 млн. сомонӣ (48,8 млн. сомонӣ 5129 нафар), Носири Хусрав +3,3 млн. сомонӣ (4,1 млн. сомонӣ 366 нафар), Темурмалик +2,6 млн. сомонӣ (13,2 млн. сомонӣ 263 нафар), ва Шамсиддин Шоҳин +1,7 млн. сомонӣ (11,7 млн. сомонӣ 1314 нафар) таъмин гардидааст, ки мавҷуд будани соҳаҳои ҷолиби соҳибкорӣ, зиёд будани марказҳои хизматрасонии бонкиро нишон медиҳанд.

Ин нишондиҳанда дар шаҳри ноҳияҳои Данғара –52,4 млн. сомонӣ (102,6 млн. сомонӣ, 11667 нафар), Шаҳритуз –1,7 млн. сомонӣ (70,7 млн. сомонӣ, 8055 нафар), Муъминобод –1,1 млн. сомонӣ (18,5 млн. сомонӣ, 2536 нафар) ва Қубодиён -0,8 млн. сомонӣ (39,7 млн. сомонӣ 4156 нафар) нисбат ба соли гузашта ба соҳибкорон кам қарзҳо дода шуда, дар фароҳам овардани шароит барои соҳибкорӣ андешидани чораҳои иловагиро талаб менамояд.

Тибқи маълумотҳои пешниҳоднамудаи Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда дар моҳҳои январ-октябри соли 2020 дар вилояти Хатлон 1400,8 млн.сомонӣ (6,9 фоиз зиёдшавӣ), ташкил додааст.

### 4.6. Рафти ҷалби сармоя ва ташкили инфрасохтор барои

**фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ, истеҳсоли маҳсулоти саноатии рақобатпазир ва ба содирот нигаронидашуда (ВМКБ, в.Суғд, в.Хатлон), (ҚҲҶТ аз 03.02.2020 с., №64 банди 1, сархати 5),**

Дар вилояти Хатлон айни замон 2 минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ), аз ҷумла МОИ «Данғара» дар ноҳияи Данғара ва МОИ «Панҷ» дар ноҳияи Ҷайҳун фаъолият дошта, МОИ «Кӯлоб» бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.03.2019, №978 таъсис дода шудааст.

Дар МОИ «Данғара» 25 субъект фаъол буда, 12 субъект ба истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва хизматрасонӣ машғул, 3 субъект сохтмонаш ба анҷом расидааст, вале бо сабабҳои гуногун фаъолият надоранд ва сохтмони 10 субъекти дигар идома дорад. Дар соли 2020, 7 субъект: ҶДММ “Душаҳд” аз Ҷумҳурии Исломии Эрон, ҶДММ «Ифтихори Диёр» -оид ба истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, ҶДММ «Автомагистрал» ширкати ватанӣ барои сохтмони роҳҳои дохилаи минтақа ва истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, ҶДММ “Тянсай Тоҷсемент” корхонаи сементбарорӣ, ҶДММ «Осиё-Р», ҶДММ “СИ АО лифт” корхонаи лифтбарорӣ ва ҶДММ “Техно-полоиш” корхонаи толбарорӣ ба қайд гирифта шудааст.

Дар МОИ «Данғара» ҷалби сармоягузориҳо аз ҷониби субъектҳо дар соли 2020 – 24,3 млн. сомонӣ ва иҷрои корҳо 24,3 млн. сомониро ташкил додааст.

Аз оғози фаъолияти МОИ «Данғара» аз ҷониби субъектҳо маблағи сармоягузориҳо ба 1,9 миллиард сомонӣ баробар аст.

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии субъектҳои минтақа дар соли 2020, 34,5 млн. сомонӣ, аз ин маҳсулоти саноатӣ 30,1 млн. сомонӣ ва хизматрасонии барқу об 4,4 млн. сомонӣ ва ё дар муқоиса 100,4 фоизи соли гузаштаро ташкил додааст.

Дар соли 2020 аз ҷониби субъектҳо пардохти андозҳо дар ҳаҷми 3,8 млн. сомонӣ расонида шудааст, ки аз ин маблағҳои гумрукӣ 1,0 млн. сомониро ташкил медиҳад.

Тибқи маълумоҳо (нуҳ моҳа) дар минтақа 291 нафар ба ҷойи кор таъминанд, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 159 нафар кам гардидааст.

Дар минтақаи озоди иқтисодии “Панҷ” 11 субъект бақайд гирифта шуда, 7 субъекти он фаъол буда, 4 субъекти дигар бинобар сабаби надоштани маблағ фаъолият надоранд. Дар соли ҷорӣ аз 7 субъекти фаъолият дошта 2 субъект: ҶДММ “Мушки Сино” корхонаи истеҳсоли собун ва воситаҳои шустушӯй ва ҶДММ «Тиҷорат Сохтмон» оид ба хизматрасонии сохтмонӣ ба қайд гирифта шудаанд.

Ҷалби сармоягузориҳо аз ҷониби субъектҳо дар соли 2020, 2,1 млн. сомонро ташкил дода, нисбати ҳамин давраи соли гузашта 1,1 млн. сомонӣ кам мебошад.

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар соли 2020 аз ҷониби субъектҳо 64,2 ҳазор сомониро ташкил дода, нисбати ҳамин давраи соли гузашта 712,5 ҳазор сомонӣ коҳиш ёфтааст.

Пардохти андозҳо дар соли 2020 143,5 ҳазор сомонӣ ва нисбати ҳамин давраи соли гузашта 32,0 ҳазор сомонӣ коҳиш ёфтааст.

Хизматрасонии пулакӣ дар соли 2020 52,2 ҳазор сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2019 30,0 ҳазор сомонӣ кам мебошад.

Тибқи маълумотҳо (9 моҳа) дар минтақа 31 нафар ба ҷойи кор таъминанд, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 9 нафар кам гардидааст.

Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.03.19, №97 дар масоҳати 309,3 га замин дар назди Фурудгоҳи байналмилалии шаҳри Кӯлоб ба муҳлати 25 сол МОИ “Кӯлоб”таъсис дода шудааст.

Бойяд қайд намуд, ки дар давраи ҳисоботӣ дар ҳамкори бо Вазорати рушди иқтисод ва савдо барои ворид намудан ба “Нақшаи амалиёти тиҷоратии Бонки Осиёгии Рушд бо Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2023” дархости лоиҳавӣ оид ба таҳияи Асосноккунии техникӣ – иқтисодии бунёди инфрасохтори аввалиндараҷаи минтақаи озоди иқтисодии “Кӯлоб” ва саҳмгузорӣ дар бунёди инфрасохтори аввалиндараҷаи он бо мабалағи 12 млн. доллари ИМА омода гардидааст.

Илова бар ин, дар ҳамкорӣ бо кумитаҳои рушди сайёҳӣ, кор бо ҷавонон ва варзиш, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ ва шарикони рушд лоиҳаи Маркази рушди истеъдодҳои ҷавонон ва мусоидат дар содироти маҳсулотҳои сайёҳӣ тавассути Минтақаи озоди иқтисодии «Кӯлоб» таҳия гардида, барои ҷалби сармоя пешниҳод карда мешавад.

Инчунин корҳо дар самти омодасозии сомонаи расмии Маъмурияти минтақаи озоди иқтисодии “Кӯлоб” ва таҳияи ҳуҷҷатҳои лозима барои баргузор намудани озмун оид ба таҳияи лоиҳаи маҷмуавии бинои маъмурии Минтақаи озоди иқтисодии “Кӯлоб”, гузаргоҳи гумрукӣ, панҷарабандии ҳудуд ва нақшаи генералӣ идома дорад.

Ҳамзамон, аз ҷониби Маъмурият бо сармоягузорони ватанию хориҷӣ як чанд вохуриҳо гузаронида шуд, аз ҷумла бо намояндагони ҶДММ “Тоҷик Алмос” корхонаи коркарди қисмҳои эҳтиётии мошинҳо (филтерҳои гуногун), ки айни ҳол дар мақомоти андози шаҳри Кӯлоб ба қайд гирифта шуда, корҳо дар самти таҳияи бизнес нақша идома дорад.

Пешниҳод: Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он дар ҳамкорӣ бо Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои амалишавии ваколатҳои онҳо дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи дастгирии давлатии соҳибкорӣ”, таъмини ҷудо намудани қарзҳо ба лоиҳаҳои пешниҳод гардидаи соҳибкорон аз тарафи Муассисаи давлатии “Фонди дастгирии соҳибкорӣ” баланд бардоштани сатҳи касбият ва малакаи соҳибкорӣ мусоидат намуда, барои пурра намудани фаъолият субъектҳои бақайд гирифташуда дар МОИ “Данғара” ва “Панҷ” ва МОИ “Кӯлоб” тадбирҳои зарурӣ андешанд.

## 5. Рушди соҳаи саноат
## (бандҳои 2,4,10 ва 20-и паём)

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи саноат бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ 5.1. Суръати афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, 5.2. Амалигардонии занҷири “ашёи хом-**

**истеҳсоли маҳсулоти ниҳои" бозори фуруш бо мақсади рушди соҳаи саноат, 5.3. Ҷалби сармояи мустақим, ба кор андохтани корхонаҳои аз фаъолият бозмонда ва ташкили ҷойҳои нави корӣ, 5.4. Баланд бардоштани диверсификатсии саноати коркарди конйентрати маъдан 5.5. Дарачаи коркари маҳсулоти кишоварзӣ 5.6. Фаъолияти корхонаҳои дастии атласу адрасбофӣ, қолинбофӣ ва сехҳои духти либосҳои мактабӣ арзёбӣ гардидаанд.**

### 5.1. Суръати афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ

Дар вилояти Хатлон дар соли 2020 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 8 миллиарду 810 миллиону 896,4 ҳазор сомонӣ маҳсулот истеҳсол карда, ҳаҷми истеҳсолро дар қиёс ба ҳамин давраи соли 2019 ба маблағи 313 миллиону 749 ҳазор сомонӣ зиёд ва суръати афзоишро дар сатҳи 3,7 фоиз таъмин карданд.

Нишондиҳандаҳои баланди суръати афзоиш нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар ноҳияҳои Шаҳритуз 190,7 % (маблағи афзоиш 78,5 млн. сомонӣ), Н.Хусрав 163,3% (11,6 млн. сомонӣ), Кӯшониён 124,9 % (55,5 млн. сомонӣ), Вахш 116,4 % (23,1 млн. сомонӣ), Фархор 113,8% (23,6 млн.сомонӣ), Ҳамадонӣ 112,2% (14 млн. сомонӣ), Ҷ.Балхӣ 111,3 % (18,6 млн. сомонӣ), Бохтар 105,6 % (11,8 млн. сомонӣ), Муъминобод 105 % (17,3 млн. сомонӣ), ва Восеъ 104,1% (3,8 млн. сомонӣ) таъмин намуданд, ки дар инкишофи рушди устувори саноат дар шакли индустриалӣ – аграрӣ замина гузошта шуда истодаанд.

Ҳолати ташвишовар дар ноҳияҳои Ш.Шоҳин 65,5 % (маблағи коҳиш ёфта нисбати ҳамин давраи соли гузашта – 10,2 млн. сомонӣ), Дӯстӣ 73,3% (-48,7млн. сомонӣ) ва Ҷайҳун 96,3 % (-3,7 млн. сомонӣ) ба назар мерасад, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатиро кам намудаанд, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин ноҳияро барои пурзӯр намудани иҷрои ваколатҳои худ ва мақоми ваколатдори мақомоти марказии давлатӣ барои татбиқи сиёсати соҳавӣ чораҳои иловагӣ пешбинӣ намояд.

### 5.2. Амалигардонии занҷираи "ашёи хом – истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ – бозори фурӯш" бо мақсади рушди соҳаи саноат

Корхонаҳои истеҳсолкунандаи ба маҳсулоти воридотивазкунанда нигаронидашуда, бахусус корхонаҳои масолеҳи сохтмонӣ, аз қабили сементбарорӣ, рангҳои сохтмонӣ, гач ва гачварақа, ширеш ва бетони сохтмонӣ, асфалт, дарҳои миёнаҳуҷравӣ, истихроҷи нафт ва маҳсулоти нафтӣ дар маҷмуъ 2,6 миллион тонна семент, 306,4 ҳазор тонна клинкер, 5482 тонна оҳаки бинокорӣ, 13461 ҳазор дона хишти бинокорӣ, 26,8 млн. дона хишти сементӣ, 70557 ҳазор метри мураббаъ хишти роҳрав, 50,3 ҳазор метри мураббаъ бетони сохтмонӣ, 1798,7 метри мураббаъ оҳану бетони васлшуда, 1906 тонна рехтаи пулодӣ, 70 ҳазор метр маҳсулот аз пластикаи филизӣ, 94,5 ҳазор метр қубурҳои пластикӣ, 8,2 ҳазор дона болту гайкаи резбадор, 155,1 тонна эмулсия, 417,2 ҳазор дона амстронг, 76,9 тонна андоваи минералӣ, 22,6

ҳазор донна халтаҳои полипропиленӣ, 40,4 миллион метр шланги ПВХ, 397 адад трансформаторҳои қуввагӣ ва ба маблағи 1070,2 ҳазор сомонӣ маҳсулоти мебелӣ истеҳсол кардаанд, ки ин нишондиҳанда дар таносуб ба ҳамин давраи соли 2019 аз 11,1 фоиз то 2 маротиба зиёд мебошад.

Тибқи нақша, дар давоми соли 2020-ум дар шаҳру ноҳияҳои вилоят бунёди 112 адад коргоҳу корхонаҳои истеҳсолии нав бо таъсиси 1637 ҷойи корӣ пешбинӣ шуда, тӯли ин муддат дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 91 адад корхона ва коргоҳҳои саноатӣ, дар самти истеҳсоли маҳсулоти хӯроквbooрӣ (орд, консерваи меваю сабазавот, рулету кексӣ, макаронӣ, гӯшти мурғ), масолеҳи сохтмонӣ (шифери азбестӣ, тол, истихроҷ ва коркарди сангу шағал, оҳаксанг) ва дӯзандагӣ бо таъсиси 918 ҷойи корӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт.

Дар ин давра  трансформатор 397 адад, истеҳсоли нахи ришта 69,8 тонна, маҳсулоти нонӣ 7802,4 тонна,  шарбат ва консерва 4696,6 ҳазор қутии шартӣ ва 241,4 тонна маҳсулотҳои ширӣ истеҳсол карда шудааст, ки он нисбат ба ҳамин давраи соли 2019, истеҳсоли трансформатор 47 адад,  нахи ришта 9,9 тонна, консерва 480,4 ҳазор қутии шартӣ зиёд ва  маҳсулотҳои ширӣ 19,5 тонна кам мебошад.

Ҳаҷми истеҳсоли пахтаи курпабоб 116,6 фоиз, равғани растанӣ 101,6 фоиз, хишти бинокорӣ 108,1 фоиз, хишти сементӣ 112,8 фоиз, нон ва маҳсулотҳои нонӣ 105,8 фоиз, нӯшокии беспирт 120,1 фоиз ва маҳсулот аз пластикаи филизӣ 102,2 фоиз  зиёд гардидааст.

ҶДММ «Кооператор» 108 адад либоси махсуси тиббӣ, 20 ҳазор адад ниқобҳои тиббӣ ва ҶДММ Зарҳам -1,5 ҳазор  тибқи дархост ниқобҳои тиббӣ истеҳсол намуда, айни замон талаботро пурра қонеъ намуданд.

Дар ноҳияи Ёвон аз корхонаи «Хуаксин Ғаюр семент» ба миқдори 330 ҳазору 871 тонна ва аз корхонаи «Чжунгтсай Моҳир семент» ба миқдори 203 ҳазору 190 тонна семент ба маблағи умумии 237 млн. 30,4 ҳазор сомонӣ ба хориҷи кишвар содирот гардидааст.

Дар ноҳияи Данғара ҳаҷми истеҳсоли нон ва маҳсулотҳои нонӣ 116 тонна, маҳсулоти спиртӣ 122,5 дал, омехтаи регу сангмайда 253,9 мукааб ва хишти сементи 80 ҳазор дона нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта зиёд гардидааст.

Дар ноҳияи Ҷ. Балхӣ корхонаҳои саноатии ноҳия 2547,4 тонна нахи пахта нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 360,5 тонна зиёд, 290160,7 тонна семент нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 101504 тонна зиёд, 2330,6 тонна нон ва маҳсулотҳои нонӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 3,5 тонна зиёд, 3589,1 чигит нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 255,4 тонна зиёд, 527,7 ҳазор дона хишти сементӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 27,7 ҳазор дона  зиёд ва 2738 метрии мураббаъ маҳсулоти аз пластикаи филизӣ истеҳсол намудаанд.

Дар ноҳияи Кӯшониён ҳаҷми истеҳсоли нахи пахта 151,1 фоиз, чигит 152,5 фоиз, нон ва маҳсулоти нони  102,0  фоиз, равғани растанӣ 106,8 фоиз ва гушт 101 фоиз зиёд гардид.

Истеҳсоли хишти сементӣ бошад, ба 3 млн 304 ҳаз.200 дона расонида шуд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли 2019, 0,4 ҳазор дона ё ба 107,8 фоиз расонида шуд.

### 5.3. Ҷалби сармояи мустақим, бунёди корхонаҳои истеҳсолии нав, ба кор андохтани корхонаҳои аз фаъолият бозмонда, воридоти технологияҳои иноватсионӣ, зиёд намудани иқтидори истеҳсолии корхонаҳои мавҷуда ва ташкили ҷойҳои кории нав

Дар солҳои 2018-2021 дар вилоят баистифодадиҳии 232 корхона ва коргоҳҳои саноатӣ бо дарназардошти таъсиси 2030 ҷойи корӣ ба нақша гирифта шудааст.

Аз ҷониби соҳибкорони маҳаллӣ ва шахсони адолатпеша тайи солҳои 2018-2019 дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 164 корхона ва коргоҳҳо бо назардошти таъсиси 1866 ҷойи нави корӣ бунёд ёфт, ки дар рушди босуботи соҳаи саноат ҳиссагузор мебошанд.

Тибқи нақша, дар давоми соли 2020-ум дар шаҳру ноҳияҳои вилоят бунёди 112 адад коргоҳу корхонаҳои истеҳсолии нав бо таъсиси 1637 ҷойи корӣ пешбинӣ шуда, тӯли ин муддат дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 91 адад корхона ва коргоҳҳои саноатӣ, дар самти истеҳсоли маҳсулоти хӯроквориӣ (орд, консерваи меваю сабазавот, рулету кексӣ, макаронӣ, гӯшти мурғ), масолеҳи сохтмонӣ (шифери азбестӣ, тол, истихроҷ ва коркарди сангу шағал, оҳаксанг) ва дӯзандагӣ бо таъсиси 918 ҷойи корӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтааст.

Дар натиҷаи андешидани тадбирҳо ҶДММ “Дилкушо”-и ноҳияи Муъминобод, ҶДММ “Сомон ҒМ” ва ҶДММ “Оби Қадр”-и ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ, ШХ “Самар”-и ноҳияи Восеъ, ки тайи 3 соли охир аз фаъолият бозмонда буд, корро бо истеҳсоли сангмайда, консерва оғоз намуда, дар дохили бинои ҶДММ “Бофандаи Норак”-и шаҳри Норак аз ҷониби КВЁ “Дӯзандагии Данғара” коргоҳи дӯзандагӣ ташкил гардида, сокинони маҳаллӣ ба кор ҷалб карда шудаанд.

Мувофиқи омори расмӣ, дар вилояти Хатлон корхонаҳои саноатии аз фаъолият бозмонда 27 адад, аз ҷумла дар шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб, Бохтар, Шаҳритуз, Фархор, Қубодиён, Шамсиддин Шоҳин – 1 ададӣ, Левакант, Ховалинг, Хуросон–2 ададӣ, Ёвон – 5 адад, Ҳамадонӣ, Данғара – 5 ададиро ташкил медиҳад.

Аз теъдоди умумии онҳо, бинобар сабаби муфлисшавӣ - 10 адад корхона, фарсудашавии таҷҳизот – 6 адад, надоштани ашёи хом – 4 адад, дар марҳилаи барҳамдиҳӣ –5 адад, надоштани маблағ – 2 ададро ташкил дода, як корхонаи дигар аз аввали таъсисёбиаш умуман фаъолият накардааст.

Дар шаҳри Кӯлоб 5 коргоҳ, аз ҷумла коргоҳҳои асфалт ва бетонбарорӣ дар ҶДММ “Элдорадо” 15 ҷойҳои корӣ, коргоҳи истеҳсоли сафолак дар ҶДММ “Комбинати хонасозӣ” бо 5 ҷойи корӣ, 2 коргоҳи дӯзандагӣ, яке дар Ҷамоати деҳоти Даҳана бо ду мошинаи дарзӣ ва дигаре дар маҳаллаи Ш.

Шоҳин бо 4 мошинаи дарздӯзӣ бо 6 ҷой корӣ ва коргоҳи истеҳсоли обҳои ташнашикан бо 10 ҷойи корӣ сохта мавриди истифода қарор дода шуданд.

Дар ин давра 26 корхонаҳои истеҳсолӣ, ҳаҷми маҳсулотро нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта зиёд намуданд.

Дар шаҳри Бохтар 2 адад корхонаи саноатӣ бо истеҳсоли маҳсулоти хуроквори, қаннодӣ, дучарха ва нассоҷӣ бо таъсиси 135 ҷойҳои нави корӣ ба истифода дода шудааст, ки нисбати 3, 6 ва 9 моҳаи соли 2020 маълумот бе тағийр боқӣ мондааст.

Дар ноҳияи Данғара вобаста ба омодагӣ ва дар сатҳи баланд таҷлил намудани ҷашни 30 – солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби соҳибкорон дар соли ҷорӣ 4 корхонаҳои саноатӣ бо таъсиси 56 ҷойҳои корӣ мавриди истифодабари қарор дода шудааст.

Аз 18 корхонаи саноатӣ 15 корхона фаъолият дошта, 3 корхона фаъолият накарданд.

Дар шаҳри Левакант аз 26 корхонаҳои саноатии шаҳр 9 корхона суръати афзоишро таъмин карда, 11 адад ҳаҷми истеҳсолро коҳиш дода, 1 адад дар таҷдид қарор доштан, 5 адад бо сабаби надоштани маблағи гардон, ашёи хом ва набудани харидор фаъолият накардаанд.

Дар ноҳияи Фархор дар давоми соли 2020 22 корхонаҳои саноатӣ фаъолият доранд, ки аз он 4 адад корхонаҳои коркарди пахта, 5 адад коргоҳи хурди нассоҷӣ, 2 адад коргоҳи хурди коркарди шир, 1 адад коргоҳи хурди консервабарорӣ, 1 адад корхонаи хурди қаннодиву истеҳсоли нон, 1 адад корхонаи дӯзандагӣ, 3 адад корхонаи истеҳсоли блоки сементӣ, 1 адад корхонаи истеҳсоли қуму шағал, 1 адад корхонаи истеҳсоли гӯшти мурғ, 2 адад оби нӯшокӣ ва обёрӣ мебошанд.

Корхонаҳои коркарди пахта ва коргоҳҳои хурди насоҷӣ вобаста ба ашё (пахта) ва коргоҳи хурди консервабарорӣ дар давраи ҷамъоварии меваю сабзавот фаъолияти мавсимӣ доранд. Давоми соли 2020 1 адад фермаи мурғпарварӣ фаъолият накардааст.

Нишондоди ҳаҷми маҳсулоти саноатиро ҶДММ «Корпорат-сияи Зиёратшоҳ» ба 168,6%, ҶДММ «Бибизайнаб» ба 152,0%, ҶДММ «Исмоили Давлат» ба 109,9%, ҶДММ «Шукрона» ба 102,3%, ҶДММ «Фароғат-Н» ба 108,4%, ҶДММ «Сангреза» ба 177,1%, ҶДММ «Субҳи Фархор-1» ба 162,8% ва ҶДММ «Сабоҳ-2018» ба 102,3% расониданд.

Дар соли 2020 дар шаҳру ноҳияҳои Хуросон 2 адад корхонаи саноатӣ (11 ҷойи корӣ), Дӯстӣ 1 адад (7 ҷойи корӣ), Шаҳритуз 11 адад (37 ҷойи корӣ), Ҷ. Балхӣ 1 адад (12 ҷойи корӣ), А.Ҷомӣ 2 адад (36 ҷойи корӣ), Кӯшониён 3 адад (18 ҷойи корӣ), Норак 4 адад (16 ҷойи корӣ), Леваканд 1 адад (6 ҷойи корӣ), Бохтар 2 адад (135 ҷойи корӣ), Темурмалик 1 адад (4 ҷойи корӣ), Фархор 7 адад (65 ҷойи корӣ), Ховалинг 5 адад (41 ҷойи корӣ), Муъминобод 1 адад (100 ҷойи корӣ), Ёвон 5 адад (42 ҷойи корӣ), Ҳамадони 5 адад (38 ҷойи корӣ), Восеъ 3 адад (62 ҷойи корӣ), Балҷувон 1 адад (3ҷойи корӣ) ва Кӯлоб 4 адад (41 ҷойи корӣ) ба истифода дода шуданд.

Дар маҷмӯъ дар давоми соли 2020 дар вилоят тибқи маълумоти шаҳру ноҳияҳо 65 адад корхонаҳои нави саноатӣ бо710 ҷайи корӣ таъсис дода шудааст.

Ҳамин тариқ дар давраи ҳисоботӣ дар шаҳру ноҳияҳои Хуросон 4 адад корхонаи саноатӣ (7 ҷойи корӣ), Ёвон 3 адад (20 ҷойи корӣ), Леваканд 5 адад, Ш.Шоҳин 3 адад (22 ҷойи корӣ), Фархор 1 адад, Муъминобод 1 адад (8 ҷойи корӣ), Ҳамадонӣ 3 адад ва Кӯлоб 4 адад фаъолият накарданд.

Дар шаҳру ноҳияҳои Ҷомӣ, Ҷ. Балхӣ, Вахш, Восеъ, Данғара, Дӯстӣ, Панҷ, Ховалинг, Ҷайҳун ва Шаҳритуз вобаста ба зербанди мазкур маълумот дарҷ нагардидааст.

### 5.4 Рафти сохтмони корхонаҳои коркарди консентрати маъдан ва таъмини коркарди консентрати маъдан дар шаҳру ноҳияҳои дахлдор

Мувофиқи маълумотҳои вилояти Хатлон дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби корхонаҳои истихроҷи канданиҳои фоиданок дар ҳаҷми 320 ҳазору 588,2 метри мукааб рег, сангу шағал истеҳсол шудааст, ки дар қиёс ба ҳамин давраи соли гузашта 20 ҳазор метр мукааб ва ё 2,4 фоиз кам истеҳсол шудааст.

Вобаста ба зербанди мазкур дар ҳисоботҳои шаҳру ноҳияҳо вилояти Хатлон маълумот омода карда нашудааст.

### 5.5. Ба коркард фаро гирифтани ашёи хоми маҳаллӣ ҷиҳати нигоҳдории маҳсулоти кишоварзӣ ва ташкили коргоҳҳои хурди коркарди меваю сабзавот дар ноҳияҳои дурдаст (ҚҲҶТ аз 03.02.2020 с., №64 банди 10, сархати 6)

Дар соли 2020 аз ҷониби корхонаҳои консервабарории вилоят дар ин давра 30 миллиону 709,6 ҳазор қӯттӣ консерва истеҳсол шудааст, ки мутаносибан ба ҳамин давраи соли гузашта 25 миллиону 601 ҳазор қуттӣ зиёд мебошад.

Ҳамзамон, аз ҷониби ин корхонаҳо 56 тонна меваи хушк, аз ҷумла ҶДММ "И.Сомонӣ"-и ноҳияи Ҷ. Балхӣ 3 тонна ва ҶДММ "Беҳбудӣ"-и ноҳияи Кӯшониён 10 тонна, ҶДММ "Тухфаҳои табиат" 14 тонна ва "Махсуми Карим"- и ноҳияи Мӯъминобод 29 тонна истеҳсол шудааст.

Дар ноҳияи Данғара аз ҷониби хоҷагии деҳқонии Хуросон корхонаи коркарди меваю сабзавот бо иқтидори истеҳсоли 2 миллион қуттӣ дар як сол ба истифода дода шуд, ки дар он 35 нафар ва дар ноҳияҳои Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бошад як корхона бо дар назардошти 10 ҷойи кории доимӣ таъмин гардиданд.

Дар ноҳияи Муъминобод бо маблағгузории Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид ва саҳми соҳибкори ватанӣ сохтмони корхонаи коркарди меваи хушк бо таъсиси 5 ҷойи корӣ доими ва зиёда аз 20 ҷойи кори мавсимӣ сохта ба истифода дода шуда, аз ҷониби соҳибкоронӣ ватани корхонаи коркарди меваю сабзавот ва маҳсулотҳои ширӣ дар деҳаи Заркамари Ҷамоати деҳоти ба номи Н. Назаров бо таъсиси 100 нафар ба ҷойи кори

доимӣ ва зиёда 250 нафар ба кори мавсимӣ, мариди истифодабари қарордода шудааст.

Дар соли 2020 дар ноҳияи Ёвон ҶДММ "Ёсини Ёвон" хати нави истеҳсоли консерваҳо бо иқтидори истеҳсоли 30 ҳазор қуттии шартӣ, барои 4 ҷойи корӣ ба истифода додааст.

Дар ноҳияи Фархор ва 3 адад коргоҳи мева-хушккунӣ таъсис дода шудааст.

Маълумот вобаста ба зербанди мазкур дар ҳисоботҳои дигар шаҳру ноҳияҳои вилоят ба назар намерасад.

### 5.6. Ҷараёни фаъолияти корхонаҳои дастии атласу адрасбофӣ, қолинбофӣ ва сехҳои духти либосҳои мактабӣ

Тибқи маълумоти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон дар ин давра аз ҷониби косибони шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб, Левакант, Шаҳритуз, Шамсиддин Шоҳин ва Темурмалик 117,3 ҳазор метри мураббаъ матои адрас истеҳсол шудааст, ки ин нишондиҳанда дар қиёс ба ҳамин давраи соли гузашта 37,5 фоиз зиёд мебошад.

Дар асоси маълумотҳои маълумоти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо дар соли 2020 дар шаҳрҳои Леваканд 2416 м адрас, (нисбат ба соли гузашта 50 метр зиёд), Кулоб 4700 $м^2$ адрас (соли гузашта истеҳсол нашудааст) ноҳияҳои Темурмалик 210 метр (10 метр зиёд), Фархор 129 метр (8 метр зиёд), Шаҳритуз 1230 метр (83 метр кам), Ш. Шоҳин 40 (500 метр кам) истеҳсол карда шудааст.

Дар давоми соли 2020 дар ноҳияи Кӯшониён 2 адад қолини дастӣ (дар соли гузашта истеҳсол нашудааст) дар асоси фармоиш тайёр карда шудааст.

Дар ҳисоботҳои дигар шуҳру ноҳияҳо нисбати истеҳсоли қолин маълумот пешниҳод нагардидааст.

Мувофиқи маълумоти раёсати маорифи вилоят ба санаи 1 июли соли равон бо 34 корхона ва коргоҳи дӯзандагӣ барои дӯхти 368 ҳазору 737 ҷуфт либоси мактабӣ 98 фоизи нақша шартномабандӣ шуда, тибқи омори расмӣ 279 ҳазору 792 адад либоси мактабӣ истеҳсол шуда, дастраси хонандагон гардидааст.

Дар шаҳру ноҳияҳои Ховалинг 3433 ҷуфт (нисбати соли гузашта +2010 ҷуфт зиёд), Ҷайҳун 4300 ҷуфт (-7991 ҷуфт), Леваканд 6500 ҷуфт (+1200), Норак 7451 ҷуфт (+232 ҷуфт), Панҷ 6120 ҷуфт (+;- 0), Кӯшониён 18156 ҷуфт (+16156 ҷуфт), Темурмалик 7319 ҷуфт (+150 ҷуфт), Фархор 12260 (-8690 ҷуфт), Шаҳритуз 1900 ҷуфт (+698 ҷуфт), А. Ҷоми 4000 ҷуфт, Вахш 19000 ҷуфт (+;0), Норак 7451 ҷуфт (+232 ҷуфт) либосҳои мактабӣ истеҳсол шудааст.

Дар шаҳри Кӯлоб дар соли 2020, 2 коргоҳи дӯзандагӣ, яке дар Ҷамоати деҳоти Даҳана бо ду мошинаи дарздузӣ ва дигаре дар маҳаллаи Ш. Шоҳин бо 4 мошинаи дарздӯзӣ сохта шуда, дар ин замина 6 ҷойҳои корӣ таъсис дода шудааст.

Дар ноҳияи Шаҳритуз 2 коргоҳи дӯзандагӣ фаъолият дошта, барои таъмини хонандагон бо либоси ягонаи мактаби барои дӯхти 14 ҳазор ҷуфт либос шартномаи тарафайн баста шуда, андозагири оғоз гардидааст.

Дар ноҳияи Қубодиён ҶДММ "Мавлуда" ва ҶДММ "Мастура Авезова" барои таъмин намудани хонандагон бо либоси ягонаи мактабӣ фаъолият намуда истодааст.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он дар ҳамкорӣ бо Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба фаъолият оғоз намудани корхонаҳои нави банақшагирифта ва ба кор андохтани корхонаҳои аз фаъолият бозмонда, ба кор андохтани корхонаҳои қолинбофӣ фаъолиятро пурзур намуда ҷиҳати амалӣ гардонии барномаҳои соҳаи саноат ва таъмини ҳадафи чоруми стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба саноатикунонии мамлакат чораҳои мушаххас амалӣ намоянд.

## 6. Маълумот оид ба рушди энергетика (банди 24 паём)

**6.1. Бунёди иқтидорҳо ва шабакаҳои нави барқӣ, таҷдиду барқарорсозии шабакаҳои мавҷуда, аз ҷумла ҳолати истифодаи нерӯгоҳҳои хурди барқӣ (банди 24 паём),6.2. Рафти пардохти маблағи ҳаққи истифодаи қувваи барқ ва мавҷудияти бақияи қарзи истифодаи қувваи барқ,6.3. Ҷорӣ намудани низоми муосири назорату баҳисобгирӣ (ҳисобкунакҳои электронӣ) ва коҳиш додани талафоти нерӯи барқ ва истифодаи технологияи каммасраф (банди 24 паём, АПҶТ аз 06.03.2019с. №АП-1176, банди 21 Нақша чорабиниҳои "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ").**

### 6.1. Бунёди иқтидорҳо ва шабакаҳои нави барқӣ, таҷдиду барқарорсозии шабакаҳои мавҷуда, аз ҷумла ҳолати истифодаи нерӯгоҳҳои хурди барқӣ (банди 24 паём)

Тибқи маълумотҳои пешниҳоднамудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон нерӯгоҳҳои барқи обии "Норак", "Бойғозӣ" ва силсиланерӯгоҳи барқи обии "Вахш" бармеояд, дар заминаи татбиқи лоиҳаҳои таҷдиди корҳои азнавсозӣ аз ҷумла, мутобиқи ЛОТ-и якум ва дуюми таҷдиди Нерӯгоҳи барқи обии "Сарбанд" дар сатҳи 96 фоиз, ЛОТ-и панҷуми Бонки Осиёии рушд барои корҳои таҷдидии Нерӯгоҳи барқи обии "Бойғозӣ", ЛОТ-и якум ва дуюми таҷдиди Нерӯгоҳи барқи обии "Норак" амалӣ шудаанд. Дар доираи татбиқи лоиҳаҳои болозикр як қатор корҳо, аз қабили ивазнамоии АРУ-220 кВ ва АРУ-500 кВ-и Нерӯгоҳи барқи обии "Норак" ба ДТПЭ-220 кВ ва ДТПЭ-500 кВ, таҷдиду азнавсозии низоми барангезиши тиристорӣ ва низоми назорати ҳароратии гидроагрегатҳои Нерӯгоҳи барқи обии "Бойғозӣ", таҷзияи (демонтажи) гидроагрегатҳои №5 ва №6, таҷзияи трансформатори 3Т, таҷзияи компрессорҳои фишори паст,

таҷдиду азнавсозии автотрансформатори АТ-3, таҷзияи қисми якуми ДТК-220 кВ, таҷзияи МВ-35 кВ, Л-5КГ-и зеристгоҳи 35 кВ, таҷзияи хатти интиқоли барқи Л-5 ПК-1, Л-4-5-1, Л-5ПВ-2 ДТК-110 кВ ва сохтмони биноҳои марказии идоракунии зеристгоҳҳои 220/110 кВ-и нерӯгоҳи "Сарбанд" ба анҷом расидаанд. Дар моҳи сентябри соли 2020 мутобиқи ЛОТ-и якум ва дуюми таҷдиди Нерӯгоҳи барқи обии "Сарбанд"-и шаҳри Левакант агрегати дуюми он ба истифода дода шуд.

Айни замон дар вилоят 36 адад нерӯгоҳҳои хурди барқӣ ва 23 адад панелҳои офтобӣ фаъолият дорад, ки нисбати 3 моҳаи соли 2020 маълумот бе тағийр боқи мондааст.

Таҳлили нишондиҳандаи ҳаҷми қувваи барқи қабулгардида муайян менамояд, ки 28,4% истифодаи қувваи барқ ба соҳаҳои саноат рост омада, барои рушди соҳаи саноати шаҳру ноҳияҳо замина гузоштааст.

Тибқи маълумоти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Левакант дар ҳудуди шаҳр як адад нерӯгоҳи барқӣ фаъолият дошта, мувофиқи ҳисоботи оморӣ дар ин муддат 759,9 миллион кВт/соат нерӯи барқ тавлид ва интиқол гардидааст, ки дар қиёс ба ҳамин давраи соли гузашта 41 миллион кВт/соат зиёд буда 105,7 фоизро ташкил медиҳад.

### 6.2. Рафти пардохти маблағи ҳаққи истифодаи қувваи барқ ва мавҷудияти бақияи қарзи истифодаи қувваи барқ

Дар соли 2020 маблағи қарзи барқи истифодашуда дар миқёси вилоят 630,6 миллион сомониро ташкил додааст, ки нисбат ба аввали соли 2020, 43,7 млн. сомонӣ ё 107,4% зиёд гардидааст.

Дар ин давра қарздории корхонаҳои буҷавӣ дар маҷмӯъ ба маблағи 33,4 млн. сомонӣ нисбат ба аввали соли 2020, 20,4 млн. сомонӣ ё 61,9%, аҳолӣ 241,9 млн.сомонӣ 24,3 млн. сомонӣ 111,1% зиёд гардида ва дар корхонаҳои истеҳсоли 91,4 млн. сомонӣ +17,7 млн. сомонӣ ё 83,7 зиёд гардидааст.

Маблағи қарзи истифодаи қувваи барқ нисбат ба соли 2019, дар шаҳру ноҳияҳои Восеъ +11,7 млн. сомонӣ (ҳамагӣ қарзи умумӣ 44,0 млн. сомонӣ), Ёвон +7,9 млн. сомонӣ (48,1 млн. сомонӣ), Кӯлоб +7,3 млн. сомонӣ (114,1 млн. сомонӣ), Вахш +5,2 млн. сомонӣ (41,7 млн. сомонӣ), Муъминобод +4,0 млн. сомонӣ (18,5 млн. сомонӣ), Ҷалолиддини Балхӣ +3,7 млн. сомонӣ (21,1 млн. сомонӣ), Панҷ +3,3 млн. сомонӣ (14,8 млн. сомонӣ), Фархор +3,0 млн. сомонӣ (14,6 млн. сомонӣ), Шаҳритуз +1,5 млн. сомонӣ (18,3 млн. сомонӣ), Бохтар +1,2 млн. сомонӣ (80,5 млн. сомонӣ), Темурмалик +1,2 млн. сомонӣ (9,5 млн. сомонӣ) ва Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ +1 млн. сомонӣ (ҳамагӣ қарзи умумӣ 14,9 млн. сомонӣ)-ро ташкил дода, самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо ва мақоми ваколатдори соҳа ШСХК "Барқи тоҷик" таъмин нагардидааст.

Танҳо дар ноҳияи Кушониён -2,4 (ҳамагӣ қарзи умумӣ 35,4 млн. сомонӣ), камшавии қарзи истифодаи қувваи барқ ба назар мерасад, ки дуруст ба роҳ мондани фаъолияти кориро нишон медиҳад.

Нишондиҳандаи қарзи калони истифодаи қувваи барқ дар шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб, Бохтар, Ёвон, Восеъ, Кӯшониён, Леваканд, Қубодиён, Норак, Ҷ.Балхӣ, Муъминобод, Шаҳритуз, Данғара, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Вахш, Панҷ, Фархор, Ҷайҳун ва Дӯстӣ мавҷуд буда, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва сохтори ҳудудии ШСХК "Барқи Тоҷик" ба миён омадааст.

**6.3. Ҷорӣ намудани низоми муосири назорату баҳисобгирӣ (ҳисобкунакҳои электронӣ) ва коҳиш додани талафоти нерӯи барқ ва истифодаи технологияи каммасраф (банди 24 паём, АПҶТ аз 06.03.2019с. №АП-1176, банди 21 Нақша чорабиниҳои "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ")**

Дар соли 2020 бо мақсади дақиқ ба ҳисоб гирифтани қувваи барқ аз ҳисоби таъмини нишондиҳандаи баланди шумораи насби ҳисобкунакҳои электронӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳру ноҳияҳои Данғара +1456 адад ҳамагӣ, Ҳамадонӣ +1230 адад (13950 адад), Темурмалик +1112 адад (5259 адад), Панҷ +1089 адад (11830 адад), Шамсиддини Шоҳин +1050 адад (6800 адад), Кӯшониён +715 адад (3985 адад), Кӯлоб +604 адад (15064 адад), Қубодиён +512 адад (22405 адад), Фархор +420 адад (16800 адад), Бохтар +390 адад (10315 адад), Норак +366 адад (7888 адад), Муъминобод +290 адад (6679 адад), Ҷ.Балхӣ +171 адад (27560 адад), Восеъ+60 адад (25890 адад), Балҷувон +45 адад (1005 адад), Носири Хусрав +37 адад (437 адад) ва Шаҳритуз +25 адад (410 адад) зиёд ба роҳ монда шуда, замина барои таъмини нишондоди рушди энергетика гузошта шуда истодааст.

Бояд зикр намуд, ки дар соли 2020 насби ҳисобкунакҳои электронӣ дар ноҳияи Вахш -7960 адад (5890 адад), Хуросон -875 адад (12530 адад), Ёвон -85 адад (1892 адад) кам гардидааст.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Ҷайҳун, А.Ҷомӣ ва Ховалинг маълумот оид ба насби ҳисобкунакҳои электронӣ маълумот пешниҳод накардааст.

Дар соли 2020, дар миқёси вилоят талафоти барқ 16,3%-ро ташкил додааст, ки нисбат ба аввали соли 2020 1,0% кам гардидааст.

Корҳои анҷомдода оид ба кам кардани талафоти барқ имкон додааст, ки дар шаҳру ноҳияҳои Н.Хусрав 2,3% (-14,7%), Дӯстӣ 13,3% (-3,7%), Кӯшониён 14% (-3%), Восеъ 11,7 % (-2,8%), Қубодиён 15,5% (-2,5%), Панҷ 13,8% (-2,4%), Бохтар 15% (-2%), Фархор 11,9% (-2%), Вахш 14,5% (-1,7%), Муъминобод 13,0% (-1,7%), Балҷувон 14,2% (-1,6%), Темурмалик 13,6% (-1,2%), Ҳамадонӣ 13% (1,2%), Шаҳритуз 15% (-1%), Хуросон 15,1% (-0,9%), Данғара 14 %(-0,6%), Ш.Шоҳин 16,0% (-0,5%), Кӯлоб 18,2% (-0,2%), Ёвон 12,9% (-0,2%), А.Ҷомӣ 13% (-3,3%) ва Ховалинг 14,1% (-0,2%) талафоти барқ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта кам гардида, барои расидан ба нишондиҳандаи пешбинӣ намудани Стратегияи миллии рушд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 шароит фароҳам оварда истодааст.

Ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои шаҳри Норак 20.2% (+6.1%) ва Ҷ.Балхӣ 18,9% (+0,2%)-ро ташкил дода, аз ҳисоби зиёд гардидани талафот

нисбат ба аввали соли 2020, ба таъмини нишондиҳандаи рушди энергетика таъсири манфӣ расонидааст.

Нишондиҳандаи баланди фоизи талафоти барқ дар шаҳру ноҳияҳои Норак (20,2%), Ҷ.Балхӣ (18,9%), Кӯлоб (18,2%), Ш.Шоҳин (16,0%), Қубодиён (15,5%), Хуросон (15,1%) ва Бохтар (15%) ба назар мерасад, ки пешбинӣ намудани тадбирҳои иловагиро барои таъмиру барқарорсозии воситаҳои барқтаъминкунӣ талаб менамояд.

Пешниҳод: Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он дар ҳамкорӣ бо Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, ШСХК "Барқи Тоҷик" ҷиҳати баланд бардоштани дараҷаи таъминоти ҳисобкунакҳои электронӣ, коҳиш додани талафоти нерӯи барқ, боздошти тамоюли зиёдшавӣ ва кам намудани қарзҳои ҳаққи истифодаи нерӯи барқ, ҳалли масъалаҳои таъминоти қувваи барқ ба маҳаллаҳои навбунёди шаҳру ноҳияҳо чораҳои мушаххас андешида, корҳоро дар ин самт ҷоннок намоянд.

Новобаста аз тадбирҳои андешидашуда, вазъияти мавҷуда идома додани корҳоро ҷиҳати баланд бардоштани дараҷаи таъминоти ҳисобкунакҳои электронӣ, коҳиш додани талафоти нерӯи барқ, боздошти тамоюли зиёдшавӣ ва кам намудани қарзҳои ҳаққи истифодаи нерӯи барқ, ҳалли масъалаҳои таъминоти қувваи барқ ба маҳаллаҳои навбунёди шаҳру ноҳияҳо, тақозо менамояд.

## 7. Маълумот оид ба ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолии мамлакат ба ғизои хушсифат (банди 5 паём):

**Нишондоди пешакии ҳифзи амнияти озуқаворӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, 7.1. (7.12) Суръати афзоиши истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ, 7.2. (7.2, 7.9) Истифодаи оқилонаи обу замин, 7.3. (7.4, 7.5 7.6, 7.7, 7.8 ) Таъмини заминаи содирот ва ворридотивазкунии маҳсулоти кишоварзӣ 7.4 (7.10). Ҷараёни кишти зироатҳои кишоварзӣ, аз ҷумла кишти такрорӣ,**

### 7.1. Афзоиши ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ дар соҳаи растанипарварӣ ва чорводорӣ, истеҳсоли маҳсулотҳои асосии соҳа, хусусан истеҳсоли пахта ва баланд бардоштани ҳавасмандии хоҷагиҳои пахтакор (банди 5 паём, ҚҲҶТ аз 03.02.2020 с., №64 банди 10, сархати 1);

Дар соли 2020 ҳаҷми маҳсулоти умумии кишоварзӣ ба 16985,0 миллион сомонӣ расонида шуд, ки афзоиши он нисбат ба нишондиҳандаи ҳамин давраи соли гузашта 1479,8 миллион сомонӣ ё ин ки 109,1 фоизро ташкил менамояд.

Инчунин дар ин давра дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ ба 985,3 ҳазор тона, пахта 277,2 ҳазор тона, картошка ба 207,8 ҳазор тона, сабзавот ба 1469,8 ҳазор тона, полезиҳо ба 589,1 ҳазор тона, меваҷот ба 209,1 ҳазор тона ва ангур ба 107452,1 тона расонида шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ғалладонагиҳо 115066 тона, пахта 10443 тона, сабзавот 208218,7

тона, полезӣ 30181 тона, мевагиҳо 7559,6 тона ва ангур 1426,8 тонна зиёд буда, ҳаҷми маҳсулоти растанипарвариро ба 12305,1 миллион сомонӣ расониданд, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 1116,8 миллион сомонӣ зиёд мебошад.

Аз ҳисоби таъмини нишондиҳандаи баланди суръати афзоиши истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ нисбати ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳр ва ноҳияҳои Кӯлоб 110,6%, Норак 116,8, Кушониён 110,4%, Ҷ.Балхӣ 106,9%, Ҷайҳун 116,1 %, Н. Хусрав 126,8 %, Панҷ 115,1 %, Балҷувон 104,1%, Восеъ 111,2 %, Ёвон 106,0%, Ҳамадонӣ 116,3 %, Фархор 108,8 %, А.Ҷомӣ 107,0%, Дустӣ 117,9 %, Муъминобод 104,2 %, Ховалинг 107,0 %, Темурмалик 108,1 % ва Вахш 107,3%иҷро гардида, ҳиссаи онҳо дар таъмини нишондоди ҳифзи амнияти озуқаворӣ назаррас буда, дар боқимонда шаҳру ноҳияҳо низ суръати муайяни афзоиш таъмин карда шудааст.

**7.2. Ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои бекорхобида, азхудкунии заминҳои нав ва пешгирии шӯршавии он (банди 39 паём, ҚҲТ аз 03.02.2020 с., №64 банди 1, сархати 4**

Бо мақсади истифодаи самараноку оқилонаи замин, аз ҷумла барқарор намудани заминҳои аз гардиши кишоварзӣ берунмонда дар соли сипаригардида аз ҳисоби заминҳои партов 90,14 гектар, чарогоҳ 362,03 гектар, корами лалмӣ 18 гектар ва дигар заминҳо 44,75 гектар дар дар маҷмӯъ 515,92 гектар қитъаи замин дар асоси қарорҳои раисони шаҳру ноҳияҳо ба намуди дарахтони бисёрсола гузаронида шудаас т.

Дар робита ба масъалаи мазкур муайян карда шуд, ки дар давраи ҳисоботӣ дар шаҳру ноҳияҳои Қубодиён 512 га, Н. Хусрав 120 га, . Балхӣ 43,6 га, А. Ҷомӣ 40,29 га, Н. Дустӣ 39,65 га, Муъминобод 12,28 га, Норак 30,0 га, Кушониён 48,2 ва Ҳамадонӣ 7 га заминҳои холимонда ба гардиши кишоварзӣ ворид карда шудаанд ва дар ҳисоботҳои пешниҳоднамудаи дигар шаҳру ноҳияҳо вобаста ба ин масъала маълумот омода нагардидааст.

**7.3. Баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо, рушди соҳаи тухмипарварӣ (банди 40 паём, ҚҲТ аз 03.02.2020 с., №64 банди 10, сархати 3);**

Тибқи Барномаи рушди соҳаи тухмипарварӣ барои солҳои 2016-2020, вобаста ба рушди соҳаи тухмипарварӣ 42 адад хоагиҳои махсуси тухмипарварӣ дар вилоят фаъолият намуда истодаанд, ки самти фаъолияти 24 адади онҳоро истеҳсоли пахтаи тухмӣ ташкил медиҳад.

Соли сипаригашта дар 21 адади онҳо аз рӯи 17 навъи пахта дар масоҳати 318 гектар қитъаҳои элитӣ бунёд карда шудааст. Хусусан хоагиҳои тухмипарварии "Ҳосилот"-и ноҳияи Бохтар, "Кӯлоб"-и ноҳияи Вахш, ба номи Э. Сатторов ва Эргаш Султонови ноҳияи Дӯстӣ, Ҳамадонӣ ва "Сабз"-и шаҳри Кӯлоб дорои базаи мустаҳками техникӣ мебошанд.

Бо мақсади таъмин намудани талаботи хоҷагиҳои кишоварзӣ бо тухмӣ барои ҳосили соли 2021 мувофиқи маълумоти оморӣ ба ҳолати 1

январи соли 2021-ум 41971 тонна ғалладона ва лӯбиёгӣ, аз он 38141 тонна гандум, 3033 тонна ҷав, 374,1тонна шолӣ, 427,4 тонна дигар ғалладона ва лӯбиёгиҳо, 997,1 тонна ҷуворимакка, 5748 тонна картошка, 44,5 тонна сабзавот ва 10694 тонна чигит захира карда шудааст, ки нисбати соли гузашта 433 тонна ғалладона ва лӯбиёгӣ, 102 тонна гандум, 131 тонна ҷав, 157,3 тонна шолӣ, 5,1 тонна ҷуворимакка, 34,3 тонна дигар ғалладона ва лӯбиёгиҳо, 27,4 тонна картошка, 0,1 тонна сабзавот ва 168 тонна чигит зиёд мебошад.

**7.4. Зиёд намудани масоҳати гармхонаҳои доимоамалкунанда (банди 40 паём, ҚҲТ аз 03.02.2020 с., №64 банди 10, сархати 2);**

Бо мақсади зиёд намудани масоҳати гармхонаҳои доимоамалкунанда ва таъмин намудани аҳолӣ бо маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ, мувофиқи маълумотҳои оморӣ соли ҷорӣ 56,7 гектар гармхонаҳои доимоамалкунанда фаъолият дошта, аз ин ҳисоб 2533,5 тонна сабзавот, аз ҷумла 1515,1 тонна помидор, 342,1 тонна бодиринг ва 676,3 тонна дигар маҳсулоти сабзавотӣ ҷамъоварӣ гардида, ғайр аз ин 713,9 гектар гармхонаҳои мавсимӣ мавҷуд буда, аз ин ҳисоб 32125,5 тонна маҳсулот, аз он ҷумла 8866,6 тонна помидор, 9830,4 тонна бодиринг ва 13428,5 тонна дигар сабзавотиҳо ҷамъоварӣ гардида, дар бозорҳои дохили кишвар ба фурӯш бароварда шуд, ки ҷиҳати ба танзим даровардани нархи маҳсулотҳо мусоидат намуд. Бунёди гармхонаҳо сол то сол афзоиш ёфта истодааст.

Масоҳати бунёди гармхонаҳо дар шаҳр ва ноҳияҳои Ҷайҳун 72,0 га, Дустӣ 0,60 га, Ёвон 15,2 га, Норак 0,5 га, Қубодиён 3,2 га, Бохтар 0,7 га, Фархор 0,93 га, Кулоб 0,65 га, Пан 1,3 га, Хуросон 0,33 га, Ҳамадонӣ 0,31 га, Н. Хусрав 0,10 га, Муъминобод 0,10 га ва Ховалинг 0,06 га зиёд гардида, барои таъмини аҳоли шаҳру ноҳияҳо бо сабзавоти тару тоза ва барои кам намудани воридоти маҳсулот аз хориҷи кишвар мусоидат намудааст.

**7.5. Афзун намудани ҳаҷми содироти маҳсулоти кишварзӣ (банди 40 паём);**

Дар баробари зиёд гардидани маҳсулот, содироти он низ ба хориҷи кишвар зиёд гардида, ба ҳолати 19 октябри соли 2020 аз вилоят ба хориҷи кишвар 108.8 ҳазор тона маҳсулоти кишоварзӣ содирот шуда, иҷрои дурнамо 121 фоиз таъмин шудааст. Аз умла, сабзавот 92259,7 тонна аз он 89365,7 тонна пиёз, 63,0 тонна полезӣ, 59,5 тонна каду, 6723,6 тонна меваҷот ва дигар намуди маҳсулотҳоро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли 2019 14468,3 тонна зиёд мебошад.

Ҳаҷми маҳсулоти содиротӣ дар ин давра дар шаҳр ва ноҳияҳои Қубодиён 5064 тонна, Кушониён 765 тонна, Ёвон 3919 тонна, А. Ҷомӣ 3599 тонна, Ҷайҳун 35826 тонна, Данғара 3450 тонна, Фархор 3000 тонна, Восеъ 2960 тонна, Н. Хусрав 2040 тонна, Пан 2165 тонна, Ҳамадонӣ 2050 тонна, Кӯлоб 1003 тонна, Леваканд 544 тонна ва Норак 60 тоннаро ташкил намудааст.

**7.6. Зиёд намудани шумораи сардхонаҳо барои нигоҳдории маҳсулоти кишварзӣ ва пешгирии талафёбии он (банди 40 паём);**

Барои нигоҳдории маҳсулоти кишварзӣ дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои вилоят 46 адад анборҳои нигоҳдории маҳсулоти кишоварзӣ бо иқтидори 5547 тонна ва 50 адад сардхонаҳо бо иқтидори 20040 тонна маҳсулоти кишоварзӣ мавуд буда, дар онҳо 1550 тонна меҳсулоти кишоварзӣ захира карда шудааст.

Дар ин давра, дар миқёси вилоят сохтмони сардхона дар Ҷамоати деҳоти ба номи А.Рудакии ноҳияи Восеъ 1 адад сардхона бо иқтидори 640 тонна барои захира намудани маҳсулот кишоварзӣ сохта ба истифода дода шудааст.Дар ноҳияи Ҷайҳун 3-адад сардхона бунёд карда шуда шумораи он дар ноҳия ба 12 адад расидааст

Дар шаҳри Бохтар 13 адад сардхона бо масоҳати 4300 метри мукааб мавуд буда, пурра ба истифода дода шудааст.

Дар шаҳри Леваканд 1 адад сардхона бо иқтидори 1000 тонна бунёд гардида, омодаи кор мебошад. Инчунин сохтмони 1 адад сардхона бо ғуноиши 300 тонна маҳсулоти кишоварзӣ идома дорад. Дар ноҳияи Муъминобод сардхона барои нигоҳдории 1000 тонна маҳсулоти кишоварзӣ сохта шудааст.

Бо мақсади зиёд намудани шумораи сардхонаҳо дар ноҳияи Қубодиён сохтмони як адад сардхона тибқи гранти Барномаи СММ, шаҳри Кулоб 4 сардхона бо ғунҷоиши 800 тонна, Темурмалик 1 адад бо ғуноиши 150 тонна ва Фархор 1 адад бо ғуноиши 1000 тонна, маҳсулоти кишоварзӣ ба нақша гирифта шудааст.

Бо мақсади зиёд намудани шумораи сардхонаҳо дар ноҳияи Қубодиён сохтмони як адад сардхона тибқи гранти Барномаи СММ, шаҳри Кулоб 4 сардхона бо ғунҷоиши 800 тонна, Темурмалик 1 адад бо ғунҷоиши 150 тонна ва Фархор 1 адад бо ғунҷоиши 1000 тонна, маҳсулоти кишоварзӣ ба нақша гирифта шудааст.

**7.7. Ба роҳ мондани коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла меваю сабзавот дар ноҳияҳои куҳистони дурдаст, таъсиси корхонаҳои паррандапарварӣ, истеҳсоли хӯроки омехтаи парранда (банди 40 паём, ҚҲҶТ аз 03.02.2020 с., №64 банди 10, сархатҳои 4, 6);**

Бо мақсади таъсиси корхонаҳои паррандапарварӣ соли ҷорӣ дар ноҳияи Ёвон 1 адад лоиҳаи сармоягузорӣ доир ба ташкили фабрикаи паррандапарварӣ ва истеҳсоли гӯшти мурғ таҳия шуда, барои дарёфти сарчашмаи сармоягузорӣ ба муасисаи давлатии «Фонди дастгирии соҳибкорӣ»-и назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид, ки маблағи умумии он 18 млн. сомониро ташкил медиҳад.

Дар ноҳияи Муъминобод ҷиҳати татбиқи амалии Барномаҳои давлатӣ оид ба рушди соҳаҳои паррандапарварӣ ва занбӯри асалпарварӣ тадбирҳои зарурӣ амалӣ гардида, дар ҳамаи бахшҳои хоҷагидорӣ саршумори парранда ба 127889 сар ва шумораи оилаҳои занбӯри асал ба 7531 адад расонида шудааст, инчунин дар заминаи фабрикаи парандапарварии “Якарча” то ба имрӯз 357,4 тонна гӯшти парҳезии парранда истеҳсол карда шуда, бо мақсади

истеҳсоли фаъол ва таъмини маҳсулоти аз ҷиҳати экологи тоза дар инкубаторҳои фабрика паррандапарварӣ 39 ҳазор дона тухми хушзоти гӯшти хобонида шудааст.

Дар ноҳияи Темурмалик барои коркарди маҳсулоти мевагӣ як коргоҳ фаъолият намуда, дар он меваҳои тару тозаро ҷамъоварӣ намуда, коркард намуда меваи хушк омода менамоянд. Коргоҳ соли дуюм аст, ки фаъолият дошта дар баробари истеҳсоли хушкмева, соли равон тасмим гирифтааст, ки ба тайёр намудани консерваи меваю сабзавот дар банкаҳои шишагин корро оғоз намояд.

Дар Ҷамоати деҳоти Танобчӣ корхона (фермаи) паррандапарварӣ фаъолият намуда, айни ҳол барои истеҳсоли гушти парранда нигаронида шудааст. Инчунин соҳибкори маҳаллӣ як коргоҳи парвариши мурғи марҷонро ба роҳ монданист, ки айни ҳол сохтмони он идома дорад.

Дар ҳисоботҳои боқимондаи шаҳру ноҳияҳо оид ба зербанди мазкур маълумот омода карда нашудаас ва маълумотҳо нисбати нуҳмоҳаи соли 2020 бе тағйир боқи мондааст.

**7.8. Рафти ҷалби сармояи ватаниву хориҷӣ ба соҳаи моҳипарварӣ ва дар ин замина зиёд кардани ҳами истеҳсоли моҳӣ (ҚҲТ аз 03.02.2020 с., №64 банди 10, сархати 5);**

Тибқи маълумотҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон дар соли 2020 ба миқдори 2551 тонна моҳи истеҳсол карда шудааст, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 314,7 тонна зиёд мебошад.

Дар асоси маълумотҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо муайян карда шуд, ки бо мақсади рушди соҳаи моҳипарварӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят корҳои назаррас ба роҳ монда шуда дар ин давра шаҳру ноҳияҳои Норак 2290,9 тонна, Кӯлоб 1003,8 тонна, Леваканд 484 тонна, Ҷомӣ 703,8 тонна, Ҳамадонӣ 403,8 тонна, Ҷайҳун 139,4 тонна, Фархор 116,0 тонна, Данғара 21,0 тонна, Восеъ 20,2 тонна, Қубодиён 28,0 тонна, Кушониён 4,8 тонна ва Панҷ 30,0 тонна ва Хуросон 18,6 тонна моҳӣ истеҳсол карда шудааст.

**7.9. Истифодаи самараноку сарфакоронаи об барои обёрии заминҳо, ҷорӣ намудани технологияҳои каммасраф дар соҳаи кишоварзӣ ва ҳифзи захираи об (банди 38 паём).**

Дар ин давра бо истифодабарандагони об дар майдони 280067 гектар бо 1341 адад истифодабрандагони об шартномаи тарафайн ба имзо расониданд.

Пардохти ҳаққи хизмати обрасонӣ дар ин давра ба 31,4 миллион сомонӣ баробар гардид, бақияи қарзи ҳаққи хизмати обрасонӣ дар ин давра ба 79,8, миллион сомонӣ баробар гардида, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 4,7 млн.сомонӣ зиёд гардида, асосан аз ҳисоби шаҳру ноҳияҳои Кушониён 7,4 млн. сомонӣ, Қубодиён 1,5 млн. сомонӣ, Дӯстӣ 7,6 млн. сомонӣ, Ҷайҳун 4,5 млн. сомонӣ ва Вахш 1,9 млн. сомониро ташкил дода, ба нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии “таъмини

амнияти озуқаворӣ” таъсири манфи расонида барои кам намудани он Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки тадбирҳо андешад.

Дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 136 адад Ассосиатсияи истифодабарандагони об ташкил карда шуда, 134 адади он фаъолият дорад. Оиди ба роҳ мондани фаъолияти механизми ба онҳо вобаста намудани шабакаҳои обёрии дохилихоҷагӣ ва таъсиси моддию техникии онҳо, корҳои баҳисобгирии воситаҳои асосӣ рафта истодааст.

**7.10. (7.11.) Дар ҷараёни кишти зироатҳои кишоварзӣ, аз ҷумла кишти такрорӣ, зиёд намудани майдони кишт (банди 38, 40 паём);**

Дар соли равон дар майдони 426,3 ҳазор гектар кишти тирамоҳӣ ва баҳории зироатҳои кишоварзӣ гузаронида шудааст, ки 101,8 фоизи дурнаморо ташкил дода, нисбати ҳамин давраи соли гузашта 4481 гектар зиёд мебошад.

Дар ин давра дар вилоят дар майдони 188,3 ҳазор гектар кишти ғалладонагиҳо гузаронида шудааст, ки 101,3 фоизи дурнаморо ташкил додааст.

Дар майдони 135323 гектар кишти зироатҳои техникӣ, аз он умла 124175 гектарашро пахта ташкил намуда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 2078 гектар кишти пахта зиёд мебошад.

Кишти полезӣ низ 15455,0 гектар таъмин гардида, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 62,0 гектар зиёд мебошад.

Кишти картошка зери назорати доимӣ қарор дошта, дар ин давра 10606 гектар кишт гузаронида шуд.

Масоҳати кишти такрории маҳсулотҳои кишоварзӣ дар шаҳр ва ноҳияҳои Дустӣ 8663 га, Пан 8519 га, Ҳамадонӣ 8150 га, А. Ҷомӣ 7797 га, Ёвон 7389 га, Қубодиён 6496 га, Фархор 5133 га, Данғара 4500 га, Н. Хусрав 3672 га, Хуросон 3620 га, Кӯлоб 3172 га, Леваканд 992 га, Бохтар 665 га, Темурмалик 452 га ва Норак 376 га ро ташкил намуда дар дигар шаҳру ноҳияҳои вилоят низ чунин ҳолат ба роҳ монда шудааст.

**7.12. Мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳа ва пешниҳод барои ҳалли онҳо.**

- норасогии техникаҳои заминкан, аз умла экскваторҳо, булдозерҳо, механизмҳои махсус барои тоза намудани заҳбуру заҳкашҳои пӯшида, иваз намудани насосҳои оббарорӣ, ки солҳои тӯлонӣ истифода шуда истодаанд;
- харитаи тақсимоти чарогоҳҳо ва роҳҳои чорвогузар аз нав дида баромада шавад;
- ворид намудани тухмиҳои хушсифат ва минтақабоб ба шаҳру ноҳияҳои вилоят навҳои 1-ум ва 2-юм аз давлатҳои ҳамсоя, хусусан чигити тухмӣ.

## 8. Рушди соҳаи сохтмон ва меъморӣ (банди 87-и паём)

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи сохтмон бо нишондиҳандаҳои**

**ичтимоию иқтисодӣ, 8.1. (8.1, 8.2, 8.3, 8.4 8.5) Фароҳам овардани шароити беҳтари зиндагӣ ба аҳолӣ, 8.2. (8.6) Сохтмон ва таъмиру тармими манзилҳои истиқоматии шахсони яккаву танҳо, маъюбон, пирони барҷомонда, ятимон ва оилаҳои камбизоат арзёбӣ гардиданд.**

**8.1. (8.1, 8.2, 8.3, 8.4, 8.5) Фароҳам овардани шароити беҳтари зиндагӣ ба аҳолӣ**

**8.1. Таъмин намудани марказҳои маъмурии шаҳру ноҳияҳо бо инфрасохтор ва иншооти муҳандисӣ бо дар назардошти рушди минбаъдаи онҳо аз ҳисоби алби сармоягузории дохилию хориӣ (ҚҲТ аз 03.02.2020 с., №64 банди 22, сархати 2);**

Дар самти сохтмони иншооти соҳаҳои итимоию фарҳангӣ ва истеҳсолӣ пешравиҳо назаррас буда, ҷиҳати таъмин намудани марказҳои маъмурии шаҳру ноҳияҳо бо инфрасохтор ва иншооти муҳандисӣ бо назардошти рушди минбаъдаи онҳо нақшаҳои генералии марказҳои шаҳру ноҳияҳо бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардида, минтақаҳои саноатӣ, нақшаҳои генералии роҳ ва коммуникатсия, хатҳои обу корез ва барқ барои рушди минбаъда пешбини гардидааст.

Аз 25 шаҳру ноҳия, нақшаи генералии ноҳияи Данғара мавриди таҳрезӣ қарор дорад.

Дар давраи ҳисоботӣ ҳаҷми корҳои сохтмону васлкунӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳру ноҳияҳои Ҳамадонӣ 3,7 баробар (+50312,7 млн. сомонӣ), Шаҳритуз 188,6% (+13192,4 млн. сомонӣ), Вахш 134,9 % (+9,9 млн. сомонӣ), Муъминобод 152,4 % (+16417,1 млн. сомонӣ), Қубодиён 143,7 % (+9 млн 892 ҳазор сомонӣ), Н. Хусрав 135,0% (2305,1 млн. сомонӣ), Восеъ 129,1 % (+24,516 млн. сомонӣ), Кулоб 128,3 % (+24795 млн. сомонӣ), Бохтар 125,6% (+11444,6 млн. сомонӣ), Панҷ 119,0% (+1890,7 млн. сомонӣ), Фархор 113,3% (+3280,1 млн. сомонӣ), Леваканд 113,3 % (+3860 млн. сомонӣ) ва Темурмалик 110,1% (+2642,6 млн. сомонӣ) зиёд гардидааст, ки аз саривақт ба истифода додани сохтмони иншоотҳои соҳаи иҷтимоию фарҳангӣ ва истеҳсолӣ шаҳодат медиҳад.

Ин нишондиҳанда дар дигар шаҳру ноҳияҳои вилоят низ рӯ ба афзоиш дошта дар баъзе шаҳру ноҳияҳо бетағйир боқи мондааст.

**8.2. Андешидани тадбирҳои зарурӣ иҳати таъмини рушди соҳаи сохтмон, ба стандартҳои муосир мутобиқгардонии сифати иншооти сохташаванда ва омода намудани кадрҳои сатҳи баланди соҳаи меъморӣ (банди 30 паём, ҚҲТ аз 03.02.2020 с., №64 банди 22, сархати 1);**

Меъёру қоидаҳои сохтмони (МҚШ) аз ониби КВД "Пажуҳишгоҳи илмию тадқиқотии сохтмон ва меъморӣ"-и Кумитаи меъмори ва сохтмони назди Ҳукумати умҳурии Тоикистон барои корҳои лоиҳакашӣ, бунёди бинову иншоотҳои гуногун таҳрези гардида, тариба пешкории давлатҳои тараққикарда омухта шуда, дар таҳияи санадҳои меъёриву ҳуқуқии соҳа истифода бурда мешавад.

Ҳамзамон, назорати корҳои сохтмонӣ, истифодаи масолеҳои сохтмони бо сифат дар асоси лоиҳаҳои замонавӣ бо риоя намудани санъати баланди

меъмории миллӣ аз ҷониби сармеъморони шаҳру ноҳияҳо мунтазам бурда мешавад.

Маълумотҳо нисбати нуҳ моҳаи соли ҷорӣ бетағйир боқи мондааст.

**8.3. Ба истифодадиҳии манзилҳои истиқоматӣ ва афзоиши манзили зист ба як сари аҳолӣ (дар асоси таъмини нишондиҳандаи БМР 2016-2020), (банди 32 паём) ва вазъи таъминоти аҳолӣ бо қитъаи замини наздиҳавлигӣ, дараи қонеъ гардонии муроиати шаҳрвандон бо қитъаи замини наздиҳавлигӣ;**

Дар соли 2020 дар вилоят 192512 метри мурабаъ манзилҳои истиқоматӣ ба истифода дода шудааст, ки нисбати соли 2019, 41780 метри мурабаъ зиед мебошад. Аз ҷумла дар шаҳри Бохтар 29476, ноҳияҳои Кӯшониён 8454, Вахш 318, Хуросон 2151, Дӯстӣ 2844, Қубодиён 120, Ҷ Балхӣ 1164, Ҷайҳун 142, Панҷ 8368, Шаҳритуз 771, Ёвон 9218, Муъминобод 1937, М.С.А Ҳамадонӣ 395, Фархор 1476 ва Ш.Шоҳин 2427, буда нисбати соли 2019 зиёд мебошад.

Дар барорбари ин дар шаҳрҳои Кӯлоб 24256, Левакант 961 ва ноҳияи Данғара 7917, метри мурабаъ манзилҳои истиқоматӣ нисбати соли 2019 кам ба истифода дода шудааст.

Маълумотҳо нисбати нуҳ моҳаи соли ҷорӣ дар баъзе ноҳияҳои вилоят бетағйир боқи мондааст.

**8.4. Вобаста ба ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии умҳурии Тоикистон рафти бунёди иншооти маорифу тандурустӣ, фарҳангу муассисаҳои итимоӣ, роҳҳо, корхонаҳову коргоҳҳои истеҳсолӣ, ободу зебо гардонидани маҳалли зист ва аном додани корҳои дигари созандагӣ, аз умла боғҳо, боғҳои фарҳангию фароғатӣ, гулгаштҳо, толор ва майдончаи варзишӣ ва бозиҳои кудакон, ҳавзҳои шиноварӣ (банди 32 паём);**

Ҷиҳати омодагӣ ба ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарори раиси вилоят ва нақшаи чорабиниҳо таҳия ва тасдиқ гардида, дар асоси нақшаи чорабиниҳо дар вилоят то ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври умумӣ бунёду таъмири 7667 адад бинову иншоотҳо ба нақша гирифта шуда, ба ҳолати 1 январи соли 2021, дар 5256 адади он корҳои сохтмони ба анҷом расиданд, ки аз шумораи умумӣ 68,5 фоизро ташкил медиҳад. Дар ҳамин замина 4194 ҷойи кори доимӣ ва 17570 ҷойҳои кории мавсими ташкил гардидаанд.

Шумораи иншоотҳои ба нақша гирифташуда ва иҷрои онҳо то ин ҷониб дар шаҳру ноҳияҳои Восеъ 405 иншоот – иҷро 345 адад, Ёвон аз 341 иншоот иҷро 277 адад, Шаҳритуз 365 иншоот - иҷро 300 адад, Кушониён 324 иншоот – иҷро 246 адад, Данғара аз 400 иншоот -иҷро 125 адад, Вахш аз 342 иншоот - иҷро 214 адад, А. Ҷомӣ 195 иншоот - иҷро 159 адад, Фархор 470 иншоот – иҷро 333 адад, Қубодиён 163 иншоот - иҷро 140 адад, Ховалинг 330 иншоот - иҷро 186 адад, Балхӣ 314 иншоот – иҷро 156 адад, Бохтар аз 307 иншоот, иҷро 216 адад, Норак 193 иншоот – 151 адад, Панҷ 210 иншоот -

иҷро 158 адад, Муъминобод 333 иншоот - иҷро 163 адад, Ш. Шоҳин 191 иншоот – иҷро 135 адад, Дустӣ - 191 иншоот иҷро 145 адад, Хуросон 364 иншоот иҷро 315 адад,ва Балҷувон 375 иншоот иҷро 308 ададро ташкил дода дар дигар шаҳру ноҳияҳо низ бунёду ба истифода додани иншоотҳо идома дошта, ба рушди соҳаҳои мухталиф замина гузошта истодааст.

**8.5. Рафти ба анҷомрасонӣ ва ба тартиб даровардани номи кӯчаву хиёбонҳо, рақамгузории биною манзилҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ (ҚҲТ аз 03.02.2020 с., №64 банди 33, сархати 1);**

Рафти ба анҷомрасонӣ ва ба тартиб даровардани номи кӯчаву хиёбонҳо, рақамгузории биною манзилҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят ба роҳ монда шуда, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2012, №689 “Дар бораи пешниҳоди Малиси вакилони халқи вилояти Хатлон оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Хуросон” як чанд номҳои деҳа ва деҳоти ноҳия номгузорӣ карда шудаанд.

Инчунин, дар ноҳияи Қубодиён бо мақсади иҷрои Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти маъмурию ҳудудии Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳоти ноҳия номи 22 деҳаҳо, кӯчаҳо ва дигар объектҳои ҷуғрофӣ дар мувофиқа бо Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба талаботи қонун мутобиқ карда шуданд.

Дар ноҳияи Темурмалик аз ҷониби аъзоёни комиссияи номгузории ноҳиявӣ оид ба амалишавии масъалаи номгузории анъанавӣ ҷиҳати тағйир додан ва номгузорӣ намудани деҳаҳо, ҷамоатҳои шаҳраку деҳот 9 таклиф пешниҳод шуда дар иҷлосияи навбатии Маҷлиси вакилони халқи ноҳия мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд.

Маълумотҳо нисбати нуҳ моҳаи соли ҷорӣ бетағйир боқӣ мондааст.

**8.6. Сохтмон ва таъмиру тармими манзилҳои истиқоматии шахсони яккаву танҳо, маъюбон, пирони баромонда, ятимон ва оилаҳои камбизоат (банди 34 паём, АПТ аз 06.03.2019 с., №АП-1176, банди 27 Нақша- чорабиниҳои “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ”);**

Дар давраи ҳисоботӣ шумораи оилаҳои осебпазир ба сохтмон ва таъмири манзилҳои истиқоматӣ ниёзманд дар ноҳияҳои. Балхӣ 13021 оила, Ҷайҳун 4592 оила, Муъминобод 3796 оила, Н. Хусрав 356 оила, Темурмалик 3260 оила, Хуросон 3033 оила, Ховалинг 2730 оила, А. Ҷомӣ 1821 оила, Фархор 1041 оила, Шаҳритуз 975 оила, Балҷувон 696 оила, Панҷ 235 оила, Дустӣ 210 оила, Ёвон 136 оила, Леваканд 112 оила, Қубодиён 116 оила ва Вахш 45 оила муайян карда шудааст.

Аз ҷумла, ба оилаҳои осебпазир ба сохтмон ва таъмири манзилҳои истиқоматӣ ниёзманд дар шаҳр ва ноҳияҳои Қубодиён 81890 сомонӣ, Ховалинг 336700 сомонӣ, Панҷ 37034 сомонӣ, Ҷайҳун 2880 сомонӣ, Хуросон 134500 сомонӣ ва Леваканд 1340 сомонӣ,Ёвон 485840 сомонӣ, Кӯлоб 10110

сомонӣ, Шаҳритуз 25200 сомонӣ ва Балувон 23000 сомонӣ кумакҳои хайриявӣ расонида шуда, ҳолати иҷтимоии гурӯҳи осебпазири ин шаҳру ноҳияҳо беҳтар гардонида шудааст.

### 8.7. Мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳа ва пешниҳод барои ҳалли онҳо

**Пешниҳод:** Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳияи нақшаи генералии шаҳру ноҳияҳо, беҳтар намудани манзили зист, таъмини нақшаи корҳои ободонӣ бахшида ба ҷашни 30 солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, кам намудани эҳтиёҷмандони қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ ва таъмини иҷрои супориши Нусха аз Протоколи малиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.11.2018 с., №12 банди 19 тадбирҳои зарурӣ андешанд. Маълумотҳо нисбати нуҳ моҳаи соли ҷорӣ бетағйир боқи мондааст.

## 9. Рушди инфрасохтор ва нақлиёт
## (бандҳои 26 ва 14-и паём)

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи сохтмон бо нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, 9.1. (9.1) Масофаи таъмири роҳҳо, 9.2.(9.3, 9.4) Дастрасии аҳолӣ ба хизмати нақлиёти ҷамиятӣ/хусусӣ дар ҳудуди шаҳру ноҳия, шаҳраку деҳот, 9.3(9.5) Ҳаҷми мусофиркашонӣ ва боркашонӣ арзёби гардиданд.**

**9.1. Андешидани чораҳо барои ҷалби соҳибкорон ва аҳолии деҳот ҷиҳати барқароркунии пулҳо, таъмин ва асфалтпӯш кардани роҳҳо (Амри ПҶТ аз 06.03.2019 с. №АП-1176, банди 23 – и Нақша чорабиниҳои “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ”, ҚҲҶТ аз 03.02.2020 с., №64 банди 11, сархати 2);**

Соли 2020 дар миқёси шаҳр ва ноҳияҳои вилоят аз ҳамаи манбаъҳо ба маблағи умумии 18 миллиону 923 ҳазор сомонӣ корҳои таъмиру азнавсозии роҳҳо гузаронида шудааст. Дар ин муддат таъмири асосии роҳҳо ба масофаи 62,2 километр, таъмири ҷорӣ 1323 километр, сангфарш 318 километр, инчунин 45 адад пул бо дарозии 487 метр ва 9 адад қубур корҳо иҷро гардиданд.

Нишондиҳандаҳои баланд дар самти таъмири роҳҳо дар соли 2020 дар шаҳр ва ноҳияҳои Данғара 928,6 км, Ҷайҳун 166,1 км, Кушониён 147,4 км, Шаҳритуз 133,4 км, Ёвон 124 км, Шоҳин 100,8 км, Темурмалик 70,6 км, Ховалинг 63 км, Қубодиён 50,4 км, Муъминобод 23,3 км, Балҷувон 8,91 км, Н.Хусрав 3,4 км, Бохтар 2,5 км ва Панҷ 1,2 км мушоҳида гардида, ба рушди инфрасохтори соҳа мусоидат карда шудааст.

### 9.2. (9.3, 9.4) Дастрасии аҳолӣ ба хизмати нақлиёти ҷамиятӣ/хусусӣ дар ҳудуди шаҳру ноҳия, шаҳраку деҳот

Бо мақсади дастрасии аҳолӣ ба хизмати нақлиёти ҷамъиятӣ дар вилоят 27 адад ҷамъиятҳои нақлиётӣ ва терминалҳо мавҷуд мебошанд. Дар маҷмӯъ 8505 адад воситаҳои нақлиёт дар асоси иҷозатнома ба фаъолияти мусофиркашонию боркашонӣ машғул мебошанд, ки ин маълумот аз ҳисоботи 9 моҳаи соли 2020 нусхабардорӣ гардидааст.

Аз ҷумла, дар шаҳри Бохтар 7 адад муассисаҳои нақлиётӣ, фаъолият намуда, ба 55 хатсайрҳои мусофирбарие, ки ба маркази вилоят - шаҳри Бохтар рафту омад доранд, хизмат расонида истодаанд.

Ин чунин дар шаҳр ва ноҳияҳои Кулоб 2 адад, Норак 2 адад, Кушониён 39 адад, А.Ҷомӣ 2 адад, Ш. Шоҳин 2 адад, Леваканд 1 адад, Восеъ 1 адад, Шаҳритуз 2 адад, Қубодиён 1 адад, Ҷайҳун 1 адад, Ҷ.Балхӣ 1 адад, Вахш 1 адад, Ҳамадонӣ 1 адад, Хуросон1 адад, Данғара 1 адад, Дустӣ 1 адад, Ёвон 1 адад ва Фархор 1 адад муассисаҳои нақлиёти ҷамъиятӣ ба мардум хизмат расонида истодаанд.

Бо мақсади ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ ҷиҳати татбиқи амалии лоиҳаҳо оид ба сохтмони терминалҳои наздисарҳадӣ ва марказҳои логистикӣ, инчунин ба роҳ мондани системаи хизматрасониҳои иттилоотии логистикӣ дар Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон вохӯрии гуруҳи кории Шӯрои ҳамоҳангсозӣ оид ба рушди соҳаи нақлиёт бо иштироки шарикони рушд ва намояндагони бонкҳои байналмилалӣ (JICA, USAID, GiZ, БАТР, БОР, БУ) баргузор гардида, лоиҳаҳои афзалиятнок тариқи дурнамо муаррифӣ ва барои ҷалби сармоя пешниҳод карда шуда, таъсиси маркази логистикии байналмилалии Панҷи Поён дар назар дошта ин маълумот нисбати 9 моҳи соли 2020 бе тағйир боқи мондааст..

### 9.3. (9.5) Ҳаҷми мусофиркашонӣ ва боркашонӣ

Дар соли 2020 ҳаҷми боркашонӣ 23 миллиону 270 ҳазор тонна (103,8 %) ва ҳаҷми мусофиркашонӣ 101 миллиону 278 ҳазор нафар (105,5 %) ташкил медиҳанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2019 ҳаҷми боркашонӣ 853,1 ҳазор тонна ва ҳаҷми мусофиркашонӣ бошад, 5329,6 миллион нафар зиёд мебошад

Нишондиҳандаи ҳаҷми боркашонӣ ва мусофиркашонӣ дар шаҳр ва ноҳияҳои Темурмалик боркашонӣ 113,2% (+23,0 ҳаз. тн/км) ва мусофиркашонӣ 133,8% (+219,8 ҳаз. нафар), Кӯлоб 100% (+16,5 ҳаз. тн/км) ва 103,5% (+625,0 ҳаз. нафар), Леваканд боркашонӣ 101,5% (+12,3 ҳаз. тн/км) ва мусофиркашонӣ 101,1% (+100 ҳаз. нафар), Фархор боркашонӣ 100,1 % (+1 ҳаз. тн/км) ва мусофиркашонӣ 100% (+0,2 ҳаз. нафар), Норак боркашонӣ 100,1 % (+100,2 ҳаз. тн/км) ва мусофиркашонӣ 100,4% (100,5 ҳаз. нафар), Дӯстӣ боркашонӣ 104,1% (+16,8 ҳаз. тн/км) ва мусофиркашонӣ 101,6% (+19,5 ҳаз. нафар), Шаҳритуз боркашонӣ 100,6% (+4,5 ҳаз. тн/км) ва мусофиркашонӣ 100% (+0,6 ҳаз. нафар), Хуросон боркашонӣ 103% (+116,1 ҳаз. тн/км) ва мусофиркашонӣ 100% (+0,6 ҳаз. нафар), Кушониён боркашонӣ 105% (+55,6 ҳаз. тн/км) ва мусофиркашонӣ

100% (+0,8 ҳаз. нафар), Ховалинг боркашонӣ 101,1% ( +3,1 ҳаз. тн/км) ва мусофиркашонӣ 114,5% (+66,8 ҳаз. нафар), Муъминобод боркашонӣ 113,1% (+55,4 ҳаз. тн/км) ва мусофиркашонӣ 100,1% (+1 ҳаз. нафар), Қубодиён боркашонӣ 101,9% (+10 ҳаз. тн/км) ва мусофиркашонӣ 100% (+1,1 ҳаз. нафар), Ҷайҳун боркашонӣ 100,9% (+15,1 ҳаз. тн/км) ва мусофиркашонӣ 100,2% (-2,0 ҳаз. нафар), Ҷ.Балхӣ боркашонӣ 100% (+0,5 ҳаз. тн/км) ва мусофиркашонӣ 1102,9% (+174,5 ҳаз. нафар), Вахш боркашонӣ 100% (+0,9 ҳаз. тн/км) ва мусофиркашонӣ 100,2% (+10 ҳаз. нафар), А.Ҷомӣ боркашонӣ 102,4% (+13,7 ҳаз. тн/км) ва мусофиркашонӣ 100% (+1,3 ҳаз. нафар), Панҷ боркашонӣ 101% (+7,3 ҳаз. тн/км) ва мусофиркашонӣ 100,9% (+16,0 ҳаз. нафар), Бохтар 84,3% (118,5 ҳаз. тн/км) ва 73,2 % (+136,6 ҳаз. нафар) ва Балҷувон боркашонӣ 117,5 % (+17,9 ҳаз. тн/км) ва мусофиркашонӣ 100,0% (+0,1 ҳаз. нафар), зиёд гардида, дар дигар шаҳр ва ноҳияҳои вилоят нишондиҳандаи мазкур иҷро гардидааст, ки ба афзоиши суръати гардиши савдо ва рушди иқтисодӣ мусоидат намудааст.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он бо ҷалби соҳибкорон ҷиҳати таъмиру азнавсозии роҳҳои дохилии шаҳру ноҳияҳо чораҳо андешида, бо Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои беҳтар намудани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии нақлиётӣ ва афзоиши ҳаҷми мусофиркашонӣ, боркашонӣ ва амалии лоиҳаҳо оид ба сохтмони терминалҳои наздисарҳадӣ ва марказҳои логистикӣ, ҳалли мушкилоти мавҷуда ҳамкориҳоро зичтар намоянд.

## 10. Маълумот оид ба рушди соҳаи алоқа ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ;

**10.1. Корҳои анҷомдода барои баланд бардоштани дастрасии аҳолӣ ба истифодабарии алоқаи мобилӣ ва Интернет, аз ҷумла шумораи истифодабарандагони алоқаи мобилӣ ва Интернет, 10.2. Шумора ва номгӯи хизматрасониҳои давлатие, ки дар шакли электронӣ пешкаш карда мешаванд, аз ҷумла истифодаи шакли электронии дафтари хоҷагидорӣ (Амри ПҶТ аз 06.03.2019с. №АП-1176, банди 21-и Нақша-чорабиниҳои “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ”),**

### 10.1. Корҳои анҷомдода барои баланд бардоштани дастрасии аҳолӣ ба истифодабарии алоқаи мобилӣ ва Интернет, аз ҷумла шумораи истифодабарандагони алоқаи мобилӣ ва Интернет.

Тибқи маълумотҳои пешниҳодгардидаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон дар ҳудуди вилоят 188 нуқтаҳои дастрасӣ ба интернет ва 48 сомонаи расмӣ фаъол мебошанд.

Шумораи нуқтаҳои дастрасии интернет дар шаҳру ноҳияҳои Норак 20 адад, Балхи 9 адад, Панҷ 2 адад, Кӯлоб 9 адад, Балҷувон 19 адад, Ёвон 12 адад, Қубодиён 10 адад, Темурмалик 9 адад, Кӯшониён 9 адад, Ш.Шоҳин 8 адад, Бохтар 7 адад, Хуросон 7 адад, Дӯстӣ 7 адад, Ҷайҳун 6 адад, Левакант 5 адад, Восеъ 19 адад, Ҳамадонӣ 4 адад-ро ташкил додааст. Тибқи маълумотҳо

дар боқимонда шаҳру ноҳияҳо низ аз 1 то 3 адади нуқтаҳои дастрасии интернет ташкил карда шудааст.

Шумораи истифодабарандагони алоқаи мобилӣ ва шабакаи интернет дар шаҳру ноҳияҳои А.Ҷомӣ 38987/7, Восеъ 241141/19, Ёвон 70000/12, Кӯшониён 52000/9, Левакант 7788/5, Темурмалик 16750/9 ва Шаҳритуз 22050/1 ташкил додааст.

Вобаста ба шумораи истифодабарандагони алоқаи молбилӣ ва шабакаи интернет дар боқимонда шаҳру ноҳияҳо маълумот дарҷ нагардидааст.

Ҳамзамон вилоят дар ҳисоботӣ худ намудааст, ки ширкатҳои мобилӣ ҳисоботдиҳандаи Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, маълумоти мазкур танҳо дар сатҳи ҷумҳуриявӣ супорида мешавад.

**10.2. Шумора ва номгӯи хизматрасониҳои давлатие, ки дар шакли электронӣ пешкаш карда мешаванд, аз ҷумла истифодаи шакли электронии дафтари хоҷагидорӣ (Амри ПҶТ аз 06.03.2019с. №АП-1176, банди 21-и Нақша- чорабиниҳои "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ")**

Тибқи маълумоти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон амалишавии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, худидоракунии шаҳрак ва деҳот, дигар ташкилоту корхонаҳо ба қадри имкон ба роҳ монда шуда, бо технологияҳои нав таъмин гашта истодаанд. Аз ин рӯ айни замон дар дастгоҳҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилоят 2693 адад компютер мавҷуд буда аз ин 1652 адади он коршоям мебошад ва инчунин 1312 принтер истифода бурда шуда истодааст.

Шумораи хизматрасонӣ тариқи суроғаҳои электронӣ дар асоси барнома аз ҳисоби мақомти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ба 25 шаҳру ноҳияҳои вилоят як ададӣ компютер бо таҷҳизотҳои лозима барои истифодаи ҳуҷатгузорӣ тариқи почтаи электронӣ тақдим карда шуд, ки айни замон байни мақомотҳо фаъолияти хуб бароҳ монда шудааст (нисбат ба нимсола соли 2020 бе тағйир боқӣ мондааст).

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он дар якҷоягӣ бо Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар сохторҳои дахлдор ҷиҳати таъмини дастрасии аҳолии ноҳия ва деҳоти дурдаст ба шабакаи интернет, таҷҳизоти муосири техникии сабт ва танзимкунии мавҷҳои телевизионӣ, кадрҳои касбӣ чораҷӯӣ намоянд. Бо максади бехтар ба рох мондани фаъолияти хуби кори сомонаҳои шаҳру ноҳияҳо ва ташкилоти муассисаҳо роҳбарони шаҳру ноҳияҳо ва ташкилоту муассисаҳоро зарураст, ки барои масъулини сомонаҳо шароит муҳайё намуда, аз курсҳои бозомӯзи гузаранд.

## 11.Вусъати шуғли пурмаҳсул

**Арзёбии раванди рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳо бо таъмини вусъати шуғли пурмаҳсул бо нишондиҳандаҳои 11.1.**(11.1, 11.5) **Таъмини шаҳрвандони корҷӯй ва бекор бо ҷойи кори доимӣ, 11.2.** ( 11.2,

**11.3) Фаъолияти марказҳои таълимии калонсолон ба касбомӯзӣ фаро гирифтани калонсолон, аз ҷумла занону ҷавонон ва таъмини шуғлнокии онҳо, 11.3. (11.4) Рафти таъсиси ҷойҳои корӣ, арзёби гардидаанд**

**11.1.(11.1, 11.5) Таъмини шаҳрвандони корҷӯй ва бекор бо ҷойи кори доимӣ,**

**11.1. Ҳолати бозори меҳнат ва муҳоҷирати меҳнатӣ.**

Бо мақсади ҳарчи бештар ба шуғл фаро гирифтани бекорон дар шаҳр ва ноҳияҳои, Ҳамадонӣ 14 маротиба, Фархор 14 маротиба, Пан 14 маротиба, Шаҳритуз 13 маротиба, Вахш 14 маротиба, Бохтар 13 маротиба, Кулоб 13 маротиба, Ёвон 14 маротиба, Балувон 13 маротиба, А. Ҷомӣ 14 маротиба, Темурмалик 9 маротиба, Қубодиён13 маротиба, Ҷайҳун 12 маротиба ярмаркаҳои ҷойҳои кории холӣ ва вазифаҳои озод гузаронида шудааст. Ноҳияи Дӯстӣ, шаҳрҳои Леваканд ва Норак маълумот пешниҳод накардаанд.

Дар рафти баргузории чунин ярмаркаҳои ойи кори холӣ ва вазифаҳои озод аз аввали соли равон 2570 корхонаю ташкилотҳо ва муассисаю хоагиҳои гуногун иштирок намуда, барои бекорон ойҳои кори холӣ ва вазифаҳои озоди худро пешниҳод намуданд.

Шумораи бекорони расман ба қайд гирифта дар вилоят 14630 нафарро ташкил дода, нисбати ҳамин давраи соли гузашта +348 нафар зиёд гардидааст. Шумораи бекорони расман ба қайд гирифта дар ноҳияҳои А.Ҷомӣ +516 (1990 нафар), Ҷ.Балхӣ +318 (578, Ш.Шоҳин +358 (779 нафар), нафар), Восеъ +36 (701 нафар), Шаҳритус +106 (547 нафар), Дустӣ +112 (3728 нафар), Ҳамадонӣ +40 (687нафар), Темурмалик +40 (650 нафар) нисбати соли гузашта зиёд гардидааст, ки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои зикргардида дар ҳамкорӣ бо Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати андешидани чораҳои мушаххасро баҳри паст намудани сатҳи бекорӣ тақозо менамояд.

**11.2. ( 11.2, 11.3) Фаъолияти марказҳои таълимии калонсолон ба касбомӯзӣ фаро гирифтани калонсолон, аз умла занону авонон ва таъмини шуғлнокии онҳо,**

**11.2. Андешидани тадбирҳои мушаххас иҳати саросар соҳибкасб кардани аҳолӣ (калонсолон, аҳолии бекасб), беҳтар намудани сифати таҳсилот ва касбомӯзӣ дар муассисаҳои таълимӣ (бандҳои 70, 72 паём, ҚҲТ аз 03.02.2020 с., №64 банди 13, сархати 3);**

Иҷрои нақшаи чорабиниҳои мазкур дар шаҳру ноҳияҳои вилоят оид ба тайёр, такмили ихтисос ва бозомӯзии шаҳрвандон ва дар хона омӯзондани ҳунарҳои косибӣ филиалҳои Муссисаи давлатии «Маркази таълими калонсолони Тоикистон» дар шаҳрҳои Бохтар, Кӯлоб, ноҳияҳои Данғара, Темурмалик, Дустӣ, Қубодиён, Ш. Шоҳин, Фархор, Ёвон ва филиалҳои корхонаҳои воҳиди давлатии «Маркази омӯзиши модулӣ» дар шаҳри Кӯлоб ва «Маркази касбомӯзии соҳибкорӣ» дар шаҳри Норак ба курсҳои думоҳа ва семоҳа аз рӯи 34 намуди ихтисос фаъолият менамоянд, ки дар онҳо занону духтарони хонашин, авонон ва нафароне, ки касбу ҳунар надоранду дар

бозори меҳнат танқисӣ мекашанд, касбҳои заруриро аз худ намуда дар ин давра 6390 нафар аз инҳо 4348 нафар занон, 3172 нафар авонон дар курсҳои махсуси кӯтоҳмуддат омӯзонида шуда, хатмкунандагони курсҳои мазкур ба шаҳодатномаи намунавии давлатӣ таъмин карда мешаванд.

**11.3. Бо шуғл таъмин намудани сокинони маҳаллӣ, бахусус занону духтарон ва авонон, рушди ҳунарҳои мардумӣ (банди 72 паём);**

Бо мақсади иҷрои нақшаи чорабиниҳо оид ба ҷалби духтарон ва занон ба омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ вобаста ба талаботи кишвар заруранд тавассути филиалҳои Муассисаи давлатии «Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон» дар шаҳру ноҳияҳои вилоят дар соли 2020, духтарон ба ихтисосҳои зерин, аз ҷумла 1399 нафар дар курси дузандагӣ, 43 нафар дузанда-гулдӯз, 143 нафар дузанда-буранда, 213 нафар бофандагӣ, 78 нафар зардузӣ, 112 нафар адрасбофӣ, 32 нафар сузанидузӣ, 20 нафар нонпаз, 115 нафар ошпаз, 75 нафар қолинбофӣ, 238 гулдӯзӣ, 124 попуридӯзӣ, 327 нафар чакандӯзӣ, 425 нафар қуроқдӯзӣ, 35 нафар ҷомадӯзӣ, 373 нафар қаннодӣ, 15 нафар тарроҳ ва зиёда аз 257 нафар компютерӣ ҷалб шуда, хатмкунандагон бо шаҳодатномаҳои намунавии давлатӣ таъмин мегарданд.

Бояд қайд намуд, ки аз ҷониби марказҳои таълимии калонсолони Тоҷикистон дар ҳудуди шаҳр ва ноҳияҳои вилоят калонсолон ба курсҳои омузишӣ фаро гирифта шудаанд.

Аз ҷумла, дар шаҳр ва ноҳияҳои Норак 280 нафар ба омӯзиши курсҳои кутоҳмуддат алб намуда, нисбат ба соли гузашта 65 нафар зиёд мебошад. Ин нишондиҳандаҳо дар шаҳр ва ноҳияҳои А. Ҷомӣ +-45 (170 нафар), Дустӣ +-0 (50 нафар), Фархор +-0 ( 270 нафар), Ҳамадонӣ -142 (598 нафар), Шаҳритуз + 68 (169 нафар) ва дар ноҳияҳои Бохтар -185 (100 нафар), Данғара +74( 440 нафар), Леваканд -45 (120 нафар), Темурмалик +10 (240 нафар), Панҷ +68 (140 нафар), Ёвон -30 (270 нафар)- ро ташкил додааст.

**11.4. Рафти таъсиси ҷойҳои корӣ (банди 73 паём);**

Ташкили ҷойҳои нави корӣ дар қиёс ба шумораи бекорони расман ба қайд гирифташуда, дар шаҳр ва ноҳияҳои Данғара 5 баробар (2988 нафар), Ҳамадонӣ 3 баробар (1260 нафар), Фархор 2 баробар (2563 нафар), Балхӣ 3 баробар (638 нафар), Муъминобод 189% (1836 нафар), Шаҳритуз 156,1 % (1962 нафар),Кушониён 139 % (2838 нафар), Қубодиён 193,2%, (2069 нафар)-ро ташкил додааст.

Ин нишондиҳанда шаҳру ноҳияҳои Бохтар 35,1% (300 нафар), Н. Хусрав 61,5% (114 нафар), Темурмалик 52,6% (235 нафар), Ш Шоҳин 52% (228 нафар- ро ташкил дода барои шумораи бекорони бақайдгирифта шуда ҷойи корӣ муҳайё карда шуда бошад ҳам, сабабҳои таъмин нагардидани бекорон ба ҷойҳои корӣ омӯзиши иловагиро талаб менамояд (масъулини ноҳияҳои Дӯстӣ, Вахш, А Ҷомӣ, Ҳамадонӣ ва Восеъ оид ба иҷроиши банди мазкур маълумот пешниҳод накардаанд) .

Пешниҳод: Ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он зарур аст, дар ҳамкорӣ бо Вазорати

меҳнат, муҳоират ва шуғли аҳолии умҳурии Тоикистон, барои баланд бардоштани дараҷаи бо ҷойи кор таъмин намудани шаҳрвандони корҷӯй ва бекор, таъмини самаранокии гузаронидани ярмаркаҳои ҷойи кори холӣ, васеъ намудани фарогирии шаҳрвандон ба омӯзиши касбу ҳунарҳо ва вусъат додани хунарҳои мардумӣ, аз ҷумла бо роҳи усто-шогирд, ташкили корҳои фардӣ тадбирҳои мушаххас андешанд.

**11.5. Андешидани чораҳо иҳати паст кардани шиддати муҳоирати меҳнатӣ, ҳалли масъалаҳои диверсификатсияи муҳоирати меҳнатӣ (банди 73 паём, ҚҲТ аз 03.02.2020 с., №64 банди 13, сархати 2);**

Дар асоси маълумотҳои пешниҳодгардида, дар вилояти Хатлон ҷиҳати паст кардани шиддати муҳоҷирати меҳнатӣ, ҳалли масъалаҳои диверсификатсияи муҳоҷирати меҳнатӣ дар ҳамкорӣ бо Раёсати Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ вобаста ба касбомӯзонию забономӯзонии муҳоҷирони меҳнатӣ, шаҳодатномакунонии малакаҳо ва баланд бардоштани сатҳи маърифати онҳо корҳои муайянро ба иҷро расонид.

Баҳри андешидани тадбирҳои иловагӣ ҷиҳати тақвият бахшидани корҳои ташкилӣ ва омӯзишӣ дар дохил ва хориҷи кишвар барои талаботи давлатҳои қабулкунандаи муҳоҷирони меҳнатӣ ҷавобгӯ будани ихтисос-ҳои муҳоҷирон ва инчунин ҷалби ҳарчи бештари шаҳрвандони кишвар ба омӯзиши касбҳои коргарӣ ва такмил додани малакаи тахассусии онҳо дар вилояти Хатлон филиалҳои Муассисаи давлатии “Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон” дар шаҳрҳои Бохтар, Кӯлоб, ноҳияҳои Қӯбодиён, Ш.Шоҳин, Фархор, Ёвон ва филиалҳои корхонаи воҳиди давлатии “Маркази омӯзиши модулӣ” дар шаҳри Кӯлоб, “Маркази касбомӯзии соҳибкорӣ” дар шаҳри Норак ва 13 намояндагиҳо, ки дар онҳо 28 синфхонаҳои касбомӯзӣ бо ҳамаи таҷҳизотҳои омӯзишӣ муҳайё мебошанд, барои касбомӯзӣ ва бозомӯзӣ, ҳамчунин шаҳодатномакунонии шаҳрвандони бекор тибқи нақшаи тасдиқгардида дар шаҳру ноҳияҳои вилоят ба курсҳои думоҳа ва семоҳа аз рӯи 34 намуди ихтисос фаъолият менамоянд.

Дар давраи ҳисоботӣ шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта, дар шаҳру ноҳияҳои Хуросон -913 (6261 нафар), Қубодиён --873 (15034 нафар), А. Ҷомӣ -3556 (8297 нафар), Леваканд -167 (2012 нафар), Ш Шоҳин -224 (1525 нафар), Темурмалик -1003 (1650 нафар), Восеъ -62 (4749 нафар) коҳиш ёфтааст.

Шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта, дар шаҳру ноҳияҳои Панҷ +551 (8008 нафар), Кушониён +1674 (6614 нафар), Норак +894 (3151 нафар), Муъминобод +569 (2674 нафар), А Ҷомӣ -3556 (8297 нафар), Ҳамадонӣ +175 (6038 нафар), Данғара +367 (3276 нафар), Кӯлоб +299 (5342 нафар) ва Балҷувон +40 (620 нафар) зиёд гардидааст, ки аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он андешидани тадбирҳои иловагиро тақозо дорад.

## 12. Рушди сармояи инсонӣ (маориф)
## (бандҳои 38, 50-и паём)

**Нишондоди пешакии рушди маориф бо нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, 12.1.(12.1) Беҳтар намудани ҳолати муассисаҳои таълимӣ, таъминот бо китобҳои дарсӣ, 12.2. (12.2 12.4) Фарогирии кудакони то синни мактабӣ бо таҳсилоти то мактабӣ, 12.3. (12.3, 12.6) Баланд бардоштани сифати таълим,, 12.4. (12.7) Мутоилаи китобҳои бадеи, зиёд намудани фонди китобхонаҳои соҳавӣ дар муассисаҳои таълимӣ, 12.5 (12.5,12.8, 12,9) Миёни калонсолону хонандагон ҷорӣ намудани мутолеаи китобҳои бадеӣ, баргузор намудани озмуни "Фуруғи субҳи доноӣ" ва олимпиадаҳои вилоятӣ, шаҳри ва ноҳиявӣ ва ҳавасмандгардонии ғолибони озмунҳои мазкур, арзёби гардиданд.**

**12.1.(12.1) Беҳтар намудани ҳолати муассисаҳои таълимӣ, таъминот бо китобҳои дарсӣ**

**12.1. Бунёди мактабҳои нав, сохтмони синфхонаҳои иловагӣ, рафти таъсиси муассисаҳои томактабӣ ва барқарорсозии муассисаҳои таълимии садамавӣ ва инфрасохтори муассисаҳои таълимӣ хусусан дар деҳоти дурдаст (банди 54 паём), (Амри ПҶТ аз 06.03.2019с. №АП-1176 Нақша-чорабиниҳо бахшида ба солҳои 2019-2021 "Соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" банди 25);**

Бояд қайд намуд, ки бахшида ба ҷашни 30 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоикистон дар соҳаи маориф дар ҳудуди шаҳр ва ноҳияҳои вилоят 603 иншоот аз ҷумла, 151 муассисаи томактабӣ, 439 муассисаи таҳсилоти умумӣ, 13 бинои иловагӣ дар назди муассисаҳои таълимӣ ба нақша гирифта шудааст, ки барои баланд бардоштани рушди соҳаи маориф мусоидат менамояд.

Ҳамзамон, дар ноҳияҳои Ш.Шоҳин 10 адад, Балҷувон 9 адад, Восеъ 6 адад, Фархор 6 адад, Хуросон 5 адад, Муъминобод 4 адад, Н. Хусрав 4 адад, А. Ҷомӣ 3 адад, Кушониён 2 адад ва Ховалинг 1 адад муассисаҳои таълимӣ дар ҳолати садамавӣ қарор дорад, ки ҳамчун омили боздорандаи рушди соҳа бояд бартараф карда шаванд.

Бояд қайд намуд, ки масъалаи дигаре, ки ҷолиби диққат аст ин норасогии китобҳои дарсӣ мебошад ва тибқи маълумотҳои таҳлилгардида дар муассисаҳои таълимии ҳудуди шаҳр ва ноҳияҳои вилоят китобҳои дарсӣ намерасанд. Аз ҷумла, дар шаҳр ва ноҳияҳои Ёвон 31313 адад, Носири Хусрав 27920 адад, Қубодиён 13400 адад, Дустӣ 12684 адад, Кӯлоб 11550, адад, Норак 15765 адад, Леваканд 4350 адад, Темурмалик 3000 адад, Кушониён 4350 адад, Данғара 1760 адад ва Балҷувон 1670 адад норасогии китобҳои дарсӣ ба назар расида, омили таъсиррасонанда ба сатҳу сифати дониши хонандагон ба ҳисоб меравад, ки аз ониби мақомоти дахлдор чораҳои зарурирo тақозо менамояд.

Тибқи маълумотҳои пешниҳоднамудаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.12.2020, №11/3-415 дар соли 2020, ба шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон аз ҷониби Вазорати маориф ва илм 109 номгӯӣ китобҳои дарсӣ ба микдори 1 миллиону 209 ҳазору 965 нусха китоби дарсӣ ирсол карда шудааст. Аз ҷумла ба шаҳру ноҳияҳои Фархор 40 номгӯи китоби дарсӣ ба микдори 63 125 нусха, Ёвон 39 номгӯи ба

микдори 72 895 нусха, Қубодиён 27 номгӯи ба миқдори 56 593 нусха, Дӯстӣ 34 номгӯи ба микдори 30 831 нусха, Шаҳритуз 28 номгӯи ба миқдори 35 721 нусха, Норак 31 номгӯи ба микдори 22 743 нусха, Левакант 62 номгӯи ба миқдори 20 858 нусха, Темурмалик 24 номгӯӣ ба миқдори 22 173 нусха, Носири Хусрав 37 номгӯи ба миқдори 13 427 нусха, Данғара 60 номгӯи ба миқдори 70 852 нусха, Ховалинг 35 номгӯи ба миқдори 18 966 нусха фиристонида шудааст.

**12.2. Васеъ намудани фоизи фарогирии кӯдакон дар муассисаҳои томактабӣ, ба роҳ мондани таҳсилоти ғайрианъанавӣ ва алтернативии омода намудани кӯдакон (Амри ПТ аз 06.03.2019с. №АП-1176 Нақша-чорабиниҳои бахшида ба солҳои 2019-2021 “Соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” банди 23);**

Айни замон, дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 153 адад муассисаҳои томактабӣ бо фарогирии 16652 нафар кӯдакон ва 799 Маркази рушди кӯдак бо фарогирии 20070 нафар кӯдакон фаъолият менамоянд.

Дар маҷмӯъ фарогирии кӯдакон дар муассисаҳои томактабӣ ва марказҳои рушди кӯдак дар вилоят 36 ҳазору 722 нафарро ташкил додааст. Дар соли 2020 дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 156 муассисаҳои томактабӣ бо фарогирии16268 нафар кӯдакон ба таълиму тарбияи томактабӣ фаъолият доранд. Инчунин 826 марказҳои инкишофи кӯдак бо фарогирии 22574 нафар кӯдакон фаъолият доранд, ки дар маҷмуъ 38842 нафарро ташкил медиҳад. Яъне 3 муассиса ва 27 Маркази рушди кӯдак дар вилоят зиёд шуда, фарогирии кӯдакон 2120 нафар нисбат ба ҷамъбасти соли 2019 (дар ҷамъбасти соли 2019 36722 нафар буд) зиёд гардидааст. Мавриди зикр аст, ки фарогирӣ ба муассисаҳои томактабӣ ва марказҳои рушди кӯдак ба 10% расидаст.

Муассисаҳои томактабӣ дар ноҳияҳои Панҷ, Шаҳритуз, Носири Хусрав ва Ховалинг (хусусии бо номи София) 1 ададӣ зиёд шудааст.

Шумораи Маркази рушди кӯдак дар шаҳру ноҳияҳои Вахш 16 Марказ бо фарогирии 277 нафар, Восеъ 5 Марказ бо фарогирии 881 нафар, Хуросон 10 - 210 нафар, алолиддини Балхӣ 1 – 20 нафар, Темурмалик 1 – 30 нафар, Ховалинг 2 – 30 нафар, Шаҳритуз 8 – 98 нафар, Ш. Шоҳин 2 – 24 нафар, Кӯшониён 5 – 111 нафар ва Балҷувон 2 - 33 нафар таъсис дода шуда фаъолиятро ба роҳ мондаанд.

Барои расидан ба натиҷаи пешбининамудаи СМР барои давраи то соли 2030 оид ба фарогирии кӯдакон ба таҳсилоти тобактабӣ то 30% дар шаҳру ноҳияҳои Қубодиён, Дӯстӣ, Н.Хусрав, Муъминобод, Кӯшониён, Ховалинг, Темурмалик, Норак ва Кӯлоб андешидани чораҳои иловагӣ ба миён омадааст.

**12.3. Корҳои анҷомдода барои баланд бардоштани сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот (кабинетҳои фаннӣ) ва бартараф намудани норасоии кадрҳои омӯзгорӣ, гузаронидани такмили ихтисоси омӯзгорон, ҳавасмандгардонии омӯзгорони авон (банди 57 паём);**

Бо мақсади иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 ноябри соли 2017, №544 “Дар бораи Барномаи давлатии таъмини муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2018-2020” аз рӯи нақшаи барнома мебоист, ки 410 - адад кабинетҳои фаннӣ муҷаҳҳаз гардонида мешуд. Дар соли 2020 163 адад кабинетҳои фаннӣ муҷаҳҳаз гардонида шудааст, ки ин 22% нақшаи барномаро ташкил медиҳад. Аз ҷумла дар ин давра кабинетҳои фанҳои физика - 46, химия - 34, биология - 39, география - 4, математика - 7, технологияи информатсионӣ - 23 ва суруду мусиқи - 10 кабинети фаннӣ муҷаҳҳаз гардонида шудааст.

Аз ҷумла дар шаҳру ноҳияҳо Бохтар аз 26 адад 18 (69,2%), Норак аз 26 адади нақша 13 (50%), Восеъ аз 29 адад 13 (49%), Данғара аз 33 адад 11 (33,3%), Ҳамадонӣ 32 адад 10 (31,2%), Ш.Шоҳин аз 30 адад 9 (30%), Вахш 30 аз адад 9 (30%), Ҷ.Балхӣ аз 30 адад 9 (28,1%), Темурмалик аз 26 адад 6 (23%), Панҷ аз 27 адад 6 (22,2%), Ёвон аз 34 адад 7 (20,5%), Кӯлоб аз 31 адад 6 (19,3%), Қубодиён аз 32 адад 6 (18,7%), Хуросон аз 27 адад 5 (18,5%), Ҷайҳун аз 26 адад 4 (15,3%), Н. Хусрав аз 28 адад 4 (14,2 %), Балҷувон аз 25 адад (11,5%), Левакант аз 29 адад 3 (10,3 %), Дусти аз 29 адад 3 (10,3%), Ҷомӣ аз 31 адад 3 (9,6%), Ховалинг аз 31 адад3 (9,6%), Шаҳритуз аз 31 адад 3 (9,6%), Кӯшониён 31 адад 3 (9,6%), Муъминобод аз 30 адад 3 (9%), Фархор аз 34 адад 3 (8,8%) ташкил додааст.

Дар соли таҳсили 2020-2021 тибқи роҳхати Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ (равияи омӯзгорӣ) 1518 нафар, фиристода шуда, ба ҳолати 23.11.2020 тибқи роҳхат ҳозир шуд 1097 (72 %) бе роҳхат 1445 нафар ба кор таъмин карда шуд, дар маҷмӯъ дар муассисаҳои таълимии вилоят бо 2542 нафар кадрҳои равияи омӯзгорӣ бо кор таъмин карда шуданд.

Дар муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои вилоят ба 144 кадрҳои равияи омӯзгорӣ эҳтиёҷ доранд. Аз он ҷумла, технологияи иттилоотӣ 9, биология 1, география 4, забони англисӣ 22, забони русӣ 21, математика 35, химия 13, санъати тасвирӣ 1, синфҳои ибтидоӣ 7, технология (меҳнат) 3 ва физика 28 нафар дида мешавад, ба истисноӣ шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб, Бохтар, Левакант, Восеъ, Ҳамадонӣ, Фархор, Данғара, Ш.Шоҳин, Темурмалик,Муъминобод, Ховалинг, Дӯстӣ ва Хуросон эҳтиёҷоти кадрӣ дида намешавад.

Дар соли 2020 аз тарафи филиалҳои Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳри Бохтар 184 курс бо фарогирии 4950 нафар шунаванда, 54 семинар бо теъдоди 1450 нафар, шаҳри Кӯлоб 135 курс бо фарогирии 3244 нафар шунаванда ва 18 семинари мақсаднок бо фарогирии 445 нафар гузаронида шуд. Дар умум аз тарафи филиалҳои донишкадаҳои вилоят 319 курс бо фарогирии 8194 нафар шунаванда, 72 семинар бо фарогирии 1895 нафар шунавандагон гузаронида шуд.

Дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2006, №197 «Дар бораи муқаррар намудани имтиёзҳо барои омӯзгорони ҷавон»

қарори мазкур зери назорат буда, тайи солҳои сипаригашта (аз солҳои 2007 то 2020) 2079 нафар омӯзгорони ҷавон соҳиби замини наздиҳавлигӣ, 152 нафар соҳиби замини полезӣ ва 581 нафар соҳиби қарзи имтиёзнок гардида, дар маҷмуъ 2812 нафар омӯзгорони ҷавони муассисаҳо таълимии шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон соҳиби имтиёз гардиданд.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки ҳарчанд дар и нсамт корҳои муайяне ба сомон расонида шудааст, вале ин рақамҳо дар дав оми амалишавии қарори мазкур қонеъкунанда нестанд.

Ҳамзамон, дар соли 2020 ба 10 нафар омӯзгорони ҷавон соҳиби замини наздиҳавлигӣ, 2 нафар соҳиби замини полезӣ ва 186 нафар соҳиби қарзи имтиёзнок гардидаанд, ки дар маҷмуъ 198 нафар соҳиби имтиёз шуданд. Аз ҷумла, дар шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб 5 нафар, Норак 6, Левакант 21 нафар, Восеъ 14 нафар, Данғара 5, Ш.Шоҳин 29, Муъминобод 10, Ховалинг 10, Балҷувон 23, Вахш 8, Ҷ.Балхӣ 1, Панҷ 17, Дустӣ 6, Қубодиён 6, А.Ҷомӣ 4, Хуросон 4, Ёвон 7 ва Н.Хусрав 18 нафар омӯзгорони ҷавон ба замини наздиҳавлигӣ ва қарзҳои имтиёзнок таъмин карда шудаанд.

Тибқи маълумотҳои пешниҳоднамудаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.12.2020, №11/3-415 дар муассисаҳои таҳсилоти умумии вилояти Хатлон тибқи нақшаи амалигардонии «Барномаи давлатии таъмини муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2018-2020» бояд 740 кабинети таълимӣ аз фанҳои табиӣ-риёзӣ (физика, химия, биология, география, математика, технологияи иттилоотӣ, экология, суруд ва мусиқӣ) муҷаҳҳаз гардонида мешуд. Дар муддати 2,5 сол дар муассисаҳои таълимии вилоят 240 кабинети таълимӣ муҷаҳҳаз гардонида шуд, ки 32,43 фоизи нақшаро ташкил дод.

**12.4. Андешидани чораҳо барои бунёди як муассисаҳои томактабӣ дар як деҳа ва маҳалҳои аҳолинишине, ки аз 100 хоагӣ зиёд доранд (банди 85 паём), (бо иловаи маълумоти шумораи маҳалҳои аҳолинишин, ки зиёда аз 100 хоагӣ доранд ва мавудияти муассисаҳои томактабӣ дар онҳо);**

Гарчанде шумораи марказҳои рушди кудак ба 802 адад ва фарогирии кӯдакон дар муассисаҳои томактабӣ ва марказҳои рушди кӯдак дар вилоят 37 ҳазору 173 нафарро ташкил диҳад ҳам мушкилот барои бунёди як муассисаҳои томактабӣ дар як деҳа ва маҳалҳои аҳолинишине, ки аз 100 хоҷагӣ зиёд доранд баръало ҳис карда мешавад.

Бояд дар давоми солҳои 2014 то 2020 тибқи нақша дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 365 муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва 179 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии хусусӣ сохта, мавриди истифода дода мешуд. Ба ҳолати имрӯза дар ҳудуди вилояти Хатлон 5 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии хусусӣ аз ҷумла, дар шаҳрҳои Бохтар 2 муассиса, Кӯлоб 1 муассиса ва дар ноҳияҳои Қубодиён 1, Ёвон 1 муассисагӣ фаъолият доранд.

Дар вилоят 10 муассисаи таълимии хусусии томактабӣ дар шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб 3-то (солҳои 2010, 2016, 2019), Кӯшониён 1-то (соли 2012), Бохтар 2-то (соли 2011, 2019), Левакант (1-то соли 2016), Муъминобод (1-то соли 2019) ва Қубодиён (1-то соли 2019), Ховалинг ( 1-то соли 2020) фаъолият менамоянд.

Мутаассифона, дар шаҳру ноҳияҳои дигари вилоят ҷиҳати иҷрои Барномаи рушд ба ҳолати имрӯза ягон муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумии хусусӣ сохта нашудааст.

**12.5. Миёни калонсолону хонандагон ҷорӣ кардани мутолиаи китобҳои бадеӣ (банди 59 паём);**

Дар ҳисоботҳои шаҳру ноҳияҳои вилоят оид ба зербанди мазкур маълумот омода карда нашудааст.

**12.6 Тадбирҳои андешидашуда ҷиҳати ба таври васеъ ба роҳ мондани омӯзиши забонҳои тоҷикӣ ва русиву англисӣ (банди 56 паём);**

Бо мақсади иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июли соли 2014, №427 «Дар бораи Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020», қарори раиси вилояти Хатлон аз 22.07.2014, №151 «Дар бораи тасдиқи Нақшаи - чорабиниҳо оид ба татбиқи Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020 дар вилояти Хатлон» ба тасвиб расонида шудааст.

Соли таҳсили 2020-2021 дар муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои вилоят 6418 нафар омӯзгорони забони русӣ ва англисӣ фаъолият мекунанд, ки аз ин шумора 3655 нафар омӯзгорони фанни забони русӣ, ки аз он 3024 нафар бо таҳсилоти олӣ, 198 нафар бо таҳсилоти олии нопурра, 431нафар бо таҳсилоти миёнаи махсус, 2 нафар бо таҳсилоти миёнаи умумӣ (ғоибхон) мебошанд.

Шумораи омӯзгорони фанни забони англисӣ 2764 нафар буда, аз ин шумора 2258 нафар бо таҳсилоти олӣ, 155 нафар бо таҳсилоти олии нопурра, 342 нафар бо таҳсилоти миёнаи махсус ва 7 нафар бо таҳсилоти миёнаи умумӣ (ғоибхон) ба таълиму тарбияи хонандагон машғул мебошанд.

Таҳлил нишондод, ки сол то сол шумораи омӯзгорони ҳам забони русӣ ва ҳам забони англисӣ зиёд шуда истодаанд. Дар соли 2020 норасоии кадрӣ дар муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон аз фанни забони русӣ 28 нафар омӯзгорон ва аз фанни забони англисӣ 45 нафар ба назар мерасид. Аз солҳои таҳсили 2015-2016 то соли ҷорӣ 855 нафар омӯзгорони забони русӣ ва 942 нафар омӯзгорони забони англисӣ зиёд шуданд.

Ҳамзамон, дар солҳои 2015 то 2020 3215 омӯзгорони фанҳои забони русӣ ва англисӣ, ки аз ин шумора 1682 фанни забони русӣ ва аз фанни забони англисӣ 1533 нафар омӯзгорон дар филиалҳои Донишкадаи ҷумҳуриявии такмилии ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳрҳои Бохтар ва Кӯлоб аз курси такмили ихтисос гузаронида шудаанд.

**12.7. Афзоиш додани ҳаҷми маблағҳои зарурӣ барои зиёд намудани фонди китобхонаҳои соҳавӣ ва муассисаҳои таълимӣ (банди 60 паём);**

Вобаста ба масъалаи мазкур маълумотҳои дахлдор дар ҳисоботи пешниҳоднамудаи вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он омода нагардидааст.

**12.8 Баргузор намудани озмуни "Фуруғи субҳи доноӣ китоб аст"**

Ҷиҳати иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 феврали соли 2020, №АП-1339 ба ифтихори ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020 озмуни Ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» зери назорат қарор дода шудааст. Тибқи банди 12-и Низомнома даври аввал моҳи апрел дар муассисаҳои таълимӣ ва даври дуюм моҳи июн дар маркази ноҳия ва шаҳрҳо барпо гардидааст.

Даври 1-уми озмуни «Фуруғи субҳи доноӣ китоб аст» дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон баргузор гардида ба даври 2 - юм 317 нафар омӯзгорон, 37 нафар мураббиён ва 3807 нафар хонандагон роҳхат гирифтанд.

Инчунин Озмуни мазкур аз 1 то 3 октябри соли 2020 дар ду минтақа - шаҳрҳои Бохтар ва Кӯлоб баргузор гардид. Дар Озмун 637 нафар довталаб, аз он ҷумла 11 нафар тарбиятгирандагони муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, 482 нафар хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, 3 нафар хонандаи муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, 30 нафар донишӯёни муассисахои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, 122 нафар калонсолон ва намояндагони касбу кори гуногун иштирок намуда, дар доираи талаботи Озмун оид ба аз ёд намудани осори манзум ва мутолиаи асарҳои мансур малака ва истеъдоди худро нишон доданд.

Дар даври ҷумҳуриявии озмуни «Фуруғи субҳи доноӣ китобаст» 20 нафар аз шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон соҳиби ҷойҳо, аз ҷумла 1 ҷойи якум, 7 ҷойи дуюм ва 12 ҷойи сеюм гардида, 27 нафар бо Ифтихорнома сарфароз гардонида шуданд, ки ин нисбат басоли гузашт натиҷаи хуб аст.

Вобаста ба ин масъалаи мазкур дигар маълумот ворид нашудааст.

**12.9. Дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот баргузор намудани олимпиадаҳои вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ аз фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ, риёзӣ бо иҳози моддиву маънавӣ ҳавасмандгардонии ғолибони озмунҳои мазкур (банди 53 паём).**

Соли хониши ҷорӣ даври мактабӣ ва шаҳрӣ/ноҳиявии олимпиадаҳои фаннӣ моҳҳои октябр ва ноябр баргузор гардида, дар даври минтақавӣ 5204 нафар хонандагон – ғолибони даври шаҳрию ноҳиявӣ иштирок доштанд, ки 2345 нафари онҳо ғолибони даври шаҳрӣ/ноҳиявӣ аз фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ мебошанд.

Шуъбаҳои маориф ва роҳбарони муассисаҳои таълимӣ бо мақсади ҳавасманд намудани ғолибони даври шаҳрию ноҳиявӣ ғолибони олимпиадаҳоро бо ифтихорномаҳо ва туҳфаҳои хотиравӣ қадрдонӣ намуданд.

Даври вилоятии олимпиадаҳои фаннӣ аз фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ тибқи фармоиши сардори Раёсати маорифи вилоят моҳи феврали

соли 2020 баргузор гардид. Дар олимпиадаҳои мазкур дар мамуъ 201 нафар ғолибони даври минтақавӣ иштирок намуданд.

Ҳайати ҳакамон корҳои хонандагонро санҷида баромаданд. Аз натиҷаҳои ин даврии олимпиада бармеояд, ки дар аксар муассисаҳои таълимии вилоят сатҳи дониши хонандагон аз фанҳои дақик нисбат ба соли гузашта як дараҷа беҳтар гардидааст. Инро дар фаъолияти қисман муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои Данғара, Бохтар, Кӯшониён, Ҳамадонӣ, Восеъ, Фархор, Ҷомӣ ва Ёвон баръало мушоҳида кардан мумкин аст.

Моҳи апрели соли 2020 дар Мактаби президентӣ барои хонандагони болаёқати ноҳияи Данғара даври ниҳоии (ҷумҳуриявии) Олимпиадаи фаннии анъанавӣ ва номии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ шуда гузашт. Дар ин Олимпиада аз муассисаҳои таълимии вилояти Хатлон ғолибони даври вилоятӣ дар ҳайати 235 нафар иштирок намуданд. Онҳо бо нишон додани дониши хуб тавонистанд дар маҷмуъ 81 ҷойи ифтихориро соҳиб гарданд. Яъне 34%-и иштирокчиён соҳиби медал гардиданд. Аз ин миқдор 8 медали тилло, 24 медали нуқра ва 49 медали биринҷиро ташкил медиҳад.

Соли 2020 хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳру ноҳияҳои вилоят дар ҳаракати олимпиадаҳои анъанавӣ 52 (тилло 3, нуқра16, биринҷӣ 33), номӣ 29 (тилло 5, нуқра 8, биринҷӣ 16), байналмилалӣ 19 (тилло 1, нуқра 9, биринҷӣ 9), сазовор гардидаанд, ки дар маҷмуъ 101ҷойи ифтихорӣ, аз ҷумла 9 медали тилло, 33 медали нуқра ва 59 медали биринҷӣ мебошад.

Маврид ба зикр аст, ки соли гузашта дар дар ҳаракати олимпиадаҳои анъанавӣ ва номӣ хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳру ноҳияҳои вилоят соҳиби 51 ҷойи ифтихорӣ (тилло 10, нуқра 17, биринҷӣ 24) гардида буданд, натиҷаи имсола нисбат ба соли гузашта дар ин олимпиадаҳо 30 ҷойи ифтихорӣ зиёд аст.

**12.10. Мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳа ва пешниҳод барои ҳалли онҳо.**

Новобаста аз ҳамаи корҳои ба сомон расонидашуда, ҳоло ҳам дар соҳаи маориф вилояти Хатлон мушкилоти ҳалталаб боқӣ мондааст, аз ҷумла:

1. Бештар фарогирии кӯдакон ба зинаи муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ
2. Пурра амалӣ нашудани қарори раиси вилояти Хатлон аз 28 майи соли 2014, №107 «Дар бораи нақшаи - чорабиниҳо оид ба татбиқи Барномаи рушди муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумии хусусӣ барои солҳои 2014 - 2020”
3. Назорати ҷиддӣ ба масъалаи ба ҷойи кор ҳозиршавии мутахассисони ҷавон
4. Назорати ҷиддӣ ба рафти иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2.08.2011, №762 «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» дар муассисаҳои таълимии вилоят
5. Баланд бардоштани сифати таҳсилот ва ташкил намудани маҳфилҳои техникони наврас.

6. Татбиқи иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба “Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022”дар муассисаҳои таълимии вилоят дар ҳамбастагӣ бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо.

7. Таъмин намудани Марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо, технологияи информатсионӣ ва коммуникатсия ва муассисаҳои таҳсилоти иловагии шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон бо бинои алоҳида ва мустақилияти молиявӣ.

8. Татбиқи рафти иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2006, №197 «Дар бораи муқаррар намудани имтиёзҳо барои омӯзгорони ҷавон».

9. Бештар ҷалб намудани устодони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии кишвар оид ба тарғиби интихоби дурусти касб дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва андешидани тадбирҳои иловагӣ оид ба раванди бақайдгирии довталабон ба имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ дар муассисаҳои таълимии вилоят.

## 13. Рушди соҳаи тандурустӣ

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи тандурустӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ**, 13.1. (13.1) **Сатҳи хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ**, 13.2. **Ҷараёни пешгирии ҳолатҳои сироятии ВНМО/ВНМБ ва сил**, **аз ҷумла дигар касалиҳои сироятӣ**;

**13.1. Бунёди беморхонаву марказҳои саломатӣ ва дигар иншооти тандурустӣ, таъмини таҷҳизоти озмоишӣ ва ташкили муҷаҳҳазгардонӣ дар шаҳру ноҳияҳо, шаҳрак ва деҳот ва ҳалли масъалаҳои норасоии кадрҳои тиббӣ дар маҳалҳо ва деҳоти дурдаст (банди 68 паём), (Амри ПҶТ аз 06.03.2019 с. №АП-1176 Нақша - чорабиниҳои бахшида ба солҳои 2019-2021 “Соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” банди 26);**

Дар ҳудуди шаҳр ва ноҳияҳои вилоят 1668 муассисаҳои тиббӣ аз ҷумла: 115 адад муассисаҳои госпиталӣ, 1514 муассисҳои КАТС ва 312 адад дигар марказҳои тиббӣ фаъолият доранд.

Дар муассисаҳои тандурустии вилоят 35457 нафар кормандон фаъолият доранд, аз шумора 3852 нафар табибон, 372 нафар маълумоти олии ғайритиббӣ, 18841 нафар кормандони миёнаи тиббӣ, 7358 нафар кормадони хурди тиббӣ ва дигар кормандон 5034 нафарро ташкил медиҳад.

Дар вилоят норасогии кадрҳои соҳаи тибби оилавӣ, беҳискунӣ ва наҷоти ҳаёт, рӯҳшиносӣ, неанотолог, акушер гинекологҳои кӯдакона, рентгенологҳо, наркологҳо, силшиносон ва табибони оилавӣ ба назар мерасад.

Аз ҷумла дар шаҳру ноҳияҳои Восеъ -39 (129 нафар), Бохтар -29 (127 нафар), Данғара -28 (93 нафар), Балҷувон -20 (77 нафар), Муъминобод -5 (73 нафар), Ховалинг -4 (25 нафар) кам гардида ба хизматрасонии тиббии сифатнок ба аҳолӣ таъсири манфӣ расонидааст.

Ҳамзамон дар шаҳру ноҳияҳои Ёвон +7 (25 нафар), Қубодиён +3 (4 нафар), Темурмалик +2 (15 нафар), Фархор +2 (6 нафар) нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта зиёд гардидааст, ки андешидани чораҳои иловагиро тақозо менамояд.

**13.2. Ҷараёни пешгирии ҳолатҳои сироятии ВНМО/ВНМБ ва сил, аз ҷумла дигар касалиҳои сироятӣ (дар асоси ҚКҶТ «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» моддаи 10);**

Бахри амалишавии нақшаи миллии стратеги оид ба ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои «2015-2020» ум ва "Нақшаи миллии мониторинг ва баҳодиҳии стратегӣ оид ба ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020"-ум, дар давраи ҳисоботи барои расидан ба ҳадаф ва мақсадҳои стратегияи мазкур дар вилоят, беморони шакли устуворигашта дар соли 2020, ки табобаташон аз соли 2018- ум фарогирифташуда буда чунин аст; Табобати босамар аз беморони шакли устуворгаштаи сил дар соли 2020-ум 55,5 фоиз буда, нисбати соли 2019 табобати босамар 10% паст мебошад. Кандашавии табобат 35,3%, фавт 11,1% мебошад.

Ҳолатҳои бақайдгирии бемории сил дар давраи ҳисоботӣ нисбат ба аввали соли ҷорӣ дар шаҳру ноҳияҳои Бохтар +1 (49нафар), Хуросон +120 (147 нафар), Восеъ +49 (42 нафар), Панҷ +39 (8 нафар), Қубодиён +13 (24 нафар), Ҷомӣ +17 (76 нафар), Кушониён + 31 (31 нафар), Ш. Шоҳин +16 (21 нафар), афзоиш ёфта, ин нишондиҳанда дар шаҳр ва ноҳияҳои Ховалинг, +1 (43 нафар) ва Ҳамадонӣ +1 (59 нафар) зиёд гардида, зарурати пурзӯр намудани корҳо дар пешгирӣ намудани касалиҳои сироятии гирифторони бемории сил ба миён омадааст.

**ВНМО**

Тибқи таҳлили маълумотҳо гирифторони бемории ВНМО дар давраи ҳисоботӣ нисбат ба соли 20196 дар шаҳр ва ноҳияҳои Леваканд +17 (35 нафар), Ҳамадонӣ +14 (112 нафар), Кушониён +7 (142 нафар), Ховалинг +5 (23 нафар), Ш.Шоҳин +4 (18 нафар), Хуросон +2 (11 нафар), Ҷайҳун +6 (6 нафар) бемории ВНМО ба қайд гирифта шудаанд, ки зарурати пурзӯр намудани корҳо дар пешгирӣ намудани касалиҳои сироятии гирифторони бемории ВНМО ба миён омадааст.

Ин нишондиҳанда нисбат ба аввали соли ҷорӣ дар шаҳру ноҳияҳои Кулоб -26 (85 нафар), Мумъминобод -59 (65 нафар), Фархор -5 (15 нафар), Қубодиён -2 (17 нафар), Воеъ – 3 (124 нафар), кам гардидааст, ки самаранокии фаъолияти мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ таъмин карда шудааст.

Дар шаҳр ва ноҳияҳои ҳудуди вилоят дар маҷмуъ 26 марказҳои пешгирӣ ва мубориза бар зидди БПНМ (Маркази мубориза бар зидди бемории ВНМО дар вилояти Хатлон) фаъолият доранд, ки самаранокии фаъолияти онҳо барои пешгирии ин беморӣ мусоидат намуда истодааст.

**13.3. Мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳа ва пешниҳод барои ҳалли онҳо.**

1. Ба таъмири асосӣ ниёз доштани муассисаҳои тандурустии сатҳи деҳот, хусусан беморхонаҳои рақами, минтақавӣ дар ноҳияҳои Панҷ, Хуросон, Ёвон, Ҳамадонӣ, Фархор;

2. Дар вилоят аз 23 шаҳру ноҳияҳои дорои беморхонаҳои сатҳи деҳотӣ, дар 10 ноҳия, аз ҷумла ноҳияҳои Вахш, Ёвон, Хуросон, Панҷ, Мӯъминобод, Ҳамадонӣ, Данғара, А.Ҷомӣ, Ҷайҳунва Дӯстӣ беморхонаҳои рақами маблағгузории мустақил надоранд;

3.Маблағгузории соҳа асосан (94 фоиз) ба пардохти музди маош равона карда шудааст, барои хариди маводҳои хӯрока, доруворӣ, таҷҳизот ва барои таъмиру сохтумон маблағи ночиз ҷудо шавад ҳам, маблағгузорӣ дар сатҳи паст қарор дорад;

4.Нарасидани мутахассисони дорои маълумоти олии тиббӣ дар ноҳияҳои Кӯлоб, Кӯшониён, Вахш, Носири Хусрав, Ховалинг, Мӯъминобод, Темурмалик, Восеъ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Ёвон ва Ҷайҳун, дар соҳаҳои силшиносӣ, равонӣ, бемориҳои чашм, эндокринологӣ, тибби оилавӣ, эпидемиолог ва сироятшиносон;

5.Норасоии автомашинаҳои ёрии таъҷилӣ, дар вилоят 177 адад автомашинаҳои ёрии таъҷилӣ намерасад.

**Соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ**

**13.4. Корҳои анҷомдода ҷиҳати расонидани кӯмак, ҳалли масъалаҳои иҷтимоии гуруҳҳои осебпазири аҳолӣ, дар навбати аввал ятимону маъюбон шахсони бесарубонмондаву эҳтиёҷманд ва нафақахурону собиқадорон (банди 74 паём);**

Таҳлили маълумотҳо собит намуданд, ки шумораи оилаҳои камбизоат дар вилоят 79883 ададро ташкил намудааст.

Зиёдшавии шумораи оилаҳои камбизоат нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар вилоят -130 нафар (ҳамагӣ 12350 нафар) кам гардида бошад, ҳам дар шаҳру ноҳияҳои Норак +394 (2215 нафар), Кӯлоб +1334 (6972 нафар), Ховалинг +663 (1980 нафар), Дустӣ +390 (3798 нафар), Ҷ.Балхӣ +1684 (5509 нафар), Шаҳритус +581 (2869 нафар), Кушониён +214 (5828 нафар), Қубодиён +112 (3916 нафар) ва Ш. Шоҳин +67 (1051 нафар) ба назар расида, барои паст намудани нишондиҳанда тадбирҳои иловагиро тақозо менамояд.

Дар ин раванд, кам гардидани шумораи оилаҳои камбизоат дар шаҳр ва ноҳияҳои Ҷайҳун -769 (2402 нафар), Хуросон -38 (2703 нафар), Бохтар -1143 (1584 нафар), Фархор -2 (95 нафар), Данғара -121 (2968 нафар) ва Восеъ -42 (2010 нафар) ба назар расида, самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро дар таъмини рушди иҷтимоию иқтисодӣ нишон медиҳад.

**13.5. Иҷроиши барномаҳои қабулшуда дар самти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, аз ҷумла расонидани хизматрасонии тиббӣ дар хона;**

Дар самти ҳифзи иҷтимоӣ аҳолӣ қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 июни соли 2018, №328 «Дар бораи Барномаи давлатии расонидани кӯмакҳои унвонии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои

солҳои 2018-2020» ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 августи соли 2016, №368 «Дар бораи Нақшаи чорабиниҳо оид ба татбиқи Консепсияи рушди низоми хизматрасонии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020» ба тасвиб расидааст, ки самти соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолиро ба танзим медарорад. Айни ҳол қарорҳои мазкур таҳти назорати доимии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо қарор дошта, маълумоти дахлдор аз ҷониби шаҳру ноҳияҳо дар ҳисоботашон омода нашудааст.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ тибқи банди 19 нусха аз Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.11.2018 с., №12 барои дастгирии моддию молиявии гурӯҳҳои осебпазир, кам намудани шумораи оилаи камбизоат, фароҳам овардани муҳити дастрас барои маъюбон, амалигардонии барномаҳои соҳавии қабулшуда дар самти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ҳамкориҳоро тақвият бахшанд

### 14. Маълумот оид ба вазъи соҳаи фарҳанг:

**14.1. Бунёд, азнавсозӣ, таҷдиди инфрасохтор, таҳкими пояҳои моддию техникии муассисаҳои соҳаи фарҳанг (китобхонаҳо, шумораи китобҳо), инчунин мактабҳои мусиқии бачагона ва таъмини онҳо бо таҷҳизотҳо (банди 65 паём, Амри ПҶТ аз 06.03.2019с. №АП-1176 Нақша-чорабиниҳо бахшида ба солҳои 2019-2021 “Соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” банди 48);**

Аз тарафи соҳибкорон боғи фарҳангии ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, бинои филармония, осорхонаи таърихӣ сохтмонро оғоз намуданд, ки айни замон Анфитеатр ба маблағи 500 000 сомонӣ барои баргузории чорабиниҳои фарҳангӣ дар арафаи анҷомёбӣ қарор дорад.

Дар давоми соли 2020 мактаби мусиқӣ ва санъати бачагонаи ноҳияи Хуросон аз ҳисоби директори муассиса ба маблағи 8000 сомонӣ таъмир карда шудааст.

Китобхонаи №2 Ҷамоати деҳоти Ғаллаобод, деҳаи Ғаллаободи ноҳияи Хуросон дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №18 ҷойгир буд, бо ташаббуси соҳибкор Асадуллоев Раҷабмаҳмад ба маблағи 30 000 сомонӣ бинои алоҳида сохта, ба истифода дода шудааст. Китобхона филиали №11 ноҳияи Хуросон дар бинои МТМУ №3 Ҷамоати деҳоти Фахробод ҷойгир буда, аз ҷониби соҳибкор Ҷурақулов Хайрулло ба маблағи 23 000 сомонӣ сохта, аз ду ҳуҷра иборат ба истифода дода шудааст. Китобхонаи Ҷамоати деҳоти Ғаллаобод, деҳаи Меҳнати ноҳияи Хуросон аз тарафи соҳибкор Хидиралиев Нуралӣ ба маблағи 15 000 сомонӣ барқарор карда шудааст.

Дар соли 2020 бахши фарҳанги ноҳияи Қубодиён ба маблағи 505 сомонӣ 22 нусха китоб харидорӣ намуда, 14 нусха китобҳои Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Дастгоҳи Иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои китобхонаи марказӣ тӯҳфа карда шудааст.

Хонаи фарҳанги Ҷамоати шаҳраки Дӯстии ноҳияи Ҷайҳун аз ҳисоби кормандони бахши фарҳанг ба маблағи 4000 сомонӣ ва аз ҳисоби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия ба маблағи 21 000 ҳазор сомонӣ ва китобхонаи марказии ноҳия ба маблағи 21 000 ҳазор сомонӣ аз таъмир бароварда шуданд.

Хонаи фарҳангии ҷамоати деҳоти "Яккадин"-и деҳаи Кирови ноҳияи Ҷайҳун аз ҳисоби кормандони хонаи фарҳанги ҷамоати деҳоти Яккадин ба маблағи 2000 сомонӣ таъмир гардида, китобхонаи филиали №22-и ҷамоати шаҳраки "Дӯстӣ" аз ҳисоби директори хонаи фарҳанги ҷамоати шаҳраки "Дӯстӣ" Нарзуллоев Назархудо, ба маблағи 18 000 сомонӣ, китобхонаи филиали №14-и ҷ/д "Истиқлол"-и деҳоти Махтумқулӣ аз ҳисоби мудири ҳамин китобхона Ҳасанова Ойшавӣ ба маблағи 10 000 сомонӣ, ки китобхонаҳои мазкур дар хонаҳои шахсии мудирони дар боло зикргардида фаъолият менамуданд, аз нав сохта шуда, бо бинои алоҳида таъмин гардиданд. Китобхонаи филиали №12-и ҷ/д "Яккадин", деҳаи Киров аз ҳисоби мудири ҳамин китобхона Донаев Ойбек ба маблағи 1500 сомонӣ таъмир карда шудаанд.

Дар ноҳияи А.Ҷомӣ дар соли гузашта 6 адад китобхонаҳои деҳотӣ аз ҷониби мудирони китобхонаҳо бо маблағи 7200 сомонӣ таъмири ҷорӣ карда шуданд.

Дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 майи соли 2012 №261 сохтмони Қасри фарҳанг дар маркази ноҳияи Ш.Шоҳин оғоз гардида, соли 2014 ба маблағи 200 000 сомонӣ аз тарафи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳо ба анҷом расида, аз моҳи июли соли 2017 корҳои сохтмонӣ дар ин иншооти мазкур аз тарафи Дирексияи сохтмонии иншооти ҳукуматии назди Дастгоҳи Иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз гардидааст. Тибқи лоиҳа маблағи умумии ин иншоот 8 миллион сомониро ташкил дода, дар таърихи 24 сентябри соли равон аз тарафи Пешвои миллат ба аҳли фарҳанг бинои Қасри фарҳанг бо тантана супорида шудааст. Бояд қайд намуд, ки бинои мазкур дорои 384 ҷои нишаст, 10 утоқи корӣ бо мизу курсӣ, асбобҳои тақвияти овоз таъмин мебошад. Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки аз тарафи Пешвои миллат ба аҳли фарҳанги ноҳия 15 адад асбобҳои созҳои миллӣ тақдим карда шудааст.

Боғи фарҳангӣ-фароғатии ноҳияи Шаҳритуз бо қарори раиси ноҳия 23.04.2013 №217 таъсис ёфта масоҳаташ 3,17 га- ро дар бар мегирад. Дар доираи нақшаи чорабиниҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сафари кории Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон боғи фарҳангӣ-фароғатии бо номи "Тус" ба маблағи 2 млн. сомонӣ бо дастгирии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ва соҳибкорон пурра азнавсозӣ гардида, ба истифода дода шудааст.

Санаи 24 сентябри соли 2020 зимни сафари кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ба ноҳияи Восеъ бунёди Қасри фарҳанг бо тарҳи нави замонавӣ ба маблағи 8,5 млн. сомонӣ сохта ба истифода дода шудааст. Давоми сол 4 бинои китобхона аз ҷониби масъулони ҷамоатҳо таъмир карда шуданд. Ин иқдом бо ҷалби соҳибкорон низ идома ёфта истодааст. То ин дам 1 млн. 850 сомонӣ пардохт ва аз худ карда шудааст.Дар доираи "Барномаи ёдгорихои таърихию фарҳангӣ" дар нохияи Восеъ азнавсозии мавзеи таърихии "Ҳавзи Қайнар" ва Гулгашти ба номи устод Абуабдуллои Рудакӣ бахшида ба ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби хоҷагии деҳқонии "Файзи Саид" корҳои сохтмонӣ рафта истодааст.

Санаи 22 сентябри соли 2020 зимни сафари кории Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба шаҳри Левакант, бо дастгирии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Левакант ба маблағи 850 000 сомонӣ дар ҳудуди боғи фарҳангӣ-фароғатӣ Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо баландии 41 метр мавриди истифода дода шудааст. Барои равшаннокии гирду атрофи Парчам Таршети 1/5 12 дона, 1/2 8 дона, гирду атрофи Парчам 550 метри квадратӣ сафолакпӯш шуданд. Барои обёрӣ кардани гулу дарахтон 200 метр қубури ғунҷоишаш 20, 100 метр қубури ғунҷоишаш 40/50 васл карда шуда, инчунин бо 20 адад курсиҳои нишаст таъмин карда шуданд. Сохтмони Амфитеатр бо 61 ҷои нишаст, ба маблағи 40 000 сомонӣ бо дастгирии маблағҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ба истифода дода шудааст.

Дар ҷараёни сафари кории Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ноҳияи Муъминобод санаи 10.09.2019 ба бунди боғи фарҳангӣ-фароғатӣ дар ҷамоати деҳоти Деҳибаланд, деҳаи Шаҳринав бо ҷойгиркунии Амфитеатр барои 500 ҷои нишаст санги асос гузоштанд. Санаи 25 сентябри соли 2020 сохтмони иншооти мазкур ба истиқболи сафари кории меҳмони оли қадр, Асосгузори сулҳу ваҳдати милоӣ -Пешвоимиллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон боғи фарҳангӣ-фароғатӣ ба маблағи 6,5 миллион сомонӣ, бо маблағҳои Дирексияи сохтмонии назди Президенти Ҷумурии Тоҷикистон ва ҷалби соҳибкорон баистифода додашуд. Дар соли 2020 дар ноҳияи Муъминобод 4-адад китобхона ба маблағи 251651 сомонӣ сохта шуда, ба истифода дода шуданд. Бахшида ба ҷашни "Наврӯзи Байналмиллалӣ" ду адад китобхонаҳои деҳотии ноҳияи Вахш, китобхонаи филиали №1,16 ба маблағи 3075 сомонӣ аз ҳисоби мудирони китобхонаҳо таъмири ҷорӣ карда шуданд. Ҳамзамон клуби ҷамоати деҳоти Машъал, ки дар ҳолати ногувор қарор дошт аз ҷониби мудири клуби мазкур Қараалиев Ҳусейн ба маблағи 60 000 сомонӣ ба нақша гирифта шуда, корҳои сохтмонӣ рафта истодааст.

Зимни ташрифи Пешвои муаззами миллат дар таърихи 23 сентябри соли равон ба ноҳияи Вахш яккатор иншоотҳои ҷашнӣ ба истифода супорида шуд,ки дар қатори онҳо ду муассисаи фарҳангӣ, аз ҷумла, дар ҷамоати деҳоти 20-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон толори маҷлисгоҳи марказӣ, масоҳати умумии зери сохтмон 1150 метри мураббаъ,

ки арзиши аслии фондҳои асоси 3 млн.сомонӣ: аз он ҷумла корҳои сохтмонию васлкунӣ 2987000 сомонӣ ва бо 1500 ҷои нишаст аз тарафи соҳибкори ватанӣ Юсупов Раҷабалӣ сохта ба истифода супорида шудааст. Инчунин дар маркази ноҳия, кӯчаи И.Сомонӣ ҷамоати шаҳраки Вахш майдони Парчами давлатӣ бо гулгаштҳояш ба истифода дода шуд, ки нигоҳубини иншооти мазкур ба зиммаи боғи фарҳангӣ-фароғатии ноҳия гузошта шудааст. Майдони мазкур аз тарафи шаҳрванди ноҳияи Вахш Ашуров Ҳусейн ба маблағи 600 000 сомонӣ сохта ба истифодаи аҳолӣ супорида шудааст.

Дар ҳудуди ҷамоати деҳоти Ҷиликули ноҳияи Дустӣ сохтмони китобхона-филиали №4 дар ҳаҷми 117 метри мураббаъ қитъаи замин ҷудо гардида, аз ҳисоби мудири китобхонаи мазкур ва аҳли оилаи Кабировҳо иборат аз 2 ошёна, дар ошёнаи якум сехи дузандагӣ ва дар ошёнаи дуюм китобхона ба маблағи 155000 сомонӣ барқарор карда шуда, дар арафаи ҷашни Наврӯзи Аҷам ба фаъолият шурӯъ намудааст. Дар боғи фарҳангӣ-фароғатии ноҳияи Дӯстӣ аз тарафи соҳибкори ватанӣ Мирзоалиев Изатулло Ҳусейнович дар масоҳати 24 мкв. сохтмони бинои як ошёнаи Чойхона-ошхонаи миллӣ оғоз гардидааст, ки то имрӯз ба маблағи 145000 сомонӣ сарфа гардидааст.

Китобхонаи марказии ноҳияи Панҷ, ки дар ҳолати садамавӣ қарор дошт, аз ҷониби соҳибкорони маҳаллӣ ба маблағи 170 000 сомонӣ ба нақша гирифта шуда, айни замон корҳои сохтмонӣ рафта истодааст.

Сохтмони Кохи фарҳанг ва иттилооти шаҳри Бохтар аз ҳисоби маблағҳои бахши сохтмони асосии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр ба маблағи 17 млн. сомонӣ ба итмом расида, рӯзи 28 майи соли ҷорӣ бо иштироки бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат ифтитоҳ гардидааст. Майдони Парчами Миллӣ ба маблағи 750 сомонӣ ва осорхонаи “Бибихонум”-и шаҳри Бохтар ба маблағи 3000 сомонӣ аз таъмири ҷорӣ бароварда шуданд. Ҳамчунин бо дастгирии мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатии шаҳри Бохтар бо маблағи 220 000 сомонӣ барои чароғонкунонии Теппаи Қурғон ҷудо карда шудааст.

Сохтмони бинои замонавии 4-ошёна дар ноҳияи Ҷ.Балхӣ дар тагхонаи бино матбаа ва рӯзномаи нохия, дар ошёнаи якум ва дуюм осорхонаи таърихию кишваршиносӣ, ошёнаи сеюм ва чорум китобхонаи марказонидашуда,то ба имрӯз ба маблағи 4 млн. 214 100 сомонӣ аз ҷониби маблағҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия пешбинӣ гардида, дар арафаи анҷомёбист. Азнавсозии Қасри фарҳанги Ҷ.Балхии ноҳияи Ҷ.Балхӣ ба маблағи 270 017 сомонӣ то ба имрӯз аз ҷониби маблағҳои мақомоти ичроияи ҳокимияти давлатии ноҳия корҳои сохтмонӣ аз худ карда шуда, корҳо дар ин самт идома дорад. Давоми соли 2020 аз ҳисоби буҷаи маҳаллӣ бо дастгирии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ 127081 сомонӣ барои хариди сару либоси саҳнавӣ, ашёҳои ороишӣ ва асбобҳои мусиқӣ ҷудо гардидааст. Дар ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳия 13 китобхона-филиалҳо бо маблағи 7060

сомонӣ аз таъмири ҷорӣ бароварда шуда, ба маблағи 6380 сомонӣ 2115 нусха адабиётҳои тозанашр харидорӣ гардиданд.

Дар ноҳияи Фархор сохтмони Қасри фарҳанг бо 400 ҷои нишаст ба маблағи 700 000 сомонӣ корҳои сохтмонӣ аз худ карда шудааast.

Мактаби бачагонаи санъати ноҳияи Ёвон ба маблағи 1900 сомонӣ ва пештоқи Кохи фарҳанги ноҳия ба маблағи 2000 сомонӣ таъмир карда шуданд. Бо дастгирии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия барои харидории таҷҳизот, таъмири бинои муассисаҳо ва гузаронидани чорабиниҳои фарҳангӣ тадбирҳои судманд амалӣ гаштанд, аз он ҷумла барои харидорӣ намудани сару либоси саҳнавӣ 35000 сомонӣ, таҷҳизоти техникӣ ва ашёҳо 18296 сомонӣ ҷудо гардида, мақсаднок сарф шудаанд. Тибқи Барномаи ҳифзи мероси фарҳангии ғайримоддии халқи тоҷик, барои солҳои 2013-2020 барои сабт намудани филми ҳуҷҷати “Фарҳанги суннатии тоҷик” аз тарафи мақомоти иҷроияи ноҳия ба маблағи 10500 сомонӣ ҷудо гардида, ҷиҳати банаворгирии филм мутахассисони соҳа корҳоро оғоз намуда истодаанд. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Ёвон бо назардошти гуфтаҳои боло, ҷиҳати дар амал татбиқ намудани ҳидоятҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти рушди соҳаи фарҳанг ва театрҳои касбӣ ва супориши раиси вилояти Хатлон талаботи имрӯзаи аҳолии ноҳияро ба инобат гирифта, барои таъсис додани театри давлатии касбӣ дар назди Кохи фарҳанги ноҳия, бо 52 воҳиди корӣ муассисаи давлатии “Театри вилоятии мусиқӣ-драмавӣ”-и ноҳияи Ёвон ба нақша гирифта шудааст. Дар семоҳаи аввали соли равон аз ҳисоби буҷаи маҳаллӣ ба бахши фарҳанги ноҳияи Темурмалик 62 000 сомонӣ ҷудо гардида, ки аз он 40 000 сомонӣ барои хариди либосҳои саҳнавӣ, 10 000 сомонӣ барои хариди асбобҳои миллии мусиқӣ ва 12 000 сомонӣ барои навиштани шиору овезаҳо сарф карда шудааст.

Азнавсозии хонаи фарҳангии деҳаи Кангурт, Ҷамоати деҳоти Кангурт ба маблағи 10 млн.сомонӣ бо дастгирии соҳибкори ватанӣ Маҳмадсаид Шоҳиён ба нақша гирифта шуда, то инҷониб ба маблағи 5,5 млн.сомонӣ корҳои сохтмонӣ ба анҷом расонида шуда, корҳо дар ин самт бо маром идома дорад. Дар Маркази фарҳанги фароғатии деҳаи Танобчӣ, ҷамоати деҳоти Танобчии ноҳияи Темурмалик аз ҷониби соҳибкорон ба маблағи 800 000 сомонӣ корҳои сохтмонӣ ба анҷом расонида шудааст. Айни ҳол корҳо дар ин самт бо маром идома дорад.

Дар соли равон азнавсозии бинои наву замонавии китобхонаи деҳаи Иттифоқи ч/д Бобоюнуси ноҳияи Темурмалик аз ҷониби мудири китобхона Урозов Равшан бо маблағи 80 000 сомонӣ, дар арафаи ҷашни 29-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор дода шудааст.

Дар деҳаи Хуррамзамини ҷамоати деҳоти Исмат Шарифови ноҳияи Данғара бинои муассисаи клубие, ки аз як ошёна иборат буд, аз тарафи соҳибкори ватанӣ Табаралиев Суҳроб қисман ба бинои наву замонавии ду ошёна табдил дода шуда, то ба имрӯз ба маблағи 800 000 сомонӣ корҳои

сохтмони ба анҷом расонида шуда, дар оянда сафолакпӯш кардани роҳравҳо ва сохтмони Парчаму Гулгашт низ дар назар дошта шудааст.

Дар шаҳри Кӯлоб бо дастгирии саркитобдори филиал-китобхонаи №11-деҳаи Гулистони ҷамоати Зарбдор Шомадова Ҳангома бо маблағи 70 000 сомонӣ бинои дуошёна сохта ба истифода дода шудааст, ки дар ошёнаи якум китобхона ва дар ошёнаи дуюм бундгоҳи тиббӣ қарор дорад. Дар деҳаи Зарқалъаи ҷамоати деҳоти Зиракӣ аз ҷониби соҳибкор Қурбонов Абдураҳмон ба маблағи 270 000 сомонӣ бинои замонавии дуошёна барои истифодаи ёдгориҳои таърихӣ (осорхона) ва китобхона сохта ба истифода дода шудааст. Филиал-китобхонаи №23-и ҷамоати деҳоти Кӯлоб деҳаи “Чорбоғ” бо маблағи 3000 сомонӣ таъмири ҷорӣ карда шудааст. Дар давоми соли 2020, 6 адад муассисаҳои клубӣ, ки дар ҳолати таъмирталаб буданд, аз ҳисоби худи мудирони клубҳо ба маблағи 3600 сомонӣ таъмир карда шуданд.

Ду адад китобхонае, ки дар ҳолати садамавӣ қарор доштанд як адади он дар ҷамоати деҳоти Кӯлоб, деҳаи Чорбоғ ҷойгир буда, аз ҷониби китобдор Маҳмадова Сафаргул сохтмони китобхона иборат аз чор ҳуҷра дар арафаи анҷомёбист. Сохтмони як адади дигар дар ҷамоати деҳоти Даҳана, деҳаи Хонаобод аз ҷониби китобдор Саидов Мусо рафта истодааст.

Дар ноҳияи Муъминобод ду адад ёдгории таърихии дар сатҳи ҷумҳурибуда: Амир Қалъа ва Ҳазрати Шоҳи Хомӯш ба маблағи 50 000 сомонӣ айни ҳол корҳои барқароркунӣ ва азнавсозӣ рафта истодааст. Инчунин аз тарафи соҳибкори маҳалӣ оромгоҳи Мирсаид Ҷалолидини Гулдаста ба маблағи 8000 сомонӣ ва мақбараи устод Соҳиб Табаров ба маблағи 13000 сомонӣ корҳои ободонӣ ба сомон расонида шудааст. Мақбараи Хоҷаи Нур ба маблағи 20000 сомонӣ бо дастгирии соҳибкорон таъмир карда шудааст.

Азнавсозии Қалъаи Мири Балҷувон ба маблағи 6 181 220 сомонӣ ва сохтмони осорхонаи 3 ошёнаи замонавӣ ба маблағи 7 599 370 сомонӣ ба нақша гирифта шуда, аз ҷониби соҳибкорони маҳаллӣ сохтмон рафта истодааст.

**Мушкилотҳои соҳа**

Дар муассисаҳои фарҳангии вилояти Хатлон камбудӣ ва норасогии асбобҳои мусиқии халқӣ ва барқӣ, воситаҳои тақвияти овоз, нақлиёти сафарӣ, мизу курсӣ, таҷҳизотҳои техникӣ аз ҷумла: факс, компютеру принтерҳо, сару либоси саҳнавӣ, маблағҳои лозимӣ, ҷиҳати таъмиру тармими муассисаҳо ва нарасидани мутахассисони соҳибкасб ҷой доранд.

**15. Маълумот оид ба таъмини аҳолӣ бо оби тоза, беҳдошт ва дастрасӣ ба хизматрасониҳои коммуналӣ:**

**15.1. Нишондиҳандаҳои таъмини аҳолӣ бо оби тоза (ҳиссаи дастрасии аҳолӣ ба оби ошомиданӣ дар сатҳи ҷамоатҳо ва маҳаллаҳои аҳолинишин дар муқоиса ба нишондиҳандаҳои ҳамин давраи соли гузашта ва бо фоиз нисбат ба шумораи умумии аҳолӣ, рафти пардохти ҳаққи истифодаи оби ошомиданӣ ва бақияи қарзи он) (Амри ПҶТ аз**

**06.03.2019 с. №АП-1176 Нақша-чорабиниҳо бахшида ба солҳои 2019-2021 “Соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” банди 31);**

Дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои вилоят 21 адад корхонаҳои обтаъминкунӣ ва ҳамчунин Раёсати истифодабарии оби нӯшокии деҳот бо зерсохторҳои худ аҳолиро бо оби тозаи ошомиданӣ таъмин менамоянд.

Дар давраи ҳисоботӣ нишондиҳандаи баланди дараҷаи таъминоти аҳолӣ бо оби тоза дар шаҳру ноҳияҳои Шаҳритуз 100%, Кӯлоб 83,8%, Ёвон 89,3%, Ш.Шоҳин 75%, Норак 73,2%, Муъминобод 65,5% ва А.Ҷомӣ 51%, ба назар мерасанд.

Ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои Балҷувон 49%, Вахш 45,7%, Ҳамадонӣ 42%, Ҷ.Балхӣ 41,1%, Ховалинг 41,8%, Темурмалик 37,6%, Фархор 32,8%, Кӯшониён 33,4%, Панҷ 24,7%, Ҷайҳун 17,1%, Қубодиён 6,5%, Дӯстӣ 4,5% ва Н.Хусрав 2,5% -ро ташкил додааст, ки барои баланд бардоштани он вусъат бахшидани корҳоро оид ба таҳияи лоиҳаҳои инвеститсионӣ ҷиҳати ҷалби сармоягузории беруна ва дохила талаб менамояд.

Дар давраи ҳисоботӣ вобаста ба масъалаи мазкур аз тарафи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои Леваканд, Бохтар, Хуросон, Данғара, Восеъ маълумот пешниҳод нагардидааст.

### Қарзи истифодаи оби нӯшокӣ

Дар самти “дастрасии аҳолӣ бо оби нӯшокӣ” дараҷаи таъминоти аҳолӣ бо оби нӯшокӣ дар шаҳру ноҳияҳои Балҷувон 49%, Вахш 45,7%, Ҳамадонӣ 42%, Ҷ.Балхӣ 41,1%, Ховалинг 41,8 %, Темурмалик 37,6%, Фархор 32,8%, Кӯшониён 33,4%, Панҷ 24,7%, Ҷайҳун 17,1%, Қубодиён 6,5%, Дӯстӣ 4,5% ва Н.Хусрав 2,5% -ро ташкил дода, корҳо барои ҷалби сармояи беруна ва дохила, соҳибкорони маҳаллӣ дар ин самт вусъат бахшида шавад.

Бақияи қарзи ҳаққи хизматрасонӣ аз об дар шаҳр ва ноҳияҳои Норак 398,1 ҳаз. сомонӣ, Фархор 268,69 ҳаз. сомонӣ, Кӯлоб 216,8 ҳаз. сомонӣ, Кушониён 172,2 ҳаз. сомонӣ, Қубодиён 87,4 ҳаз. сомонӣ, Ҳамадонӣ 38,2 ҳаз. сомонӣ, Н.Хусрав 4867 сомонӣ, Ховалинг 66,4 ҳаз. сомонӣ, Темурмалик 43,7 ҳаз. сомонӣ, Ҷ.Балхӣ 18,5 ҳаз. сомонӣ, А. Ҷомӣ 12,4 ҳаз. сомонӣ, Ш.Шоҳин 7,0 ҳаз. сомониро ташкил намуда, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳоро зарур аст, ки ҷиҳати кам намудани бақия қарз чораҳо андешанд.

**15.2. Корҳои анҷомдодашуда, ҷиҳати баланд бардоштани дастрасии аҳолӣ бо оби ошомиданӣ, хусусан дар деҳоти дурдаст ва ҷалби сармояи ватанию хориҷӣ, соҳибкорони маҳаллӣ (банди 34 паём);**

Ҷиҳати иҷрои барномаи мазкур, қарори раиси вилояти Хатлон аз 17 январи соли 2019, №18 ва нақша-чорабиниҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ба тасвиб расида, баҳри амалисозии он ба ҳама шаҳру ноҳияҳои вилоят барои корбарӣ ва иҷро пешниҳод гардидааст.

Дар соли 2020 дар ноҳияи Ёвон бо маблағгузории соҳибкорони маҳаллӣ, саҳми маҳал ва маблаҳо аз дигар сарчашмаҳо деҳаи Оби мукии Ҷамоати деҳоти Обшорон бо кашидани хати интиқоли об ба масофаи зиёда аз 2,5 км,

деҳаи Тутаки Ҷамоати деҳоти ба номи Ҳ. Ҳусейнов ба масофаи 4 км, деҳаи 8 Март ва шаҳраки Ҳаёти Нав бо кашидани 1900 метр, деҳаи Навободи Ҷамоати деҳоти Ситораи Сурх 400 метр ва деҳаи Ғарави Ҷамоати деҳоти Даҳана бо кашидани хати интиқоли оби нӯшокӣ ба масофаи 1 км дастрасии аҳолӣ ба оби тозаи нӯшокӣ беҳтар гардонида шуд.

Дар асоси қарори Ҳукумати ҶТ аз 1 августи соли 2018, №373 “Дар бораи Барномаи минтақавӣ оид ба амалисозии лоиҳаҳои давлатии сармоягузории аҳамияти иҷтимоидошта баҳри рушди устувори ҷамоаҳои маҳаллӣ барои солҳои 2018-2022” дар ноҳияи Темурмалик ду лоиҳа “Барқарор намудани насосҳои обкашӣ дар деҳаи Ҷайралии Ҷамоати деҳоти Танобчӣ ба маблағи 600 ҳазор сомонӣ ва лоиҳаи “Барқарор намудани насосҳои обкашӣ дар Ҷамоати деҳоти ба номи С.Раҳимов” ба маблағи 550 ҳазор сомонӣ тасдиқ гардида, мақомотҳои дахлдори ҷумҳуриявӣ ҷиҳати ҷалби грантҳо барои амалишавии барнома вазифадор карда шудаанд.

**15.3. Таъмини иҷрои Барномаи ислоҳоти соҳаи об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2025 (банди 33 паём).**

Вобаста ба иҷрои банди мазкур маълумот пешниҳод нагардидааст.

**Беҳдошт ва дастрасӣ ба хизматрасониҳои коммуналӣ:**

**15.4. Ҷорӣ намудани низоми ҷамъоварии партовҳои сахти маишӣ дар шаҳру ноҳия, деҳот, ҳавасмандгардонии “Шуғли сабз”, вусъатдиҳӣ ва дастгирии давлатии низоми соҳибкорони экологӣ ва бозори хизматрасониҳои экологӣ (Амри ПҶТ аз 06.03.2019 с. №АП-1176 Нақша-чорабиниҳои бахшида ба солҳои 2019-2021 “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” банди 30**);

Дар ҳудуди шаҳр ва ноҳияҳои вилоят 24 адад партовгоҳҳои марказӣ мавҷуд буда, 18 адади он пурра ба расмият дароварда шудааст.

Вобаста ба ин дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои вилоят 2227 - адад партовгоҳҳои муввақатӣ ташкил карда шудааст, ки 560 - адади он бо сертификати ҳуқуқи истифодабарии замин таъмин гардидааст.

Дар ноҳияи Темурмалик Корхонаи давлатии фаръии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» дар ҳудуди шаҳраки Совет ва Корхонаи давлатии фаръии хоҷагии манзилию коммуналии Кангурт дар ҳудуди Ҷамоатҳои деҳоти Кангурт ва Қарақамиш барои анҷом додани хизматрасониҳои коммуналӣ фаъолият менамоянд.

Дар ин давра аз ҳудуди Ҷамоати шаҳраки Совет ба миқдори 801.5 м3 ва аз ҳудуди минтақаи Кангурт 662.2 м3 партовҳо кашонида шудааст.

Корҳои оид ба кашонидани партовҳо ва беҳдошти муҳити зист дар дигар деҳоти ноҳия тариқи ҳашарҳо ва дастгирии соҳибкорон ба роҳ монда шудааст.

**15.5. Мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳа ва пешниҳод барои ҳалли онҳо.**

Мушкилотҳои ҷойдошта дар ин самт дар шаҳру ноҳияҳо ба талаботҳои санитарию экологӣ ҷавобгу набудани гирду атрофи партовгоҳҳо ва кабудизоркунӣ ва безараргардонии партовҳо (дезинфексия) дида намешавад.

Барои ҷорӣ намудани хизматрасониҳои коммуналӣ дар ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти шаҳру ноҳияҳои вилоят, фаъолияти корхонаҳои “Хоҷагии манзилию коммуналӣ” чораҳои иловагӣ андешида шаванд.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ҳамкориро бо Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таъмин намудани партовгоҳҳо бо сертификати ҳуқуқи истифодаи замин чораандешӣ намоянд.

Бояд ёдовар намуд, ки вобаста ба зербандҳои 15,2, 15,3, 15,4 ва 15,5 аз мақомоти  маҳалии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон маълумот пешниҳод нагардидааст.

## 16. Таъмини устувори экологӣ

**Нишондодҳои пешакии таъмини устувори экологӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, 16.1.** (16.1, 16.2) **Пешгирии ҳолатҳои фавқулода, 16.2.** (16.3) **Коркарди партовҳо тибқи стандартҳои муқаррааргардида, арзёби гардиданд.**

### 16.1. Корҳои анҷомдода оид ба рафти корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ, барқарорсозии ҷангалзорҳо, шинонидани ниҳолҳои сояафкан, ороишӣ ва мевадиҳанда (ҚҲҶТ аз 03.02.2020 с., №64 банди 38, сархати 1, банди 39);

Ҷиҳати пешгирӣ, эътино ва рафъи ҳолатҳои фавқулода дар мавсими боришот ва саривақт анҷом додани корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят, дар нуҳ моҳи соли равон аз тарафи Агентии захираҳои моддии давлатӣ ва Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сӯзишворӣ 37930 литр, семент 1419 тонна, арматура 4,0 тонна, симтаноб 1000 метр, симтур 4000 метри мурабаъ ва тахта 10 метри мукааб ҷудо карда шудааст.

Дар ин давра аз маводҳои ҷудогардида 98080 метри мукааб корҳои заминӣ иҷро гардида, 15965 адад тахтасангҳои оҳану бетонӣ тайёр карда шуд. Дар ин давра 14314 адад тахтасангҳо бо 400 метр симтаноб васлу насб, 3144 метри мурабаъ симтур хобонида шуда, дарозии 4110 метр саддҳои ҳимоявии сою дарёҳои ҳудуди вилоят мустаҳкам гардид.

Дар шаҳри Бохтар мавсими корҳои ободонӣ ва кабудизоркунӣ зиёда 6840 бех дарахтони ороишӣ ва беш аз 2,1 млн. гулу гулбуттаҳо шинонда шуд, ки ин нишондиҳанда 101 фоизи нақшаро ташкил медиҳад.

Ҷиҳати  пешгирӣ ва рух надодани ҳолати фавқулодда дар ноҳияи Ёвон ҳангоми боридани боронҳои бошиддат ва омадани сел аз ҷониби идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрӣ дар ҳамбастагӣ бо ҷамоатҳои шаҳраку деҳот дар ҷамоатҳои деҳоти Ситораи Сурх, Обшорон, Чоргул, Даҳана ва шаҳраки Ёвон бо истифода аз техникаҳои махсусгардонидашуда коллекторҳо, селроҳаву селпартоҳо ва заҳбуру заҳкашҳое, ки аз сангу шағал пур шуда буданд, тоза ва бехатар гардонида шуданд. Баҳри ҳифз намудани зироатҳои хоҷагии халқи ноҳия дастаи зидди жолаи  Кумитаи ҲФ ва МГ-и назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амал менамояд, ки бо истифода аз имкониятҳо барои фаъолияти пурсамари даста ба мутахассисон ва

кормандони даста маводҳои хурока ва маводҳои сӯзишвории дизелӣ таъмин гардонида шуда, таҷҳизотҳои техникии соҳа бо нерӯи барқи доимӣ таъмин гардонида шудаанд.

Нақшаи ниҳолшинонӣ ва кабудизоркунӣ дар шаҳри Кӯлоб соли 2020 барзиёд иҷро гардида, 29 ҳазор бех ниҳолҳои сояафкан, ҳамешасабз ва ороишӣ дар шаҳру деҳот шинонида шуд, ки 116 фоизро ташкил додааст.

Дар ноҳияи Муъминобод Ҷамоати дехоти Балхоби деҳаҳои Туту, Мумирак корҳои соҳилбандӣ ба масофаи 895 $м^2$ симтурҳо тариқи ҳашари дастаҷамъона хобонида шудааст.

Бо дастгирии ташкилоти ғайридавлатии Созмони Милали Муттаҳид барои паст кардани хавфи офатҳои табии ва барои бунёд кардани боғҳои талу тепаҳои ҷамоати деҳоти ба номи Н.Назаров ниҳолҳои мевадиҳанда дар масоҳати 117 га шинонида шудааст.

Тибқи нақшаи кабудизоркунӣ, шинонидани дарахтони сояафкан, ороишӣ ва ҳамешасабз, нақшаи дарахтшинонӣ 102,5 фоиз, шинонидани гулу гулбуттаҳо бошад 121 фоиз иҷро гардидааст.

Барои пешгирии офатҳои таббиӣ давоми соли сипаригардида дар ноҳияи Темурмалик ҳудуди соҳилҳои дарёи Сурхоб вобаста ба имконияту захираҳои молиявию иқтисодии ноҳия як қатор корҳо ба анҷом расонида шуданд.

Дар ҳудуди Ҷамоати шаҳраки Совет корҳо дар самти бунёди саддҳо ва иншоотҳои муҳофизатӣ ба масофаи 450 метр ба маблағи 300 ҳазор сомонӣ, дар ҳудуди ҷамоати деҳоти Танобчӣ масофаи 150 метр ба маблағи 700 ҳазор сомонӣ ба анҷом расонида шуд. Дар маҷмуъ ба маблағи 1 миллион сомонӣ корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ ба сомон расонида шудаа ст.

Ҳамзамон таъмиру азнавсозӣ ва бетонпӯш намудани каналҳои селпарто аз ҷониби соҳибкорон ва ба тариқи ҳашарҳои дастаҷамъонаи аҳолӣ масофаи 80 метр ба маблағи 61 ҳазор сомонӣ ба анҷом расонида шудааст.

Дар мавсими корҳои ободонӣ ва кабудизоркунӣ зиёда аз 11.6 ҳазор бех ниҳолҳои дарахтони сояафкан, ҳамешасабз ва ороишӣ шинонида шуд, ки ин нишондиҳанда иҷрои 116 фоизи нақшаи тасдиқшударо дар бар мегирад.

Айни замон дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ аз тарафи ташкилоту муассисаҳо, корхонаву идораҳо, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва шаҳрвандони ноҳия 22,4 бех ниҳолҳои гуногун шинонида шудаанд, ки иҷроиши нақшаро 107,0 фоиз таъмин менамояд.

Бо мақсади сарсабзгардонии муҳит ва кабудизоркунӣ дар ноҳияи Хуросон то ба имрӯз 94300 бех ниҳол ва 281951 дона гулҳои гуногун, ки аз ин шумораашро 4000 дона гули лола ва 31951 дона садбарг ташкил медиҳад, шинонида шуда, 10 ҳазор метри квадратӣ алафи ҳамешасабз кишт шудааст.

### 16.2. Корҳои анҷомдода барои пешгирии зарари офати табиӣ ба оилаҳои дар минтақаҳои хавфнок истиқоматкунанда (ҚҲҶТ аз 03.02.2020 с., №64 банди 27);

Дар ноҳияи Восеъ айни ҳол ба 33 оилаи (муҳоҷири экологӣ)-и ин деҳа қарзи имтиёзнок дар ҳаҷми 3000 сомонӣ ва кӯмаки яквақтаина пурра пардохт шудааст.То имрӯз 4-хона пурра сохта шудааст, 2-то нотамом, 6-то сохтмонро

оғоз намуданд, ба 3-то хонаи дигар  сангу шағал оварда таҳкурсӣ рехта шудаанд ва боқимонда то ҳол ба кор оғоз накардаанд. 20-оилаи(муҳоҷири экологӣ)-и боқимондаи муҳоҷирон дар соли 2018 тибқи рӯйхат бо маблағи қарзи имтиёзнок ва кӯмаки яквақтаина ба воситаи филиали «Амонатбонк»-и № 58 дар ноҳияи Восеъ буда пардохт карда шудаанд, корҳои сохтмониро идома дода истодаанд.

Бо пешниҳодҳои ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳияи Ёвон дар ин муддат 10 хоҷагӣ аз ҷамоати деҳоти Ситораи Сурх, 4 хоҷагӣ аз ҷамоати деҳоти Обшорон, 2 хоҷагӣ аз ҷамоати шаҳраки Ҳаёти Нав, 6 хоҷагӣ аз ҷамоати деҳоти Даҳана ва 11 хоҷагӣ аз ҷамоати деҳоти ба номи Ҳасан Ҳусейнов дар маҷмӯъ 33 хоҷагии муҳоҷирони экологӣ ба замини наздиҳавлигӣ таъмин гардиданд.

Ҷиҳати таъмини устувори экологӣ тадбирҳои зарурӣ роҳандозӣ гардида, дар ноҳияи Қубодиён шумораи оилаҳои дар минтақаҳои хавфнок истиқоматкунанда 5083 хоҷагӣ, шумораи муҳоҷирнони экологӣ 72 нафарро ташкил медиҳад.

Тибқи қарори раиси ноҳияи Темурмалик соли равон кучонидани 20 оилаҳое, ки дар минтақаҳои хавфнок ҷойгир мебошанд, ба нақша гирифта шудааст. Барои дар оянда сохтани хонаҳои истиқоматӣ дар мавзеи  бехавф барои онҳо қитъаҳои замин ҷудо карда шудааст

### 16.3. Ташкили нуқтаҳои безараргардонӣ, ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, интиқол ва коркарди лампаҳои симобдор (Ваколатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҚҶТ "Дар бораи ҳифзи муҳити зист" моддаи 10), (ҚҲҶТ аз 03.02.2020 с., №64 банди 28, сархати 2);

Дар миқёси вилоят 24 -адад партовгоҳҳои марказӣ дар шаҳру ноҳияҳо мавҷуд аст, ки то имрӯз 18 -адади он пурра ба расмият даровварда шудааст. Дар худуди шаҳраку деҳотҳо 2227 -адад партовгоҳҳои муввақатӣ ташкил карда шуда, 560 -адади он бо сертификати ҳуқуқи истифодабарии замин таъмин мебошад.

Дар ин хусус тавсия дода шудааст, ки муассисаҳои махсуси партовкашон дар мувофиқа бо мақомотҳои назоратӣ барои истиқомати боҳаловатӣ аҳолӣ, баровадани партовҳои сахти маиширо аз соати 6 пагоҳӣ то соати 23 ба роҳ монанд. Партовҳои хатаранок бошад танҳо дар мавриди мавҷуд будани маҷмӯъи ҳуҷҷатҳои лозима ба монанди иҷозат барои кашонидани партовҳои хатарнок, шиносномаи партовҳои хатарнок ва бо воситаи наклиёти махсус таҷҳизонидашуда интиқол дода мешавад.

Мушкилоти ҷойдошта партовгоҳҳои аксарият шаҳру ноҳияҳо ба талаботҳои санитарию экологӣ ҷавобгу набуда гирду атрофи партовгоҳҳо кушода буда, ба намуд ҷудокунии партовҳо, кабудизоркунӣ ва безараргардонии партовҳо (дезинфексия, детаризатсия) дида намешавад.

Дар шаҳру ноҳияҳои вилоят бо маблағгузориҳои худӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ 1630 адад нуқтаҳои муваққатии қабули лампаҳои симобдори аз

истифода баромада дар назди ташкилоту корхонаҳо, деҳаҳои калон ва маҳаллаҳои аҳолинишин ташкил намуда, ба миқдори 277010 дона лампаҳои симобдори аз истифодабаромада ҷамъоварӣ карда шудааст.

Вобаста ба вусъат бахшидан ба корҳои ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, интиқол ва коркарди лампаҳои симобдор 77,9 ҳазор сомонӣ аз ҳисоби буҷети шаҳру ноҳияҳои вилоят маблағ ҷудо гардида, ҷиҳати ҳавасмандгардонӣ барои ҷамъоварии лампаҳои каммасрафи аз истифода баромада масраф карда шуд.

Дар ҳамкорӣ бо соҳибкори инфиродӣ Раҳимов А. дар самти безараргардонии лампаҳои симобдори аз истифодабаромада корҳои назаррасро ба анҷом расонида, то ин давра аз шаҳру ноҳияҳои Левакант 6028, Кӯшониён 5000, Ҷалолиддини Балхӣ 9623, Ҷайҳун 6437, Панҷ 2014, Дӯстӣ 3120, Ёвон 20154, Хуросон 4282, Норак 39050, Кӯлоб 40000, Данғара 10384, Восеъ 3850, Ҳамадонӣ 7142, Фархор 8393 ва Ховалинг 2920 адад дар маҷмӯъ 168397 адад лампаҳо барои безараргардонӣ интиқол гардид.

Тибқи талаботи қарори дахлдор барои ташкили нуқтаҳои қабули лампаҳо бояд аз буҷети маҳалии шаҳру ноҳияҳо маблағҳо ҷудо карда мешуданд, аммо дар асл ба ин мақсад танҳо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои Ҷалолиддини Балхӣ -9000, Кӯшониён -1000, Дӯстӣ -4000, Ҷайҳун -6300, Панҷ -6000, Қубодиён-12060, Ёвон-5508, Носири Хусрав -500, Кӯлоб -5757, Хуросон -2882, Левакант-13825, Ҳамадонӣ -3000, Фархор -1500, Данғара -3075, Балҷувон -2500 ва Муъминобод -1000 сомонӣ ҷудо кардаанд. Аз буҷетҳои дигар шаҳру ноҳияҳо маблағҳои мақсаднок ҷудо карда нашудаанд.

**16.4. Мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳа ва пешниҳод барои ҳалли онҳо.**

Мушкилот мавҷуд набудани таҷҳизоти безараргардони ва ҷудо нашудани маблағ дар ин самт.

## 17. Маълумот оид ба соҳаи кор бо ҷавонон ва варзиш

**17.1. Нишондиҳандаҳои соҳаи кор бо ҷавонон,17.2. Рафти иҷрои нақшаи даъвати ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ ва чораҳои андешидашуда, барои баланд бардоштани ҳисси ватандӯстии ҷавонон,17.3. Дар ҳар як деҳа ва маҳалли аҳолинишин, ки зиёда аз 100 хоҷагӣ доранд, бунёд кардани як толор ва як майдони варзишӣ (банди 82 паём) (бо иловаи маълумоти шумораи маҳалҳои аҳолинишин, ки зиёда аз 100 хоҷагӣ доранд ва мавҷудияти толор/майдончаи варзишӣ дар онҳо),17.4. Оммавигардонии варзиш, таблиғи тарзи ҳаёти солим, омодасозии варзишгарони касбӣ, баргузор намудани мусобиқаҳои гуногун аз рӯи ҳамаи намуди варзиш (банди 85 паём),17.5. Рафти бунёди иншоотҳои варзишӣ аз ҷумла бо ҷалби соҳибкорону тоҷирон (банди 85 паём, Амри ПҶТ аз 06.03.2019 с. №АП-1176 Нақша-чорабиниҳои бахшида ба солҳои 2019-2021 “Соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” банди 32),17.6. Пешгирии содиршавии ҷиноят ва эмин нигоҳ доштани ҷавонон аз бегонапарастӣ (ҚҲҶТ аз 03.02.2020 с., №64 банди 25).**

### 17.1. Нишондиҳандаҳои соҳаи кор бо ҷавонон

Шумораи ҷавонон дар ҳайати кадрҳои роҳбарикунанда дар соли 2020, 819-нафарро ташкил додааст, ки дар муқоиса ба соли сипаригардида 87-нафар зиёд мебошад.

Шумораи ҷавонон дар ҳайати Маҷлисҳои вакилони маҳаллии шаҳру ноҳияҳо дар соли 2020 ба 238-нафар расидааст, ки нисбати давраи соли гузашта +138 нафар зиёд мебошад.

Тибқи маълумотҳои омори шумораи вакилони маҳаллии ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ҳудуди вилоят аз ҳисоби ҷавонон дар нуҳмоҳаи соли 2020 765-нафарро ташкил дода, нисбат ба даъвати пешин ба миқдори 312 нафар ё ин ки 1,8% маротиба афзош ёфтааст.

## 17.2. Рафти иҷрои нақшаи даъвати ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ ва чораҳои андешидашуда, барои баланд бардоштани ҳисси ватандӯстии ҷавонон

Рафти иҷрои нақшаи даъвати ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ тибқи маълумотҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо нақшаи даъвати тирамоҳӣ соли 2020 дар сатҳи 100% таъмин гардидааст.

Дар ҳамбастагӣ бо сохторҳои маҳаллӣ ҷиҳати баланд бардоштани ҳисси ватандӯстии ҷавонон дар ин муддат 775 вохӯрию мулоқотҳо бо фарогирии 86279 нафар, 67 адад озмуни ҳарбӣ - варзишӣ бо фарогирии 9128 ташкилу баргузор кард, ки дар ин муддат 41715 адад маводҳои иттилоотӣ тақсим карда шуд.

Дар доираи истиқбол аз ҷашни солагарди Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи нақша чорабиниҳои Раёсат дар ҳамбастагӣ бо маркази таҳсилоти иловагии назди раёсати маорифи вилояти Хатлон дар назди театри мусиқӣ – мазҳкавии ба номи А. Муҳаммадҷонови шаҳри Бохтар озмуни вилоятии ҳарбӣ – варзишии “Ватанпарвар” байни хонандагони синфҳои 10-11-и муассисаҳои таълимии вилояти Хатлон гузаронида шуд.

Ҳамчунин санаи 19-20-21 дар қисмҳои низомии шаҳру ноҳияҳои Бохтар, Норак, Восеъ, Н. Хусрав, Қубодиён, Фархор, Ҳамадонӣ, Панҷ вохӯрию мулоқот бо сарбозону афсарон ташкилу баргузор гардида, ҷиҳати ҳавасмандии онҳо туҳфаҳои хотиравӣ низ ба сарбозон тақдим карда шуд.

## 17.3, 17.5. Дар ҳар як деҳа ва маҳалли аҳолинишин, ки зиёда аз 100 хоҷагӣ доранд, бунёд кардани як толор ва як майдони варзишӣ (банди 82 паём) (бо иловаи маълумоти шумораи маҳалҳои аҳолинишин, ки зиёда аз 100 хоҷагӣ доранд ва мавҷудияти толор/майдончаи варзишӣ дар онҳо), Рафти бунёди иншоотҳои варзишӣ аз ҷумла бо ҷалби соҳибкорону тоҷирон (банди 85 паём, Амри ПҶТ аз 06.03.2019 с. №АП-1176 Нақша-чорабиниҳои бахшида ба солҳои 2019-2021 “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” банди 32)

Тибқи маълумоти пешниҳоднамудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Вахш майдончаҳои варзишӣ дар ҳудуди ноҳия ба 93 адад расонида шуд, ки 4 адад нисбати ҳамин давраи соли гузашта зиёд

мебошад. Аз ҷумла, 13 адад иншоотҳои варзишӣ, 1 адад сохтмони толори варзишӣ, 1 адад ҳавзи шиноварӣ ва 11 адад майдончаҳои варзишӣ ба нақша гирифта шудааст.

Дар ноҳияи Восеъ 234 иншооти варзишӣ мавҷуд буда, аз ҷумла 26 толори варзишӣ, 2 варзишгоҳ бо теъдоди то 5 ҳазор ҷойи нишаст. Айни ҳол сохтмони 1 вазишгоҳ бо теъдоди 20 ҳазор ҷойи нишаст идома дорад.

Дар давраи ҳисоботӣ дар ноҳияи Данғара 1 маҷмааи варзишӣ, як мактаби варзишӣ,102 майдончаҳои варзишӣ, 29 толорҳои варзишӣ, як майдони марказӣ дорои 10 ҳазор ҷои нишаст, як майдони варзишии дорои 2500 ҳазор ҷои нишаст, як майдони варзиши дорои 1000 ҷои нишаст ва 8 майдони футболи хурд фаъолият мекунад.

Бо дастгирии соҳибкорон дар ноҳияи Ёвон 5 майдончаи хурд барои футбол бунёд гардидааст, ки чортои онҳо болопӯшида мебошад. Тибқи нақшаи чорабиниҳои тасдиқгардида, то ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳия бунёд ва таъмиру таҷдиди 25 иншооти варзишӣ ба нақша гирифта шудааст, ки дар ин самт то имрӯз беш аз 70 фоизи тадбирҳо амалӣ гардидаанд.

Дар ноҳияи Муъминобод 110 иншооти варзишӣ, аз ҷумла 82 майдончаҳои хурду бузурги варзишӣ, 14 толори варзишӣ, 1 варзишгоҳ бо теъдоди 7040 ҷойи нишаст ва 2 ҳавзи шиноварӣ барои машғулиятҳои варзишӣ мутобиқ гардонида шудаанд.

Теъдоди умумии майдончаҳои варзишӣ дар ноҳияи Носири Хусрав 79 адад, варзишгоҳ  ва толорҳои варзишӣ 5-торо ташкил медиҳанд. Соли 2020 дар деҳаи Сангоба ҷ/д Наврузи ноҳия 1 майдончаи хурди варзишии футбол ба истифода дода шуд.

Тибқи маълумоти пешниҳоднамудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ дар ноҳия 8 майдончаи варзишии нав мавриди истифода қарор дода шуд.

Вобаста ба маълумотҳои пешниҳоднамудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Панҷ шумораи майдонҳои варзиши 155 адад, аз ҷумла майдонҳои футбол 24 адад, толорҳо 16 адад мебошанд.

Барои рушди варзиш дар шаҳри Бохтар 3 варзишгоҳ, 32 толори варзишӣ, 93 майдончаҳои варзишӣ, аз ҷумла 16 адад майдончаҳои футболи хурд ва 2 майдони теннис дар истифодаи умум мебошанд,

Дар давраи ҳисоботи майдончаҳои варзишӣ дар ноҳияи Ҷайҳун 135 адад ва толорҳои варзишӣ 19 ададро ташкил медиҳанд. Дар давраи ҳисоботи, 2-майдончаи варзишӣ сохта ба истифода дода шудааст.

Дар шаҳри Кӯлоб 181 майдончаҳои варзишӣ, 72 толорҳои варзишӣ ва 4 ҳавзи шиноварӣ мавҷуд мебошад.

Теъдоди умумии толорҳои варзишӣ дар ноҳияи Леваканд 7 адад, варзишгоҳ 1 адад, майдончаҳои варзиши хурд 36 адад, майдонҳои варзишии калон 3 адад, мактаби варзишӣ 1 адад мебошад. Дар  соли ҷорӣ дар шаҳр сохтмони се майдончаи варзишӣ идома дорад.

Дар соли ҷорӣ дар ноҳияи Кушониён 52 адад майдончаҳои варзишӣ ва 8 адад толорҳои варзишӣ мавриди истифода қарор дорад.

### 17.4. Оммавигардонии варзиш, таблиғи тарзи ҳаёти солим, омодасозии варзишгарони касбӣ, баргузор намудани мусобиқаҳои гуногун аз рӯи ҳамаи намуди варзиш (банди 85 паём)

Дар соли 2020 дар шаҳри Бохтар байни наврасону ҷавонон ва кормандони ташкилоту муассисаҳои шаҳрӣ 67 мусобиқаҳои варзишӣ бо иштироки 13200 нафар наврасону ҷавонон гузаронида шудааст. Инчунин варзишгарони шаҳр дар 25 мусобиқаҳои ҷумҳуриявӣ ва 3 мусобиқаи байналмилалӣ иштирок намуда, 223 медал ба даст оварданд, ки аз он 101 адад медали тилло, 68 медали нуқра ва 54 медали биринҷӣ мебошад.

Дастпарварони Муассисаи давлатии мактаби варзишии ноҳияи Вахш давоми соли ҷорӣ дар 6 мусобиқаи вилоятӣ аз намудҳои гуштини “Миллӣ”, гуштини “Дзю-До”, гуштини “Самбо” ва “ТАЭКВАНДО-ВТФ” ширкат варзида, сазовори 10 ҷойи аввал, 20 ҷойи дуюм ва 25 ҷойи сеюм бо 10 медали тилло, 20 медали нуқра ва 25 медали биринҷӣ ва ҳамзамон дар мусобиқаҳои варзишии сатҳи ҷумҳуриявӣ аз намуди “ТАЭКВАНДО-ВТФ” иштирок намуда, сазовори 4 медали нуқра ва 7 медали биринҷӣ гардида, дар маҷмӯъ 66 медал ба даст оварданд.

Айни замон дар муассисаҳои давлатии «Мактаби варзишии ноҳияи Восеъ» ва «Мактаби варзишии Ҷамоати деҳоти ба номи А.Рӯдакӣ» аз рӯи 12 намуди варзиш 97 гуруҳ фаъолият намуда, дар онҳо 1112 нафар ба машғулиятҳо фаро гирифта шудаанд, ки 190 нафари онҳоро духтарон ташкил медиҳанд.

Варзишгарони ноҳия дар 10-мусобиқаҳои ҷумҳуриявӣ ширкат варзида соҳиби 97 медал аз ҷумла 31 медали тилло, 34 медали нуқра ва 32 медали биринҷӣ гардиданд.

Ҷавонони ноҳияи Данғара дар мусобиқаҳои варзишии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ иштирок намуда, сазовори 447 медал, аз ҷумла 131 медали тилло, 137 медали нуқра ва 179 медали биринҷӣ гардиданд, ки ин нишондод нисбат ба соли гузашта, 224 медал зиёд мебошад.

Варзишгарони ноҳияи Ёвон дар мусобиқаҳои вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмиллалӣ ширкат варзида, сазовори 61 медал, аз ҷумла 22 медали тилло, 14 медали нуқра ва 25 медали биринҷӣ гардиданд.

Ҷавонони ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар 10 мусобиқаҳои варзишӣ ва чемпионати сатҳи ҷумҳуриявӣ иштирок намуда, сазовори 95 медал, аз ҷумла 18 медали тилло, 29 медали нуқра ва 48 медали биринҷӣ гардиданд.

Дар ин муддат варзишгарони ноҳияи Шамсиддин Шоҳин дар чорабиниҳои варзишии сатҳи ҷумҳуриявӣ фаъолона ширкат варзида, сазоворӣ 18 медал аз ҷумла: 9 медали тилло, 4 медали нуқра ва 5 медали биринҷӣ гардиданд.

Давоми соли 2020 варзишгарони ноҳияи Фархор дар мусобиқаҳои байналмиллалию ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ иштирок намуда, 113 адад

медалҳои тилло, 64 адад медалҳои нуқра ва 61 адад медалҳои биринҷӣ, дар маҷмӯъ 238 адад медал ба даст оварданд.

Ҷавонони ноҳияи Носири Хусрав дар мусобиқаҳои варзишии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ иштирок намуда, сазовори 27 медал, аз ҷумла 4 медали тилло, 9 медали нуқра ва 14 медали биринҷӣ гардиданд, ки ин нишондод нисбат ба соли 2019 3 медал зиёд мебошад

Ҷавонони шаҳри Левакант дар мусобиқаҳои варзишии вилоятӣ иштирок намуда, сазовори 96 медал гардиданд, ки ин нишондод нисбат ба ҳамин давраи соли 2019-ум 7 медал зиёд мебошад.

Ҷавонони шаҳру деҳоти Кӯлоб дар мусобиқаҳои варзишии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ иштирок намуда, сазовори 183 медал, аз ҷумла 53 медали тилло, 47 медали нуқра ва 83 медали биринҷӣ дар мусобиқаҳои байналмилалӣ гардиданд.

Варзишгарони ноҳияи Қубодиён дар мусобиқаҳои ҷумҳуриявӣ ва вилоятӣ иштирок намуда, сазовори 62 медал, аз ҷумла 19 медали тилло, 21 медали нуқра ва 22 медали биринҷӣ гардиданд.

Ҷавонони ноҳияи Ҷайҳун дар мусобиқаҳои варзишии вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ иштирок намуда, сазовори 47 медал, аз ҷумла: 15 медали тилло, 19 медали нуқра ва 26 медали биринҷӣ гардиданд, ки ин нишондод нисбат ба соли гузашта 5 медал зиёд мебошад.

## 18. Рушди соҳаи сайёҳӣ

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи сайёҳӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, 18.1. (18.1, 18.2, 18.3) Фароҳам овардани шароит барои рушди соҳаи сайёҳӣ, арзёбӣ гардиданд.**

**18.1. (18.1, 18.2, 18.3) Фароҳам овардани шароит барои рушди соҳаи 18.1. Андешидани тадбирҳо ҷиҳати рушди соҳаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, бунёд ва беҳтар намудани шароити инфрасохтори сайёҳӣ, экологӣ, табобатӣ, варзишию шикор ва баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонӣ (банди 41 паём, Амри ПҶТ аз 06.03.2019 с. №АП-1176 Нақша-чорабиниҳои бахшида ба солҳои 2019-2021 "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" банди 40);**

Ҷиҳати амалишавии қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 майи соли 2019, № 270 "Дар бораи Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалисозии Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 барои солҳои 2019-2022", барои иҷро ба роҳбарӣ гирифта, қарори раиси вилояти Хатлон аз 30 сентябри соли 2019, №277 ба тасвиб расида, Раёсату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ҷиҳати иҷрои он чораҳои зарурӣ андешида истодаанд.

Ҷиҳати бунёд ва беҳтар намудани шароити инфрасохтори сайёҳӣ дар шаҳри Норак дар ду соҳили рӯди Вахш истироҳатгоҳҳои мавсимӣ бо тарҳи замонавӣ сохта шудааст. Аз ҷумла,100 адад истироҳатгоҳҳои замонавӣ ба мисли "Somon Palas", "Лаби дарё", "Ҳурмати ҷаҳон", ки сайёҳонро ҳамарӯза дар фасли тобистон қабул менамоянд.

Дар шаҳри Бохтар меҳмонхонаи чорошёна “Хатлон сайёҳат” бунёд гардида, меҳмонхона дорои 19 ҳуҷра ва 40 кат буда ба сайёҳони дохиливу хориҷӣ хизмат мерасонад.

Инчунин, бо ҷалби соҳибкорони маҳаллӣ як адад меҳмонхона дар ноҳияи Темурмалик ва се адад меҳмонхонаи замонавӣ дар ноҳияи Данғара, ки ду адад дар деҳаи Ғарғараи деҳоти Корез ва як ададаш дар деҳаи Хоҷа Шақиқи Балхии деҳоти Себистон сохта ба истифода дода шудааст.

Дар ноҳияи Восеъ меҳмонхонаи панҷситорадор бунёд гардида истодааст, ки ба рушди соҳаи сайёҳӣ такони ҷиддӣ хоҳад бахшид.

Ҳамчунин, як қатор иншоотҳо дар ноҳияи Балҷувон аз ҷумла: 2 адад меҳмонхона дар Ҷамоати деҳоти ба номи Сафар Амиршоев, 4 адад меҳмонхона дар Ҷамоати деҳоти Сари Хосор, 3 адад марказҳои истироҳатӣ дар деҳоти Сари Хосор, 10 адад ошхонаи хурду бузург ва дигар марказҳои савдою хизматрасонӣ барои сайёҳони дохиливу хориҷӣ хизмат мерасонанд.

Дар доираи Нақшаи чорабиниҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ба муносибати 30 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилоят сохтмони иншоотҳои ҷашнӣ, аз ҷумла 87 адад меҳмонхона, ба нақша гирифта шудааст, ки то ин муддат 39 ададаш сохта мавриди истифода қарор дода шудааст.

Ҳамчунин, дар вилоят 20 ширкати сайёҳӣ, аз ҷумла, ширкатҳои сайёҳии ҶДММ «Ориёӣ» дар шаҳри Кӯлоб, ҶДММ “Истироҳатгоҳи Пули Сангин” дар шаҳри Норак, ҶДММ “Сайёҳ асри 21”, ТҶ “Сайри ҷаҳон”, ҶДММ“Хатлон Сайёҳат” дар шаҳри Бохтар, ҶДММ «Сари Хосор тревел», ҶДММ “Экспедитсияи Осиёи Марказӣ” дар ноҳияи Балҷувон, ҶДММ «Морхӯр», ҶДММ “Нодир Тур”, ТҶ “Муҳофиз”, ҶДММ “Сайди Тагноб”, ҶДММ “М.Бухорӣ”, ҶДММ“Сафари Даштиҷум”,ҶДММ “Шоҳин - М” дар ноҳияи Шамсиддин Шоҳин, ҶДММ “Хуталон”дар ноҳияи Данғара, ҶДММ “Ховалинг Фрилэнд Эдвенчер”, ҶДММ “Сайри мунк” дар ноҳияи Ховалинг ва ҶДММ “Сайёҳидуоб”, ҶДММ “Сайёҳи Чилдухтарон”дар ноҳияи Муъминобод, ҶДММ “Эътимод ва амал” дар ноҳияи Восеъ фаъолият намуда истодаанд.

Ширкатҳои сайёҳӣ асосан дар самти туризми воридотӣ ва дохилӣ фаъолият намуда, сайёҳонро ба вилоят тариқи 16 хатсайрҳо ҷалб менамоянд. Шумораи ширкатҳои сайёҳи дар вилоят нисбати соли 2019, 6 адад зиёд гардида бошад ҳам даромад нисбати ҳамин давраи соли 2019, 2787,8 ҳазор сомони кам ворид гардидааст

**18.2. Мукаммал гардонидани низоми омори соҳаи сайёҳӣ, раванди баҳисобгирии сайёҳон ва шаклҳои ҳисоботдиҳии оморӣ (ҚҲТ аз 03.02.2020 с., №64 банди 33, сархати 2);**

Ҷиҳати такмил додани омори баҳисобгирии сайёҳони хориҷӣ аз ҷониби масъулини соҳаи сайёҳӣ ва роҳбарони иншоотҳои ба соҳаи сайёҳӣ алоқаманд буда, китоби баҳисобгирии сайёҳон дар меҳмонхонаҳо, осоишгоҳҳо, истироҳатгоҳҳо, мавзеъҳои таърихӣ, осорхонаҳо ва мавзеъҳои сайёҳӣ ба роҳ

монда шудааст. Ҳолати инфрасохтори соҳа низ дар вилоят ба тадриҷ рушду нумуъ ёфта истодааст.

Ҳамзамон, дар ҳудуди вилоят 931 адад ёдгориҳову мавзеъҳои таърихӣ-фарҳангӣ, бостонӣ ва монументалӣ, 109 адад меҳмонхона, 133 адад мавзеъҳои сайёҳӣ, 138 адад истироҳатгоҳу осоишгоҳҳо, 132 адад тарабхона, 42 адад осорхонаҳо, 79 ада чойхона, 276 адад банкоматҳои хизматрасониҳои бонкӣ, 59 адад ҳомстей ва гестхаусҳо, 80 адад мағозаи фурӯши армуғонҳо, 116 адад зиёратгоҳҳо, 44 адад боғҳои фарҳангӣ–фароғатӣ, 27 адад маркази иттилоотии сайёҳӣ мавҷуд мебошанд, ки ҳамарӯза ба сайёҳон хизмат мерасонанд.

Тибқи маълумотҳои матнии масъулони шаҳру ноҳияҳо ба вилояти Хатлон дар соли 2020 дар умум 205 ҳазору 320 нафар сайёҳони дохиливу хориҷӣ (2193 нафар сайёҳони хориҷӣ ва 203127 нафар сайёҳони дохилӣ) ташриф овардаанд.

**18.3. Таъсиси сомонаҳои интернетӣ, маъмурӣ, хизматрасонии ва сайёҳӣ дар вилояту шаҳру ноҳияҳо;**

Вобаста ба муаррифии мавзеъҳои сайёҳии вилоят сомонаи алоҳидаи сайёҳии мақомоти ироияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон Sayohikhatlon.tj бо се забон омода гардида, маълумоти пурраи шаҳру ноҳияҳо дар сомона ойгир карда шудааст.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон дар ҳамбастагӣ бо Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонва Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид бо мақсади таъсиси сомонаҳои сайёҳии шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон санаи 26-27 октябри соли 2019 бо иштироки масъулони соҳаи сайёҳӣ ва донишҷӯёни хоҳишманд, дар шаҳри Бохтар ва санаи 16-17 декабри соли 2019 дар шаҳри Кӯлоб курси омӯзишии сайтсозӣ доир намуданд, ки дар натиҷа сомонаи расмии сайёҳии шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон сохта ба истифода дода шудааст.

Дар баробари ташкил намудани сомонаи расмии сайёҳии вилоят, инчунин саҳифаҳои сайёҳӣ дар Фейсбук, Инстаграм ва Ютуб таъсис дода шуда, маълумотҳои ба соҳаи сайёҳӣ алоқаманд буда аз тарафи мутахассисон ворид карда шуда истодааст.

Дар вилоят 20 марказҳои иттилоотии сайёҳӣ оид ба тарғибу ташвиқи ёдгориҳои фарҳангӣ, мавзеъҳои таърихӣ ва мавзеъҳои нодири сайёҳӣ фаъолият намуда, 70 намуди буклетҳо бо забони тоикӣ, англисӣ дар бораи шаҳру ноҳияҳо ва дар бораи мавзеъҳои таърихию фарҳангӣ ва зиёратии шаҳру ноҳияҳо таҳия гардидааст.

Ҳамчунин, ҷиҳати зиёд намудани теъдоди ширкатҳои сайёҳӣ ва шумораи сайёҳон дар вилоят 14 ширкатҳои сайёҳӣ, 10 ширкат дорои иҷозатнома (литсензия) - и Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намуда истодаанд.

**18.4. Мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳа ва пешниҳод барои ҳалли онҳо.**

Дар баробари ин, нарасидани мутахассисони ботаҷриба, роҳбаладони таҷрибадор, кам будани ширкатҳои маҳаллии сайёҳӣ, набудани воҳидҳои кории соҳаи сайёҳӣ дар шаҳру ноҳияҳо, таъсис нагардидани харитаи сайёҳӣ аз тарафи шаҳру ноҳияҳо, кам ба назар расидани насби ишораҳои сарироҳӣ бо се забон дар шаҳру ноҳияҳо, кам будани меҳмонхонаҳои сарироҳӣ бо такя ба унсурҳои миллӣ ва нигаҳдошти ҳолати санитарию гигенӣ дар мавзеъҳои сайёҳии шаҳру ноҳияҳои вилоят ҳамчун камбудиҳои асоси ба ҳисоб меравад.

**19. Маълумот оид ба масъалаҳои баробарии гендерӣ:**

**19.1. Корҳои анҷомдода ҷиҳати таъин кардани занон ба мансабҳои роҳбарикунанда дар ҳамаи сохторҳои МИМҲД, шаҳру ноҳияҳо, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (банди 80 паём), (Фармони ПҶТ аз 03.12.1999 с., №5).**

Тибқи ҳисоботи оморӣ дар вилояти Хатлон дар соли 2020 аҳолии вилоят 3 миллиону 417 ҳазору 200 нафарро ташкил намуда, 1 миллиону 698 ҳазору 400 нафараш занону духтарон буда, 49,7 фоизро ташкил медиҳад, ки нисбати соли гузашта шумораи занон  36 ҳазору 875 нафар зиёд гардидааст.

Аз шумораи 196 ҳазору 858 нафар занҳои коргар, 9 ҳазору 833 нафарашон дар вазифаҳои роҳбарикунанда кору фаъолият мекунанд, ки нисбати ҳамин давраи ҳисоботии соли гузашта 2 ҳазору 617 нафар зиёд гардидааст.

Дар вилояти Хатлон дар ин давра аз шумораи умумии 3002 воҳиди хизматчиёни давлатӣ дар 463 воҳиди корӣ (18,0%) занон буда, аз ин шумора 203 нафар (21,0%)-ро занону духтарони лаёқатманд дар вазифаҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатӣ ташкил медиҳад, ки айни замон фаъолият доранд.

Шумораи занон дар ҳайати роҳбарикунандаи мақомоти худидоракунии шаҳра деҳот 97 нафарро ташкил дода нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 19 нафар зиёд гардидааст.

Камшавии шумораи занҳо дар мансабҳои роҳбарикунанда шаҳру ноҳияҳои Норак -1 нафар, Вахш -3, Ҷайҳун -2 нафар, Ш.Шоҳин -1 ва Темурмалик -1 нафар рост омадааст

Дар асоси қарори раиси вилояти Хатлон аз 16 майи соли 2017, №106 «Дар бораи Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2017-2022» ва «Нақшаи перспективии ҷавонгардонии кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2016-2020» дар назди Раёсати кор бо занон ва оилаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон курси се моҳаи омӯзишии «Духтарони сарвар» таъсис дода шуда, дар як сол 2 маротиба курсҳо ташкил ва гузаронида мешавад.

Шумораи занон, ки  дар системаи бонкҳо кор мекунанд 1 ҳазору 176 нафаро ташкил медиҳад.

Бахши магистратураи Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро то ин муддат 131 нафар, аз ҷумла 51 нафар занону духтарон аз рӯи ихтисоси «Идоракунии давлатӣ» хатм карда, аз ин шумора 22 нафарашон ба вазифаҳои роҳбарикунанда таъин гардидаанд.

Дар шаҳри Бохтар аз 111 ҳазору 998 нафар шумораи умумии 55 ҳазору 552 нафар (ё 49,7 фоиз)-ро занону духтарон ташкил медиҳанд.

Аз шумораи умумии занон 5 ҳазору 693 нафар занони коргар, 124 нафарашон ё 2,1 фоиз дар вазифаҳои роҳбарикунанда кору фаъолият мекунанд, инчунин 1 нафар ба ҳайси вакили Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон ва 14 нафар вакили Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Бохтар интихоб гардидаанд, ки дар самти идоракунии давлатӣ ва қабули санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ саҳми худро мегузоранд.

Саҳми занон дар соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқи шаҳр назаррас буда, дар соҳаҳои маориф 1624 нафар, соҳибкорӣ ва савдо 1408 нафар, зиёда аз 2000 нафар дар соҳаи тандурустӣ, дар соҳаи хизматрасонии бонкӣ 225 нафар, соҳаи фарҳанг 93 нафар ва дар соҳаи кишоварзӣ 311 нафар занон кор мекунанд.

Дар ноҳияи Вахш 100 ҳазору 83 нафар занону ҷавондухтарон кору зиндагӣ доранд, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 3130 нафар зиёд мебошанд. Саҳми занон дар соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқи ноҳия назаррас буда, 118 нафар занон дар вазифаҳои роҳбарикунанда адои вазифа менамоянд.

Инчунин, 1187 нафар занон дар соҳаи маориф, 1081 нафар дар соҳаи тандурустӣ, 50 нафар дар соҳаи фарҳанг, 12200 дар соҳаи кишоварзи, ки аз ин ҳисоб 1399 нафар роҳбарони хоҷагиҳои деҳқонӣ ва 171 нафари дигар дар риштаи соҳибкорӣ ва савдо босамар фаъолият намуда истодаанд.

Аз ҳисоби занону духтарон 3 нафар Донишкадаи хизмати давлатиро аз рӯи таҳсилоти магистр хатм намудаанд.

Дар соли ҷорӣ 667 нафар занон ба шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии ноҳия муроҷиат намуда, 373 нафар бо ҷойи кори доимӣ таъмин гардида, 242 нафар занону духтарон ба касбомӯзӣ фаро гирифта шудаанд.

Дар ноҳияи Восеъ шумораи умумии занҳо дар ноҳия 110,9 ҳазор нафарро ташкил намуда, аз онҳо 477 нафар дар вазифаҳои роҳбарикунанда, 1 нафар зан вакили Маҷлиси вакилони халқи вилоят, 13 нафар вакили Маҷлиси вакилони халқи ноҳия, 50 нафар вакилони ҷамоатҳо, 16 нафар хизматчии давлатӣ буда, 915 нафар ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд.

Дар самти тандурустӣ 1352 нафар занон, маориф 1460 нафар занон, дар соҳаи фарҳанг 68 нафар занон кору фаъолият намуда, аз он 18 нафар роҳбарони муассисаҳои фарҳангӣ мебошанд, соҳибкорӣ 2400 нафар аз ин 869 нафар занон тибқи патент ва шаҳодатнома фаъолият доранд, дар соҳаи камунлни 18 нафар, соҳаи саноат 220 нафар, дар хоҷагии қишлоқ 15240 нафар, ки аз ин 350 нафар занони роҳбари хоҷагии деҳқонӣ мебошанд.

Аз шумораи умумии аҳолии ноҳия 53 фоизро занону духтарон ташкил менамояд, ки аз шумораи 85 ҳазору 182 нафар занҳои коргар, аз ҷумла 6 нафар занону духтарон дар вазифаҳои хизмати давлатӣ, 163 нафарашон дар дигар вазифаҳо ва 306 нафарашон роҳбарони хоҷагиҳои деҳқонӣ кору фаъолият намуда истодаанд. Ҳамзамон 1 нафар зан вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1 нафар зан вакили Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон, 16 нафар зан вакили Маҷлиси вакилони халқи ноҳия ва 58 нафар зан вакилони ҷамоатҳои шаҳраку деҳот интихоб гардидаанд.

Дар ноҳияи Ёвон 178 нафар занон дар вазифаҳои роҳбарикунанда фаъолият дошта, диққат дода шуда, ҳамагӣ 43 нафар, аз ҷумла 2 нафар (50 фоиз) вакилони Маҷлиси вакилони халқи вилоят, 16 нафар (45 фоиз) вакилони Маҷлиси вакилони халқи ноҳия ва 71 нафар (39,9 фоиз) вакилони маҷлисҳои ҷамоатҳо мебошанд. Имрӯз 71 нафар ё худ 26 фоизи кормандони филиалҳои бонкҳои ноҳияро занон ташкил медиҳад.

Шумораи умумии занҳо дар ноҳияи Қубодиён 96054 нафарро ташкил намуда, аз ҷумла занҳои роҳбарикунанда 136 нафарро ташкил намуда аз ҳисоби занону духтарон 2 нафар вакили Маҷлиси намояндагони халқи вилояти Хатлон, 16 нафар  намояндаи Маҷлиси вакилони халқи ноҳия, 69 нафар намояндаи Маҷлиси вакилони халқи ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳия ва 21 нафар хизматчии давлатӣ фаъолият менамоянд.

Дар шаҳри Кӯлоб шумораи умумии занҳо дар шаҳру деҳот 110,5 ҳазор нафарро ташкил намуда, аз онҳо 135 нафар дар вазифаҳои роҳбарикунанда, аз ҷумла 16 нафар вакили Маҷлиси вакилони халқи шаҳр, 21 нафар вакилони ҷамоатҳои деҳот, 20 нафар хизматчии давлатӣ буда, 1463 нафар ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд. Инчунин дар соҳаҳои тандурустӣ-1885 нафар, маориф-2335 нафар ва фарҳанг-115  нафар занону ҷавондухтарон кору фаъолият доранд.

Дар сохтори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр ва ҷамоатҳои деҳот 20 нафар занон фаъолият доранд, ки 24,0 фоизи шумораи умумии хизматчиёни давлатиро ташкил медиҳанд.

Дар ноҳияи Кушониён айни замон 120 ҳазору 28 нафар занону духтарон истиқомат доранд, ки аз инҳо 69 ҳазору 136 нафарашон занони қобили меҳнат мебошанд. Дар ноҳия 298 нафар (0,43%) занони роҳбарикунанда дар соҳаҳои гуногуни ноҳия кору фаъолият менамоянд.

Теъдоди занон дар мақомоти намояндагӣ, аз он ҷумла Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Левакант 32 нафар ва Маҷлиси вакилони ҷамоатҳои деҳот 17 нафарро ташкил додааст.

Аз 59 воҳиди кории хизматчиёни давлатӣ, 14 нафар ё 28,5 фоизро занон ташкил дода, аз ин шумора 4 нафар, 21 фоиз аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд дар вазифаҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатӣ фаъолият намуда истодаанд.

Дар ноҳияи Муъминобод аз шумораи умумии аҳолии ноҳия 49504 нафарашонро занон ташкил медиҳанд. Шумораи занони қобили меҳнат 27434 нафар мебошад.

Айни ҳол шумораи занон, ки дар мансабҳои гуногуни давлати фаъолият доранд ба 2500 нафар расидааст, ки нисбати соли гузашта 4 нафар зиёд буданд, ки 48 нафари он кадрҳои роҳбарикунанда мебошанд.

Аз шумораи умумии 35 нафар вакилони Маҷлиси вакилони халқи ноҳия 10 нафар занон намояндагӣ доранд.

Шумораи умумии занҳо дар ноҳияи Панҷ 59940 нафарро ташкил медиҳанд, ки аз ин шумора 27510 нафараш занони қобили меҳнат буда, 124 нафарашон дар вазифаҳои роҳбарикунанда кору фаъолият менамоянд.

Айни замон аз ҳисоби занон 1 нафар вакили вилоятӣ, 7 нафар ба вакили Маҷлиси вакилони халқи ноҳия, 42 нафар занон ба вакили Маҷлиси вакилони ҷамоатҳо пешбарӣ ва интихоб карда шудаанд.

Дар ноҳияи Темурмалик аз шумораи умумии аҳолии ноҳия 35328 нафарашонро занон ташкил медиҳанд. Шумораи занони қобили меҳнат 17151 нафар мебошанд. Дар вазифаҳои роҳбарикунанда 77 нафар, дар хизмати давлатӣ 17 нафар, сарварони хоҷагиҳои деҳқонӣ 37 нафар, донишҷудухтарон 2550, аз он тибқи квотаи Президентӣ 57 нафар буда, дар соҳаи маориф 343 нафар, соҳаи тандурустӣ 362 нафар, дар соҳаи кишоварзӣ 558 нафар, дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқ 7 нафар ва соҳибкорон 100 нафарро ташкил додааст.

Аз шумораи умумии 35 нафар вакилони Маҷлиси вакилони халқи ноҳия 15 нафар (42.9 фоиз) ва аз шумораи умумии 216 нафар вакилони ҷамоатҳо 66 нафар ( 30.4 фоиз) занон намояндагӣ доранд.

Дар ноҳияи Фархор аз шумораи умумии аҳолӣ 84819 нафарашро занону духтарон ташкил медиҳанд, ки ин ба 49%-и шумораи умумӣ баробар аст. Занони қобили меҳнат 57833 нафар (баробар ба 48,6%), дар соҳаи маориф фаъолияткунанда 1320 нафар, дар соҳаи тандурустӣ 960 нафар, соҳаи фарҳанг 85 нафар ва дар соҳаи соҳибкорӣ 71 нафар мебошанд. 541 нафар занон ба ҳайси роҳбарони хоҷагиҳои деҳқонӣ ва 604 нафар дар дигар вазифаҳои роҳбарикунанда фаъолият мекунанд. Намояндагии занон дар Маҷлиси вакилони халқи ноҳия 14 нафар ва ба ҳайси вакилони Маҷлиси ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳия 66 нафарро ташкил додааст.

Дар ноҳияи Ҳамадонӣ 73704 нафар занон зиндагонӣ доранд. Аз теъдоди 1845 нафар омӯзгорон, 860 нафарашро занон ташкил мекунанд. Дар нуҳ моҳи соли 2020 дар муассисаҳо таълимии ноҳия 18 нафар занон ба ҳайси директор ва ҷонишинони директор, 2355 нафар зан роҳбарони хоҷагиҳои деҳқонӣ, 393 нафар зан - соҳибкор ва 68 нафар занон дар вазифаҳои роҳбарикунанда кору фаъолият доранд.

Дар ноҳияи Ховалинг шумораи умумии занҳо дар ноҳия 28951 нафарро ташкил намуда, аз онҳо 31 нафар дар вазифаҳои роҳбарикунанда, аз ҷумла 2 нафар вакили Маҷлиси вакилони халқи ноҳия, 17 нафар вакилони ҷамоатҳо, 11 нафар хизматчии давлатӣ буда, 430 нафар ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд.

Дар нохияи Хуросон шумораи умумии занҳо дар ноҳия 58617 нафарро ташкил дода, 196 нафари онҳо дар вазифаҳои роҳбарикунанда, аз ҷумла 14 нафар вакили Маҷлиси вакилони халқи ноҳия, 53 нафар вакилони ҷамоатҳо,

11 нафар хизматчии давлатӣ мебошанд ва 342 нафари дигар ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд.

Шумораи умумии занҳо дар ноҳияи Ҷаҳун 70116 нафарро ташкил намуда, аз онҳо 450 нафар дар вазифаҳои роҳбарикунанда, аз ҷумла 10 нафар вакили Маҷлиси вакилони халқи ноҳия, 44 нафар вакилони ҷамоатҳо, 9 нафар хизматчии давлатӣ буда, 443 нафар ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд.

Дар давраи ҳисоботи 31 нафар занон тавасути квота ба ҷойи кори таъмин карда шуданд.

Дар нохияи А.Ҷомӣ шумораи умумии занон дар ноҳия 88501 нафарро ташкил медиҳад, аз он 242 нафар дар вазифаҳои роҳбарикунанда, аз ҷумла 1 нафари он вакили Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон, 13 нафар вакили Маҷлиси вакилони халқи ноҳия, 53 нафар вакилони деҳотӣ, 20 нафар хизматчии давлатӣ буда ва 571 нафар ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд.

Дар ноҳияи Ш.Шоҳин 16 нафар зан дар мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ буда, 8 нафар вакили Маҷлиси вакилони халқи ноҳия, 24 нафар вакили ҷамоатҳои деҳот, 74 нафар ба фаъолияти соҳибкорӣ, 1 зан роҳбари кӯдакистон, 7 зан роҳбари муассисаҳои соҳаи тандурустӣ ва 575 нафар ба ҳайси сардори хоҷагиҳои деҳқонӣ дар ноҳия кору фаъолият доранд.

Аз шумораи умумии аҳолии ноҳияи Шаҳритуз шумораи умумии занҳо 65605 нафарро ташкил дода, 90 нафари онҳо дар вазифаҳои роҳбарикунанда, аз ҷумла 13 нафар вакили Маҷлиси вакилони халқи ноҳия, 48 нафар вакилони ҷамоатҳо, 21 нафар хизматчии давлатӣ мебошанд ва 500 нафари дигар ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд.

Тибқи маълумотҳои Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон теъдоди занон нисбат ба ҳамин давраи соли 2019 аз ҳисоби умумии хизматчиёни давлатии вилояти Хатлон 23 нафар ва дар мансабҳои роҳбарикунанда 18 нафар зиёд шудааст.

Таҳлилҳои оморӣ нишон медиҳад, ки теъдоди занон дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои ҳудуди вилоят 20,6 фоиз, аз ҷумла дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят 22,0 фоиз, шаҳри Кӯлоб 25,8 фоиз, шаҳри Бохтар 19,0 фоиз, шаҳри Левакант 21,0 фоиз, шаҳри Норак 36,3 фоиз, ноҳияи Дангара 16,2 фоиз, ноҳияи Темурмалик 16,6 фоиз, ноҳияи Фархор 8,3 фоиз, ноҳияи Балҷувон 14,8 фоиз, ноҳияи Ховалинг 24,1 фоиз, ноҳияи Восеъ 17,0 фоиз, ноҳияи Шамсиддини Шоҳин 17,6 фоиз, ноҳияи Мӯъминобод 18,7 фоиз, ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ 16,6 фоиз, ноҳияи Носири Хусрав 14,7 фоиз, ноҳияи Кӯшониён 21,2 фоиз, ноҳияи Вахш 16,6 фоиз, ноҳияи Дустӣ 16,2 фоиз, ноҳияи Ёвон 18,7 фоиз, ноҳияи Шаҳритуз 34,2 фоиз, ноҳияи Қубодиён 25,6 фоиз, ноҳияи Хуросон 22,8 фоиз, ноҳияи Панҷ 31,2 фоиз, ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ 27,0 фоиз, ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ 22,7 фоиз, ноҳияи Ҷайхун 18,9 фоизро ташкил медихад.

## 20. Маълумот оид ба рушди соҳаи хизматрасониҳои пулакӣ

### 20.1. Корҳои анҷомдода барои баланд бардоштани дастрасии аҳолии шаҳру ноҳияҳо ба хизматрасонии пулакӣ, хусусан дар маҳалҳои дурдаст (хизматрасониҳои маишӣ).

**20.1. Корҳои анҷомдода барои баланд бардоштани дастрасии аҳолии шаҳру ноҳияҳо ба хизматрасонии пулакӣ, хусусан дар маҳалҳои дурдаст (хизматрасониҳои маишӣ),**

Дар моҳҳои январ-декабри соли 2020 ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ дар вилоят, ки дар ҳамаи соҳаҳои хизматгузор расонда шудааст, 2063779,9 ҳазор сомониро ташкил дод, ки нисбат ба моҳҳои январ- декабри соли 2019 бо нархҳои муқоисави 4,4 фисад кам шудааст. (индекси нарх 104,6 фисадро ташкил дод).

Корхонаю ташкилотҳои расмӣ ба қайд гирифташуда ба маблағи 485109,4 ҳазор сомонӣ хизмат расондаанд, ки 23,5 фисади ҳаҷми умумии хизматрасониро ташкил медиҳад.

Ҳамагӣ дар вилоят 2063779,9 ҳазор сомонӣ, 100 фоиз, аз ҷумла ҳиссаи;

- хизмати маишӣ 1303397,2 ҳазор сомонӣ, 63,2 фоиз;
- хизмати нақлиёти мусофирбар 79458,8 ҳазор сомонӣ, 3,9 фоиз;
- хизмати алоқа 7437,0 ҳазор сомонӣ, 0,4 фоиз;
- хизмати маориф 303568,9 ҳазор сомонӣ, 14,7 фоиз;
- хизмати тиббӣ 117907,4 ҳазор сомонӣ, 5,7 фоиз;
- хизматрасонии хоҷагии манзил 2952,7 ҳазор сомонӣ, 0,1 фоиз;
- хизмати коммуналӣ 15642,2 ҳазор сомонӣ, 0,8 фоиз;
- хизмати ҳуқуқӣ 23518,9 ҳазор сомонӣ, 1,1 фоиз;
- муассисаҳои бонкӣ 135129,6 ҳазор сомонӣ, 6,5 фоиз;
- дигар хизматҳо 74767,2 ҳазор сомонӣ 3,6 фоизро ташкил медиҳад.

Корхонаҳои расмӣ ба қайд гирифташуда ҳаҷми хизматрасонии пулакиро нисбат ба моҳҳои январ-декабр соли 2019 кам кардаанд: Вазорати нақлиёт ва алоқа (76,2 фисад), Вазорати рушди иқдисод ва савдо (93,0 фисад), Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амвол (70,0 фисад), Бонки иқтисодии хориҷии «Содиротбонк» (64,1 фисад), Бонки саҳоми тиҷоратии агросаноатии инвеститсионӣ (35,2 фисад), Дигар бонкҳои тиҷоратӣ (4,0 фисад), Кумитаи бехатарии озуқаворӣ (11,9 фисад), Коллегияи ҳимоятчиён (48,3 фисад), ҶДММ «Ширкати ҳавопаймоии «Сомон Эйр» (100,0 фисад), Роҳи оҳани тоҷик (65,1 фисад),Ҷамияти саҳомии «Тоҷиктелеком» (4,5 фисад) ва ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд (36,9 фисад), кам кардаанд.

Дар давраи ҳисоботӣ шаҳру ноҳияҳои Данғара 113,7 млн. сомонӣ (+8,2 млн. сомонӣ), Ёвон 149,5 млн. сомонӣ (+7 млн. сомонӣ), Восеъ 115,3 млн. сомонӣ (+5,4 млн. сомонӣ), Хуросон 58,9 млн. сомонӣ (+1,9 млн. сомонӣ), Вахш 103 млн. сомонӣ (+1,7 млн. сомонӣ), Панҷ 65,0 млн. сомонӣ (+4 млн. сомонӣ), Қубодиён 97 млн. сомонӣ (+1,5 млн. сомонӣ), Темурмалик 31,1 млн. сомонӣ (+1,9 млн. сомонӣ), Ҷайҳун 78,4 млн. сомонӣ (+0,7млн. сомонӣ) Муъминобод 45,8 млн. сомонӣ (+0,9 млн. сомонӣ), Носири Хусрав 18,2 млн. сомонӣ (+0,9 млн. сомонӣ) ва Фархор 85,6 млн. сомонӣ (+1,6 млн. сомонӣ) ҳаҷми хизматрасониҳои пулакиро нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар сатҳи назаррас зиёда кардаанд.

Нишондиҳандаи баланди камшавии ҳаҷми хизматрасониҳои пулакӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳру ноҳияҳои Бохтар 237,6 млн. сомонӣ (-21,7 млн. сомонӣ), Левакант 30,6 млн. сомонӣ (-6,5 млн. сомонӣ),

Кӯшониён 131,4 млн. сомонӣ (- 4,7 млн. сомонӣ), Кулоб 164,8 млн. сомонӣ (-5,1 млн. сомонӣ), Шаҳритуз 94,9 млн. сомонӣ (-0,3 млн. сомонӣ), Норак 37,3млн. сомонӣ (-0,6 млн. сомонӣ) ва Дӯстӣ 59,0 млн. сомонӣ (-0,8 млн. сомонӣ) ба назар расида ба рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳо таъсири манфӣ расонидааст.

Пешниҳод: Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он дар якҷояги бо дигар вазорату идораҳои дахлдор ҷиҳати дуруст ба ҳисоб гирифтани хизматрасониҳои пулакӣ зиёд намудани намудҳои хизматрасониҳои пулакӣ, беҳтар намудани сатҳу сифати хизматрасонӣ ба аҳолӣ ва дастрасии аҳолӣ бо қарзҳои бонкӣ чораҷӯӣ намоянд.

## 21. Таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ

**Нишондодҳои пешакии таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, 21.1. Тамоюли ҷиноятҳои ба қайд гирифта ва ошкоршавии онҳо, 21.2. (21.2., 21.3.) Шумораи ҷиноятҳое, ки аз тарафи ҷавонон содиршуда ва шомилшавии онҳо ба ҳаракатҳои ифротгароӣ ва тундрав, 21.3. Корҳои анҷомдодашуда оид ба пешгирии сар задани ҷиноятҳо, арзёбӣ гардиданд.**

### 21.1.Ҷиноятҳои бақайдгирифташуда, дар алоҳидагӣ бо намуди онҳо, аз ҷумла ошкоршавии онҳо

Аз руи маълумотҳои дастрасшудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон нишондодҳои пешакии таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва ҳолати ҷиноятҳои ба қайд гирифта арзёбӣ гардиданд.

Тибқи маълумотҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон дар соли 2020, 6990 ҷиноят ба қайд гирифта шудааст, ки нисбати соли гузашта 1332 ҳодиса зиёд гардида, дар шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб +186 адад (634 адад), Дустӣ +108 адад (274 адад), Бохтар +153 адад (762 адад), Ёвон +126 адад (420 адад), Вахш +115 адад (385 адад), Ҷайҳун +94 адад (272 адад), Ҷ.Балхӣ +90 адад (274 адад), Панҷ +72 адад (232 адад), Восеъ +64 адад (359 адад), Шаҳритуз +62 адад (380 адад), Балҷувон +52 адад (88 адад), А.Ҷомӣ +48 адад (239 адад), Данғара +46 адад (322 адад), Хуросон +33 адад (218 адад), Қубодиён +32 адад (244 адад), Кушониён +29 адад (406 адад), Леваканд +25 адад (172 адад), Муъминобод +14 адад (104 адад), Фархор +14 адад (304 адад), Ховалинг +2 адад (100 адад), Норак +2 адад (172 адад) ва Ш.Шоҳин +1 адад (121 адад) нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ҷиноятсодиркунӣ зиёд ба қайд гирифта шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ дар ноҳияҳои Темурмалик -26 адад (138 адад), Н.Хусрав -7 адад (94 адад) ва Ҳамадонӣ -3 адад (276 адад) ҷиноятсодиркунӣ нисбати ҳамин давраи соли гузашта кам шудааст, ки самаранокии фаъолияти кории мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлати ин ноҳияҳо ва сохторҳои ҳудудии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ шаҳодат медиҳад.

### 21.2 (21.2., 21.3.) Шумораи ҷиноятҳое, ки аз тарафи ҷавонон содиршуда ва шомилшавии онҳо ба ҳаракатҳои ифротгароӣ ва тундрав

### 21.2. Шумораи ҷиноятҳо, ки аз тарафи ҷавонон содир карда шудааст

Содир намудани ҷиноятҳо аз тарафи ҷавонон дар соли 2020 дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон 1625 ҳолат ба қайд гирифта шуда, аз он дар шаҳрҳои Бохтар 166 ҳолат, Кӯлоб 180 ҳолат, Ёвон 102 ҳолат, Норак 74 ҳолат, Кушониён 79 ҳолат, Дустӣ 36 ҳолат, Вахш 75 ҳолат, Ҷайҳун 58 ҳолат, Ҷ.Балхӣ 73 ҳолат, Восеъ 82 ҳолат, Балҷувон 25 ҳолат, А.Ҷомӣ 40 ҳолат, Шаҳритуз 78 ҳолат, Хуросон 33 ҳолат, Қубодиён 49 ҳолат, Леваканд 44 ҳолат, Муъминобод 16 ҳолат, Панҷ 49 ҳолат, Ховалинг 36 ҳолат, Ҳамадонӣ 53 ҳолат, Ш.Шоҳин 27 ҳолат, Темурмалик 42 ҳолат, Н.Хусрав 22 ҳолат, Данғара 104 ҳолат ва Фархор 82 ҳолат ошкор ва ба қайд гирифта шудааст.

Гарчанде сатҳи ҷиноятсодиркунӣ дар байни ноболиғон дар соли 2020 дар вилоят 14 ҳолат кам гардида бошад ҳам, вале болоравии сатҳи ҳолатҳои ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷиноятсодиркунӣ аз ҷониби ноболиғон, аз ҷумла ҷиноятсодиркунӣ аз тарафи ноболиғон дар шаҳру ноҳияҳои Левакант (+1), Носири Хусрав (+2), Хуросон (+4), Қубодиён (+2), Ҷ. Балхӣ (+7), Норак (+4), Панҷ (+1), А. Ҷомӣ (+4), Балҷувон (+2), Данғара (+4), Муъминобод (+12), Фархор (+7), ба худкушӣ даст задани ноболиғон дар шаҳру ноҳияҳои Левакант (+3), Вахш (+2), Носири Хусрав (+2), Кӯшониён (+2), Хуросон (+1), Қубодиён (+1), Шаҳритуз (+2), Кӯлоб (+2), Темурмалик (+2), Фархор (+2), ҷой доштани ҳолатҳои монеъ шудан ба гирифтани таҳсилоти асосӣ дар шаҳру ноҳияҳои Левакант 2(3), Вахш 5(9), Носири Хусрав 2(2), Кӯшониён 10(13), Хуросон 2(4), Дӯстӣ 2(2), Ҷ. Балхӣ 3(3),Ҷайҳун 1(2), Панҷ 3(4), Шаҳритуз 1(1), Кӯлоб 1(4), Муъминобод 1(1), Фархор 2(2) ва Ховалинг 2(2), таълимоти ғайриқонунии динӣ дар шаҳру ноҳияҳои Бохтар 3 ҳолат ( бо фарогирии 9 нафар), Вахш 1(2), Дӯстӣ 1(9), Қубодиён 1(3), Ҷ.Балхӣ 2(6), Норак 2(5) ва А. Ҷомӣ 2(6) аз фаъолияти суст ва нокифояи комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдак ва мақомоти дахлдори ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои зикргардида дар самти таъмини иҷрои вазифа ва уҳдадориҳои базиммадоштаашон шаҳодат медиҳад.

### 21.3. Амалҳо ва натиҷаҳои пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ҳаракатҳои ифротгароӣ ва тундрав (банди 87 паём);

Дар давраи ҳисоботӣ ҷиҳати тарғибу ташвиқ ва фаҳмондадиҳии қонунҳо, қарорҳои Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Фармонҳо, муҳтавои баромадҳои Президенти мамлакат ва татбиқи амалии онҳо, тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон мебошад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки рафти иҷрои корҳои таблиғотӣ ҷиҳати пешгирии экстремизм ва терроризм, бахусус пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ҳар гуна ҳаракату равияҳои тундраву бегона дар ҷаласаи Шӯрои вилоятии мутобиқсозию методӣ оид ба таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон дар

назди раиси вилояти Хатлон натиҷагирӣ карда шуда, дар ин самт ба аъзои Шӯрои мазкур дастуру супоришҳои мушаххас дода мешавад. Бо мақсади пешгирии ҷавонону наврасон аз даст задан ба амалҳои номатлуб, шомилшавии онҳо ба ҳизбу ҳаракатҳои иртиҷоӣ, дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо, муассисаҳои таҳсилоти олӣ, миёна ва ибтидоии касбӣ, муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, корхонаву ташкилотҳо ва маҳалли зисти ноболиғону ҷавонон дар соли 2020 – 5387 адад мулоқоту вохӯриҳо, семинару машваратҳо, мизи мудаввар, суҳбат, баромад, барномаҳои алоҳида, намоишу мақолаҳо тавассути воситаҳои ахбори оммаи сатҳи вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ ташкил карда шуданд.

Бо мақсади баргардонидани ҷавонону наврасоне, ки дар донишкадаҳои динии хориҷи кишвар ба таври ғайрирасмӣ таҳсил менамоянд, дар якҷоягӣ бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ва дигар мақомоти дахлдор нақшаи чорабиниҳои муштарак таҳия гардида, бо мақсади ба Ватан баргардонидани онҳо бо падару модарони ин ҷавонон мунтазам сӯҳбатҳо гузаронида мешаванд.

Бо назардошти хавфнокии ҷиноятҳои самти экстремистӣ ва террористӣ фаъолияти ситодҳои амалкунандаи вилояти ҷоннок гардида, ҳамагӣ мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ 203 (2019-235) ҷиноятҳои хусусияти террористию экстремистидошта ошкор ва аз рӯи ин ҳолатҳо, нисбати 257 (2019-246) нафар парвандаҳои ҷиноятӣ оғоз кардаанд, ки аз ин парвандаи ҷиноятӣ нисбати 50 (2019-112) нафар барои ҷалб ва иштироки ғайриқонунии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар воҳидҳои мусаллаҳ, задухӯрди мусаллаҳона ё амалиётҳои ҷангӣ дар қаламрави дигар давлат мебошад.

Тибқи маълумотҳои расмӣ то 20 декабри соли 2020, 1863 нафар сокинони вилоят дар давлатҳои хориҷӣ ба таҳсили динӣ фаро гирифта шудаанд, ки 1755 нафари онҳо ба ҷойҳои зисти доимии худ баргардонида шуда, ҳоло дар хориҷи кишвар 108 толибилмон қарор доранд, ки аз ин нисбати 68-нафар бинобар ба ташкилотҳои террористию экстремистӣ шомил гардидан парвандаҳои ҷинояти боз карда шуда, дар кофтуков қарор доранд. Баҳри баргардонидани 42 нафар толибилмони дар хориҷи кишвар ғайриқонуни таҳсилдошта чораҳои зарурӣ андешида шуда, ба 42 – нафар волидони онҳо огоҳиномаи расмӣ супорида шуда, ба ин васила 7 – нафар дар давраи таҳлилӣ ба Ватан баргардонида шуданд.

Маълумотҳо доир ба ҳолатҳои ҷинояткорӣ дар мувофиқа бо маълумотҳои Прокуратураи вилоят, Раёсати Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон таҳия карда шудааст.

Ҳамзамон мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон эзоҳ додааст,ки маълумот оид шомилшавии ҷавонон ва ноболиғон ба ҳаракатҳои ифротгаро ва тундрав махфӣ мебошад.

**Пешниҳод:** мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он, барои иҷрои ваколатҳои Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ” оид ба таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ ва пурзӯр

намудани мубориза ба зидди ҷинояткорӣ, ҳамоҳангсозии фаъолиятро бо шуъбаҳои Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳру ноҳияҳои вилоят тадбирҳои иловагӣ андешанд.

**22. Маълумот оид ба иҷрои вазифаҳои Нақшаи чорабиниҳои сафарҳои кории Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон:**

**22.1. Рафти иҷрои супоришҳои сафарҳои корӣ, ки мӯҳлати иҷроишашон дар соли 2020 пешбинӣ гардидааст.**

Вобаста ба иҷрои нақша чорабиниҳо аз 2 сентябри соли 2019, №24/10-332 оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар ҷараёни сафари корӣ ба ноҳияҳои Балҷувон ва Ховалинги вилояти Хатлон аз 5 то 8 августи соли 2019 баён доштанд, бандҳое, ки мӯҳлати иҷроишашон дар соли 2020 пешбинӣ шудааст:

- банди 5 иҷрокунанда Саридораи геология Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- банди 15 Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- банди 20 Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- банди 28 Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- банди 31 ШСХК “Барқи тоҷик”;
- банди 32 Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- банди 36 мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва ноҳияи Балҷувон;
- банди 41 мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва ноҳияи Ховалинг;
- банди 45 Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- банди 48 Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- банди 57 мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва ноҳияи Ховалинг;
- банди 58 Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- бандҳои 59-60 Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст.

Вобаста ба иҷрои нақшаи чорабиниҳо аз 16 июни соли 2020, №24/10-230 оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар ҷараёни сафари корӣ ба шаҳру ноҳияҳои Бохтар, Ҷайҳун ва Данғараи вилояти Хатлон 28 – 30 майи соли 2020 баён доштанд бандҳое, ки мӯҳлати иҷроишашон дар соли 2020 пешбинӣ шудааст:

- банди 1 иҷрокунанда мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва ноҳияи Ҷайҳун;

- банди 17 Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- банди 21 Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- банди 29 Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- банди 35 Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- банди 37 мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он;
- банди 40 Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- банди 51 Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- банди 57 Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- банди 62 Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати ҶумҳурииТоҷикистон муайян карда шудааст.

Маълумотҳо нисбати 9 моҳа соли 2020 бе тағйир боқӣ мондааст.